АЛАМ

# МУНТАХАБОТ

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 83, 3 тоҷик
А – 47

Мураттиб ва муаллифи сарсухан
*Бароти ЛАТИФ*

Муҳаррири масъул
Абдулқодири Раҳим

Муҳаррир
Зиё Абдулло

А-47 **Алам.** Мунтахабот. – Душанбе, «Адиб», 2008, 224 с.

Мунтахаботи шоири охири асри X1X ва аввали асри XX Файз Алам (Аламӣ) аз ғазалу рубоӣ ва мухаммасу маснавӣ иборат буда, мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, васфи табиату ҳаёти иҷтимоии замони шоирро дар бар гирифтааст.

Аз мутолиаи мунтахабот ба мухлисони каломи бадеъ хуб аён хоҳад гашт, ки Алам яке аз шоирони тавонои замони худ буда, дар иншои аксар жанрҳои назмии адабиёт даст доштааст.

ISBN 978-99947-57-47-3

© Нашриёти «Адиб», 2008

# САРСУХАН

## ё кӯшише бахри ичрои як васияти муқаддас

Мӯйсафеди донишманду нуронӣ буд бобои Ҳикмат. Бо табассумҳои ширину гуворо, шеваи сухангустарии зебо бо овардани байту ғазалҳои муносиб, зуд меҳраш дар ниҳонхонаи дил ҷо мегирифт.

Падарам ба ин шахси бофазлу ҳунар эҳтирому муҳаббати хосае дошт ва бо ҳам соатҳои дароз нишаста, аз ҳар боб сӯҳбат мероростанд.

Борҳо аз қиблагоҳ шунида будам, ки бобои Ҳикмат, хондаю нохонда ба ҳар куҷо намеравад. Нафси кушта дорад. Мардум ба ҷуз некӣ аз ӯ чизи дигаре надидаанд. Каромот надошт, вале ба ҳар хонадоне по мениҳод, ба он даргоҳ файзу баракат мерехт. Ҳатто ба ихлосмандон тӯмору囑штов наменавишт. Ёд дорам, солҳои таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, боре ба хона омадам. Мӯйсафеди падарам баъди лаҳзае дамгирӣ фармуданд:

– Биё, писарам, якҷоя ба зиёрати бобои Ҳикмат равем. Сӯҳбати мӯйсафед рӯҳбахшу ҷонпарвар аст.

Чун вориди даргоҳи бобои Ҳикмат гардидем, дидем, ки ӯ бемор аст. Бо вуҷуди дардмандӣ моро хайрамақдам гуфт. Сӯҳбати мо гарм шуд. Мӯйсафед дар хусуси китобе сухан карда, изҳор дошт, ки дар

маҳаллаи Дуоби ноҳияи Мӯъминобод то солҳои аввали инқилоб Эшони Файз ном донишманде ҳаёт ба сар мебурд. Вай бо тахаллуси Аламӣ шеър мегуфт. Маҳорати баланди шеъргӯӣ дошт. Азбаски бо мо хешу табор буд, девони ғазалиёташро ба ман дод, то баъди сари ӯ меросашро соҳибӣ кунам. Мутаассифона, ҳангоми дар хона набудани ман ким-кадом комиссияи ҳукуматӣ девони ғазалиёти Аламиро аз хонаи мо гирифта ба шаҳри Душанбе бурдааст ва то ҳол аз қисмати он бехабарам. «Аз девони шоир, – гуфт оҳи бодарде кашида, – ғазалҳои медонистагиамро ба дафтаре навиштам. Ту, писарам, инро бо худ гир ва агар тавонӣ, он китобро дастраси хонандагон гардон».

Субҳи рӯзи дигар мунодие қиблагоҳамро ҷаноза хабар кард. Ин хабари шум қалбамро сахт такон дод, зеро бобои Ҳикмат бо ҷаҳон падруд гуфта буд.

Он солҳо, бинобар кам будани мутахассисон, донишҷӯёни факултаи шарқшиносӣ аксаран барои коромӯзӣ ба мамолики Арабистону Эрон ва Афғонистон фиристонида мешуданд. Мо ҳафт нафар донишҷӯёни курси чаҳоруми донишгоҳро барои таҷрибаомӯзӣ ва кор ба Афғонистон фиристоданд. Дар шаҳри Кобул, дар ҳайати қувваҳои ҳавоии Вазорати мудофиа ба ҳайси тарҷумон адои хизмат менамудам.

Баъди адои хизмат дар ин мамлакати ҳамҷавор ба Ватан баргаштам. Вале васияти бобои Ҳикмат дар бораи интишори ашъори Аламӣ аз хаёлам дур намешуд.

Рӯзе назди писари бобои Ҳикмат–махдуми Насриддин рафта, васияти падарашро пеши рӯ овардам. Ӯ гуфт: – Майлаш, дафтари ашъори Аламро медиҳам, вале бар ивазаш ба ман як китоби Қуръон медиҳӣ.

Ниҳоят китоби Куръонро ба амаки Насриддин додаму дафтари ашъори Аламиро гирифтам.

Ба мақсади дарёфти маълумоти бештар ба Институти осори хаттӣ рафтам. Маълум гардид, ки девони ғазалиёти шоир таҳти №1401 дар хазинаи дастхатҳои ин маркази илму фарҳанг нигоҳ дошта мешудааст ва он ҷо дар бораи шоир ва девони ғазалиёташ чунин навиштае будааст:

**Девони Алам**

«Автор – Алам полное имя и точные даты жизни неизвестны. Таджикский поэт конца XIX века, сведения о котором в источниках отсутствуют. Происходил из селения Дуоб, вблизи Куляба. В конце дивана (Л-137.Б-138а) имеет даты 1307-1890 и 1313-1895.

Диван содержит ғазели и мухаммасы, расположенные в перемежку (Л.1.Б-137а). Небольшое маснави «Соқинома – Книга виночерпия», (136а-137, Б) два тарихи Рубои (Л.137, Б-141а) начало…

Текст переписан в два столбца убористым среднеазиатским насталиком с элементами шикаста на плотной желтоватой слабо-лотоной Кокандской бумаге. На полях дополнения к тексту и муножоты Алама написаны тем же почерком, что и основной текст, но бледными чернилами.

Деф: Список не завершен, первые листы пострадали от сырости и порваны. Рукопись возможно автограф поэта, по полиграфическим данным датируется концом XIX века. 141.Л. Переплет Восточный черной кожи и поврежден грызунами».

Дар баробари саҳифаҳои бо гузашти айём зардшуда, муқова ва авроқи лабҳояшон даридаву мушхӯрда, абёти ним-ним аз байн рафтаи ҳошияи китоб, аз тарафи котиб-нусхабардори китоб низ

камбудиҳои зиёде содир шудаанд. Хусусан, дар вазни арӯз, имло, мантиқ ва мувозинати сухан ғалатҳо зиёданд. Аз ин рӯ бо маслиҳати мутахассисон зарур донистам, ки аз баҳри баъзе мисраъҳои нуқсондор гузарам ва баъзеи дигарро бо таҳрири ночиз пешкаши хонандаи завқманди шеъри Алам гардонам. Ба ман маълум гардид, ки дар дохили девон дар бораи худи шоир – Алам чизе гуфта нашудааст.

Ҷустуҷӯи сарнавишти шоир маро ба хонаи мӯйсафеди 95-сола, сокини деҳаи Дашти Ар-Ари (Чилдухтарон) ноҳияи Мӯъминобод – Ҳоҷӣ Умар бурд. Умар Идиев (раҳмати Ҳақ бар ӯ бод), ҳангоми сӯҳбат аз рӯзгор ва хулқу атвори шоир чунин гуфт:

«Эшони Файз – Аламӣ дар деҳаи Шохандози Дуоби ноҳияи Мӯъминобод зиндагӣ мекард. Ӯ марде буд хушқаду қомат, сиёҳчашму сафедрӯй, тануманд . Абрувони пайваста, бинии баланд ва табассуми латиф дошт. Хулқу атвораш низ зебо буд. Вақте ки шоирро гӯш мекардед, ба назар чунин мерасид, ки гӯё ҳар калимаро дар тарозуи ақл бар мекашида бошад. Наклу ривоятҳои зиёду аҷиб медонист. Вақти сӯҳбаташ касе сухане ба миён намеовард. Бо ҳар кас зуд забон мееёфт. Барои ӯ фарқ надошт ҳамсӯҳбаташ кист, хурд ё калон, худӣ ё бегона. Бо як дидан чунон муносибат мекард, ки гӯё сад сол боз ӯро мешинохта бошад.

Кӯдаконро дӯст медошт ва забонашонро хуб медонист. Ҳатто кӯдаки бадфеълу гирёнчакро метавонист ба зудӣ ором кунад.

Эшони Файз ба деҳаю хонаи мо рафтуомади наздик дошт. Ҳамин ки ба деҳа меомад, мӯйсафедону мардони баркамол ва мо, бачаҳои 14-15 сола, дар ҳузури ӯ ҷамъ мешудем.

Ман аз хурдӣ бачаи кунҷков будам. Ба ӯ саволҳои бисёре медодам. Вай ҳам, ҳамин ки маро медид,

«Ҳа, Умаралӣ, албатта, ягон савол доштагистӣ?», – гуфта мепурсид. Он вақт маро Худо медод. Саволборонаш мекардам. Ӯ бо тамкин ба ҳама саволҳо ҷавоб медод.

Дар давраҳои аввали инқилоб (солҳои 20-30-юми асри гузашта дар назар аст) пешвоёни дин, шайхону муллоҳо ӯро даъват карданд, ки дар ҷанги зидди «кофирон» бо онҳо ҳамроҳӣ кунад, вале Эшони Файз ба ин ризо нашуд.

«Дар ҳар сурат хун рехтан гуноҳ аст», – изҳор дошт ва пешниҳоди ба Афғонистон рафтанро ҳам қабул накард. Қаламрави Дуобро бисёр дӯст медошт ва «ман як каф хоки Ватанро ба тахти Сулаймон баробар намекунам», – мегуфт ӯ…

Ҳоҷӣ Умар аз Эшони Файз порчаҳои зиёди шеърӣ медонист. Ӯ, ки шеърҳои шоирро аз забони худи ӯ шунида, аз ёд карда буд, онҳоро бо як муҳаббати хоса мехонд.

Гуфтаю тахминҳои Ҳоҷӣ Умарро дар бораи шахсияти шоир Аламӣ, муносибаташ бо Инқилоби Октябр ва радди даъвати гурехтан ба Афғонистон аз ҷониби ӯ қобили қабул аст. Агар тахмин кунем, ки дар солҳои аввали инқилоб Эшони Файз 70-75 сола бошад, пас дар ин синну сол ба даст камон гирифта, ҷанг кардану дар мулки мардум овора гаштан кори оқил нест. Ӯ, албатта, медонист, ки дар пирӣ боқии умрро дар ғарибӣ гузаронидан ва сарсону саргардон шудан аз марг гаронтар аст.

Амакбачаҳои Эшони Файз – бародарон Насриддин Ҳикматов ва Бобо Ҳикматов, хешу таборони шоир – бобои Мирзошариф, раиси Ориф, муаллими Малик, бобои Исмат, Ҳаким, котиби Миралӣ ва боз чанде дигар аз бошандагони ҷамоати Тӯғараки ноҳияи Восеъ низ тасдиқ мекунанд, ки Аламӣ дар деҳаи Шохандози ноҳияи Мӯъминобод зиндагӣ кар-

да, дар ин ҷо дафн шудааст. Аз Дуоби Мӯъминобод будани шоир Аламӣ ҷои шубҳа надорад:

*Бишнавӣ ҳарфе зи ман: ороми ҷон бошад Дуоб,*
*Қитъаи охир зи сунъи Ломакон бошад Дуоб.*
*Дар баҳораш дида во кун, сӯи гулзораш нигар,*
*Саҳни гул, ҷои навои булбулон бошад Дуоб.*
*Чашмаҳояш сарду ширинанд дар фасли тамуз,*
*Роҳатафзои дили халқи ҷаҳон бошад Дуоб.*
*Ҳавзи ӯро кун тамошо, саф ба саф бат*[1] *будааст,*
*Манзили хуш, ҷои сайри ҳокимон бошад Дуоб...*

Аламӣ бародаре доштааст дар синну сол аз ӯ калонтар. Эшони Бузург мегуфтаандаш ва дар мадрасаи деҳаи Ҷавзодара дарс медодааст. Воқифони ҳол мегӯянд, ки дар ин мадраса 200-300 нафар толибилм дарс мехонданд.

Писаронашро Эшони Ҷалил ва Эшони Саид мегуфтаанд. Духтараш Бону ном дошта, тахминан дар синни 18-20 солагиаш вафот кардааст. Ӯ дар ин бора марсияе дорад пур аз сӯзу гудози падарона.

*Мусулмонон, маро қомат дуто шуд,*
*Ҷигар аз меҳри фарзандам адо шуд.*
*Гули сурхе маро дар ин чаман буд,*
*Зи боди марг рангаш каҳрабо шуд.*
*Ба бӯяш рӯзу шаб хурсанд будам,*
*Ниҳоли нозбӯи ман куҷо шуд?*
*Надорам тоқати доғи ҷудоӣ,*
*Азизон, моҳрӯи ман куҷо шуд?*

Аз ин мухаммаси пурсӯз пайдост, ки як писари ӯ низ барвақт даргузаштааст:

---

1. *Бат* – мурғобӣ.

*Касеро бар дилаш ҳам доғи сӯзони писар бошад,*
*Ҳамеша бо дили пурхуну доим чашми тар бошад.*
*Даруни сина аз нори фироқаш пуршарар бошад,*
*Маро зад бар ҷигар ҳам наштари ғам он ҷигарбандам,*
*Бисӯзад ҷону дил доим зи дарду доғи фарзандам.*

*Мусулмонон, чӣ созам ман, варо дигар намебинам,*
*Ки охир қомати зебои симинбар намебинам,*
*Дигар он чашми шаҳлову рухи аҳмар намебинам,*
*Маро зад бар ҷигар ҳам наштари ғам он ҷигарбандам,*
*Бисӯзад ҷону дил доим зи дарду доғи фарзандам.*

*Падарро ёд ояд аз лаби лаъли шакарбораш,*
*Расад пеши назар гоҳе хаёли қадду рафтораш,*
*Навишта шарҳи ҳиҷронро Алам бо чашми хунбораш,*
*Маро зад бар ҷигар ҳам наштари ғам он ҷигарбандам,*
*Бисӯзад ҷону дил доим зи дарду доғи фарзандам.*

Аз фарзандони шоир то имрӯз касе дар қайди ҳаёт намондааст. Ҳангоми тайёр намудани ин маҷмӯа маълум гардид, ки яке аз набераҳои шоир –Ҳотамшоҳ Зайниддинов ҳоло дар деҳаи Чилдухтарони Дуоби Мӯъминобод зиндагӣ мекунад ва муаллим аст.

Чӣ тавре қайд шуд, дафтари ашъори Аламро ман аз дасти Насриддин Ҳикматов, ки ҳоло дар деҳаи Хоҷаабдураҳмони Дуоби ноҳияи Мӯъминобод зиндагӣ мекунад, гирифтам.

Дар ин дафтар Эшони Файз дар мақтаи ҳар ғазал тахаллусашро «Алам» ё «Аламӣ» қайд мекунад. Маълум нест, ки ин дафтарро худи ӯ ё каси дигар рӯнавис кардааст. Дар ин бора дар Баёз ишорае нарафтааст.

Дар китоби Расул Ҳодизода «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри Х1Х» (қисми аввал) хусусан, боби дуввуми он «Маъхазҳои асосӣ барои омӯхтани

адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва боби 5 –уми қисми охир «Мулҳақот», ки ном, номи падар, соли таваллуд, вафот ва санаи зиндагии 395 нафар шоирони ин давр зикр шудааст, нисбати шоир Аламӣ маълумоте нест. Ҳамчунин дар китобҳои адабиётшиноси маъруф Амирбек Абибов «Ганҷи парешон» ва «Ганҷи Зарафшон» низ оид ба ин шоири хушсалиқа ишорае намеравад.

Ҷустуҷӯи Аламӣ ва китоби ӯ давом дошт. Банда дар хусуси муайян намудани шахсияти Аламӣ (Эшони Файз) бо шоирон Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода (рӯҳашон шод бод) ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, доктори илмҳои филологӣ Аламхон Кӯчаров ва номзади илм Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров низ сӯҳбат доштам. Онҳо ҳастии Аламиро чун шоир тасдиқ кунанд ҳам, дар бораи ӯ ва ашъораш чизе намедонистанд. Ҳангоми пурсуҷӯ С.Ҳакимзода тасдиқ намуд, ки якчанд ғазали Аламиро дар дасти марҳум Мухшул Холов, ки солҳои 50-60-уми асри гузашта дар шӯъбаи фолклори Академияи илмҳо кор мекардааст, дидааст. Баъди вафоти М.Холов порчаҳои ашъори Аламӣ ба дасти кӣ афтодаанд, маълум нест. Оид ба кӣ ва чикора будани волидайни ӯ, соли таваллуду вафот, дар куҷо таҳсил кардану бо кадом шоирони давр робитаи адабӣ доштанаш низ маълумоти дақиқе дар даст надорем.

Дар яке аз шеърҳояш Алам меорад:

*Ин Аламро камтарин дон аз муридони дараш,*
*Бар забонаш ҳар замон Хоҷа Баҳовуддин бувад.*

Аз ин бар меояд, ки ӯ дар тариқат худро аз муридони Хоҷа Баҳовуддин медонистааст.

Поёни умри шоир тахминан ба ибтидои асри XX рост меояд ва ин солҳо, ки бар асари Инқилоби Ок-

тябр басо пуршӯру пурташвиш буданд, шоирро маҳзуну дилтанг кардаанд:

*Эй дареғо, шуд дар ин даврон муҳаббат бартараф,*
*Ҳам зи фарзанду бародар раҳму шафқат бартараф.*
*Зумраи аҳли шақоват сар баровараданд боз,*
*Шуд зи байни анҷуман аҳли саодат бартараф.*
*Не адаб дар тифл дидам, не ҳаё андар занон,*
*Ҷайби пирон пур зи ғафлат буду тоат бартараф.*
*Не бародар даст гирад, не писар фармон барад,*
*Ҳам нисоёнро зи шавҳар шуд итоат бартараф.*

Аз ҷиҳати мазмун ғазали боло ба ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ «Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам» хеле наздик аст. Аламӣ дар шеър худро пайраву шогирди Хоҷаи Шероз ҳисобидааст. Ду мухаммаси Аламӣ бар ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз аст:

*Дорам ба дил ҳамеша шармандагии Хоҷа,*
*Созам ба худ муҳобот аз зиндагии Хоҷа.*
*Дорад нишона дар ман фархундагии Хоҷа,*
*«Сад шукр, боз гӯям аз бандагии Хоҷа,*
*Гар уфтад ба дастам он меваи расида...»*

Алам ба туфайли ин мухаммас худро дар назди Ҳофиз шармсор дида, зиндагии ӯро барои худ пурарзишу қимат медонад. Аз тарафи дигар мисраи «Сад шукр, боз гӯям аз бандагии Хоҷа» як байти аллома Шиблии Нӯъмониро ба хотир меорад:

*Гар худовандӣ талаб дорӣ дар иқлими сухан,*
*Бандагии Ҳофизи Шероз мебоист кард.*

Алалхусус, банди охири мухаммас:

*Гашта Алам сухангӯ, то дида шуд зи Ҳофиз,*
*Абёти дилкашеро варзида шуд зи Ҳофиз.*
*Якчанд лафзу маънӣ санҷида шуд зи Ҳофиз,*
*«Гар хотири шарифат ранҷида шуд зи Ҳофиз,*
*Боз о, ки тавба кардем аз гуфтаву шунида.»*

шаҳодатест бар гуфтаҳои боло.

Аз мутолиаи ашъори Аламӣ ба осонӣ пай бурдан мумкин аст,ки вай аз таърих, дин, адабиёт ва олами ботинии инсон хеле хуб огоҳ будааст.

Луғатномаи шоир аз калимоти илмӣ, динӣ, адабӣ, фалсафӣ ғанӣ аст.

Санъати талмеҳ дар ашъори Аламӣ хеле серистеъмол аст. Байтҳои зерин аз ҳунари баланди ӯ чун шоири ҳассос шаҳодат медиҳанд:

*Дар он ҳангомаи маҳшар, зи дӯзах бок кай дорам,*
*Маро дар сар агар васли хуши он моҳрӯ бошад.*

* * *

*Бигуфтам, ҳалқаи зулфат чаро сарпеч шуд? – гуфто:*
*Ки ин занҷири по гашту Аламро мубтало кардам.*

* * *

*Зи оҳу оташи ҳиҷрони он шӯхи дилорое,*
*Рагу ҷон чун таноби шамъ дар ҳар анҷуман сӯзад.*

*Зи баъди марг ояд ёди рухсори арақнокаш,*
*Маро аз оташи дил риштаи тори кафан сӯзад.*

* * *

*Дон, ки зулм аз дили золим ба тазаллум наравад,*
*Гарчи фарёд бувад мардуми зиндониро.*

* * *

*Доғ бар дил лоларо, з-ин рӯ шуда саҳронишин,*
*Дид ногаҳ оrazи гулнори зебои туро.*

*Биҳамдуллаҳ, ки ёрам соқии симинбар аст имшаб,*
*Шароби бӯсаи лаълаш чу шаҳду шаккар аст имшаб.*
*Зи маҳфил аз барам ногаҳ ба азми рақс чун бархост,*
*Замин миннаткашу зери қадам чун бистар аст имшаб.*
*Фалак шуд беқарор аз ғамзаи сарви қабопӯшам,*
*Тамошогар ба сӯяш ҳамчу чашми ахтар аст имшаб.*

Дар мисраъҳои боло маъниҳои ба васли ҷонон расидан, аз ҳангомаи маҳшару дӯзах тарс надоштан, дар ҳалқаи маъшуқа сарпечу мубтало гаштан, чун таноби шамъ дар ҳар анҷуман сӯхтани рагу ҷон, баъди мурдан ба ёд овардани рухсораи зебою беҳамтои маъшуқа, аз оташи дил сӯхтани риштаҳои тори кафан, баъди дидани орази зебои маъшуқа аз ғаму андӯҳи зиёд дар дил доғ гирифтану ба мисли лола дилхун шудан, тасвиру ташбеҳоти зебою ҷолиб мебошанд.

Ҳамчунин, бояд гуфт ки дар ашъори шоир ғазалҳои соддаю равон, хусусан, дар васфи табиату диёри зебоманзараш кам нестанд.

Ғазалҳои «Ороми ҷон бошад Дуоб», «Гаштаам бо қомати зебои он дилдор маст», «Биё, эй маҳҷабин», «Биҳамдуллоҳ, ки ёрам соқии симинбар аст имшаб», «Дар миёни фаслҳо зеби дигар дорад баҳор», «Дил мусаффо кун» ва даҳҳо ғазалҳои дигар басо самимию ҷаззоб гуфта шудаанд.

Аламӣ дар ғазали «Дар миёни фаслҳо зеби дигар дорад баҳор» симои нотакрори ин фасли солро хеле дилкаш ва ба андешаи мо дар пайравии ғазали Мирзо Абдулқодири Бедил «Асрори дигар дорад баҳор» ба қалам додаст. Байни ин ду қаламкаш дусад сол фосила бошад ҳам,ҳунармандона ба қалами тасвир гирифтани зебоии баҳор, боду ҳавои форам, сабзаву гулҳои рангин, савсану насрин, наргису нилуфар, печу тоби бунафша ва насими субҳдам гувоҳи ҳамназар будани ононанд.

Дар ҳар ду ғазал санъатҳои маънавии бадеӣ – ташбеҳ, истиора, хусусан, тавсиф хеле хуб истифода шудааст ва маҳз онҳо ин ғазалҳоро хушобурангу ботаровat гардонидаанд.

*Чашм во кун, ранги асрори дигар дорад баҳор,*
*Он чӣ дар фаҳмат нагунҷад, ҷилвагар дорад баҳор.*
*Соате чун бӯи гул аз қайди пироҳан баро,*
*Аз ту чашми ошноӣ он қадар дорад баҳор!*
*Каҳкашон ҳам поймоли мавҷи тӯфон гаштааст,*
*Сабзаро аз хоби ғафлат чанд бардорад баҳор.*
*Чашм то во кардаӣ, ранг аз назарҳо рафтааст,*
*Аз насими субҳ доман бар камар дорад баҳор.*
*З-ин чаман, Бедил, на сарве ҷасту на шамшод раст,*
*Аз хаёли қоматаш дуде ба сар дорад баҳор.*

**Бедил**

*Дар миёни фаслҳо зеби дигар дорад баҳор,*
*Сабзаи сероб чун лахти ҷигар дорад баҳор.*
*Зиннати рӯи замин шуд сабзаи гулҳои тар,*
*Андӯҳу кулфат зи дилҳо ҷумла бардорад баҳор.*
*Савсану сурӣ, назар кун, баста саф андар чаман,*
*Ёсуман бо наргису ҳам нилфар дорад баҳор.*
*Печишу тоби бунафша ҳамчу тоби маҳвашон,*
*Сунбули тарро, нигар, бар дида бардорад баҳор.*
*Дар баҳорон сайр кун себаргаю садбаргро,*
*Лолазори хубу зебо дар назар дорад баҳор.*
*Тарра созад оламеро турраи шабранги ӯ,*
*Муддате шуд ин Аламро бехабар дорад баҳор.*

Аламӣ бо Фаноӣ ном шоири ҳамасраш, ки аз рӯи тахмин дар Бухоро таҳсили илм карда будааст, дӯстии зиёд доштааст. Номи ӯ низ мисли Аламӣ дар китобҳои Расул Ҳодизода ва Амирбек Абибов, ки ба

адибони нимаи дувуми асри XIX бахшида шудааст, қайд нагардидааст.

Панҷ ғазали Фаноӣ дар Баёз оварда шудааст,ки онҳо асосан ҷавоби мактубҳои Аламӣ мебошанд. Дар мақтаи яке аз онҳо ӯ менависад:

*Алам гуфт ин суханро бо ҷанобат кард ирсолаш,*
*Умедаш ин, ки созӣ афв, агар ҳарфе хато бошад.*

Фаноӣ чун шоир ба каломи Аламӣ баҳои баланд дода, дар фуроварди ғазали ҷавобӣ навиштааст:

*На ман танҳо ба гулзори баҳорат офарин дорам,*
*Тамоми нуктасанҷонро ба ҳарфат офарин бошад.*

Номаҳои ҳар ду адиб бо арзу сипоси дӯстона, дуои ҷони якдигар, бо ихлосмандӣ ва шикоят аз ранҷурию дурӣ иншо шудаанд.

Аламӣ дар матлаи ғазали дигаре сипосгузорона, чунин дуо кардааст:

*Илоҳо, ҳоҷатат дар ҳар ду олам бораво бошад,*
*Биёбӣ мақсадат,ҳар чӣ ба дил гар муддао бошад.*

Фаноӣ бошад, дар ҷавоби ӯ чунин иброз медорад:

*Сазовори ситоиш ҳазрати Ҳақ-ул-мубин бошад,*
*Ки коми талх аз алтофи ёрон шаккарин бошад.*
*Дуои хоси ту иксир арбоби саодатро,*
*Тилои соф, дур аз ғаш,чу мум аз ангубин бошад.*

Шоир дар охири номаош бародари калонии Эшони Файз-Эшони Бузургро ёдовар шуда навиштааст:

*Салом аз мо расон,баргӯ Фаноиро дуо созад,*
*Мусаммо исми поки ӯ Бузурги поки дин бошад.*

Дар воқеъ, чӣ тавре дар боло ишора рафт, бародари калони Аламӣ – Эшони Бузург марди донишманд, соҳиби обрӯ ва иззату эҳтиром будааст.

Рӯзе ба утоқи кории Саидислом Амиров – сардори Идораи андози минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон даромадам. Ӯ бо номи «Суханварони диёри Восеъ» китоберо мутолиа мекард. Китобро саҳифагардон намудам.

Амир Сайиди Мункӣ – муаллифи китоб оид ба Аламӣ ва авлодони ӯ вобаста ба мақолаи банда дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» «Аламӣ-Эшони Файз» аз 13-ноябри соли 1998, менависад:

«Баъди мутолиаи мақолаи Бароти Латиф дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар ҷустуҷӯи авлодони шоир шудам. Бароям дар қайди ҳаёт набудани Эшони Бузург маълум буд. Эшони Бузурге, ки замоне дар шаҳраки Ховалинг умр ба сар бурдааст. Чоруми январи соли 1999, нимаи аввали моҳи рамазон буд, ҳангоми аёдат дидам, ки писари Эшони Бузург нобино гаштааст. Мо сари мақсад сӯҳбат кардем. Аз нақли Бобои Сангаҳмад маълум гашт, ки аҷдоди онҳо аз Даҳбеди Самарқанд ба Ёхсу омада, муқимӣ гаштаанд.

Бобои ӯ бо номи Эшони Бузург машҳур будааст. Вай шахси босавод, хатмкардаи мадрасаи шаҳри Бухоро, муриди ҳазрати Зелолак буда, дар Ҷавзодара ва дигар мадрасаҳои Ёхсуву Ховалинг мударрисӣ мекардааст. Бобои Бузург ду зан дошт, номи якеи онҳо Саъбагул буд ва дар мавзеи Ёхсу зиндагӣ мекард. Ӯ ба Ховалинг омада замин мехарад. Дар ҳамин ҷо умр ба сар бурда, аз дунё мегузарад. Турбаташ дар мазори Айюби Ансорист.

Писари Бобои Бузург Абдулазиз ном дошт, вале бо эҳтироми падараш вайро ҳама Бобои Бузург мегуфтанд.

Ӯ соли 1853 дар шаҳраки Ховалинг таваллуд шуда, соли 1965 дар синни 112-солагӣ вафот кардааст. Бобои Бузург 40 сол дар ин мазор чила нишастааст.

Бобои Бузург – Абдулазиз шоҳиди бисёр ҳодисаҳо буда, аз ҷумла, Шӯриши Восеъро ба устод Сотим Улуғзода ӯ нақл кардааст».

Баъди мутолиаи ин сатрҳо барои боз ҳам дақиқ намудани гуфтаҳои боло назди писари бобои Ҳикмат – Ҳикматов Бобо, ки ӯ низ Эшони Бузургро бобокалони худ мешуморад, рафтам. Вай тасдиқ намуд, ки дар ҳақиқат, Эшони Бузург бародари Аламӣ, аз Ховалинг зан доштааст ва дар ҳамон ҷо зиндагӣ кардааст. Ва чӣ тавре Амир Сайиди Мункӣ мегӯяд, мазори ӯ дар ҳақиқат дар қабристони Хоҷа Айюби Ансорист.

Оре, маълум аст, ки ватани бузургон сарҳад надорад, маҳали онҳо беканор аст. Онҳо мисли Эшони Файзу Эшони Бузург фарзанди ҳама мулку ҳама диёранд, онҳо тоҷиканд.

Гуфтаҳои Амир Сайиди Мункӣ далели пайванд ва ягонагии мардуми ин диёр аст.

Дар ашъори дастрасшуда сабаби тахаллуси Аламиро ихтиёр кардани шоир маълум нест. Вале аз ғазалҳои шоир, ки дар мавзӯъҳои гуногун гуфта шудаанд, пай бурдан мумкин аст, ки ӯро дарде пайваста азоб медиҳад:

*Эй Алам, дон ғами мо дар дили мо мӯниси мост,*
*Ҳар киро ғам набувад, кай сазад инсониро?*

Яъне инсони ҳақиқӣ, агар дарде надошта бошад, ба қадри бедардию беғамӣ намерасад. Ғайр аз ин ӯ дар ҳама ғазалҳо тахаллуси худ Алам-Аламиро бо ҳарфи алиф (I) меорад. Калимаи «алам» ба ҳарфи алиф маънои дард, озор, нохушӣ, ранҷро дорад.

*Гоҳ аз дӯст ғаме, гоҳ зи душман аламе,*
*Ғами он чанд кашему алами ин то кай?!*

– гуфтааст шоири сӯхтаи оташи ишқ – Бадриддин Ҳилолӣ.

Дарди Аламӣ, нохушии ӯ низ дар ҳар ду олам, дарди ишқ аст. Тавре ки дар боло қайд шуд, дар синни 18-20-солагӣ фавтидани духтараш Бону барои шоир дарди ҷонкоҳест. Алам нисбати ин фоҷиа марсияе дорад:

*Дорам андар дил аламҳо, аз дили зорам мапурс,*
*Айшу шодию фараҳ аз ҷони афгорам мапурс.*
*Зери чархи бемурувват нест осоиш маро,*
*Дарду доғамро нигар, аз чашми хунборам мапурс.*
*Ҷонканиҳо кардаам беҳуда ман дар умри худ,*
*Омадам дасти тиҳӣ, сад вой, аз корам мапурс.*
*Нест фарзанде маро, то улфатӣ бо ӯ кунам,*
*Монда ҳайрон, хонавайрон гашта, ночорам, мапурс.*

Мавзӯи ғазалиёти Аламӣ гуногун аст. Ишқ, дӯстию рафоқат, меҳнату одоб, касбу ҳунар, васфи ёру диёр, табиат ва мазаммати шайхони худбину худнамо ашъори ӯро басо рангину хоно кардааст.

Аламӣ анъанаҳои беҳтарин ғазалсароёни адабиёти классикиро давом дода, дар онҳо қабл аз ҳама шӯру шавқи қалби инсон, сӯзу гудоз, нозу ниёз, васлу ҳиҷрон, лутфу қаҳр ва беқарорию шикебоӣ барин кайфиятҳои ботинии дилдодагон, лаззатбахшии ишқ, ҷилваи ҳусн, некию хубии дӯст, зиштии рақиб, нишоту хуррамиҳои ҳаётро тараннум менамояд.

*Ӯ ба андак ҷонсупорӣ мезанад аз ишқ лоф,*
*Худ нигар, рақсидану ҳам қомати ларзони шамъ*

*Бигуфтам аз лаби ҷонбахши худ як бӯса деҳ бар ман,*
*Ду рухсораш чу барги гул арақ кард аз ҳаё кам-кам.*
*Бути симинбарам ранҷид, итобомез бо ман гуфт:*
*Ки хоҳам кард аз ин пас бо ту ман, ҷабру ҷафо кам-кам.*

Ба андешаи мо бузургии шоир дар он аст, ки ӯ тавонистааст дарду ҳасрати ошиқро шабеҳи нолаҳои қалби худ ба қалам диҳад. Орзую омол ва муроди дилбохтагонро бо суханони сеҳрангез ва ибораю таъбирҳое адо намояд, ки онҳо олами воқеӣ ва рӯҳонии инсонро фаро гиранд. Шоири дардошно дар аксарияти ғазалҳояш ормону умедҳои хонандаи худро ба дилу шуури мардум наздик мегардонад. Дар ғазалҳои ӯ тараннуми ишқ – ишқи заминӣ ва олами ғайб тавъам садо медиҳанд. Қаҳрамони Аламӣ на танҳо ба модар, Ватан, диёр, зан, хешу ақрабо муҳаббат дораду хайрхоҳ аст, балки чун ҳама инсонҳо аз олами ғайб низ дар канор нест. Вай низ аз Соҳибқудрат мадад меҷӯяд, хоҳиш дорад, ки ӯро дастгиру мададгор бошад. Соҳибқудратро Аламӣ созандаи Оламу Одам мебинад. Маҳз ӯ роҳбару роҳнамо аст, маҳз ӯ ба гӯши шоир мегӯяд, ки пайи иҷрои ин ё он амал бошад.

*Доимо аз ишқи ӯ бар дил садо бошад маро,*
*Ҳамчу булбул бо гули рӯяш наво бошад маро.*

Кист он олиҳа, он дилбари беҳамто ва дастнорас, ки ишқи ӯ мудом дар дили Аламӣ фарёд мезанад ва ӯ (Алам) чун булбул аз гули рӯяш дар шеван аст?

Ба фикри мо, ангуштшуморанд, ё умуман нестанд касоне, ки дар баробари ҳаёти реалӣ, боре ёди охират накунанд, оқибат чӣ шудану куҷо рафтани худро дар анҷоми умр ба хотир наоранд. Пас, инсон дар баробари тамоми талаботу заруратҳои худ аз қабили хӯрок, хоб, зан (мард), таъминоти оила, ишғол кардану доштани мавқеи хоси ҷамъиятӣ, ғизои маънавӣ (китоб, мусиқӣ) зарурати дигаре низ дорад. Мехоҳад бидонад, ки аз куҷо омадааст, куҷо меравад, баъди марг мукофоти амалаш чист?

Инсони комил ва соҳибхирад дар баробари соҳиб шудан ба тамоми талаботи худ дар олами моддӣ, чи тавре ки мегӯянд, хоҳишу таманниёти беҳудуди дигаре низ дорад. Аз ин ҷост, ки барои ба он хоҳишу орзуҳо расидан ҳамеша ранҷ мекашад, заҳмат мебинад, чун булбул ва чун шоир Аламӣ ҳамеша дар сӯзу гудозу шеван аст.

*Ин Алам дар миҷмари ишқат бисӯзад ҳамчу уд,*
*Ту вуҷудашро бубин, к-аз шӯъла шавқи ахгар аст.*

Ё худ дар ғазали дигар фармудааст:

*Он ки дилро ӯ рабуд аз бар, кӣ буда, ёр буд,*
*Он ки зойил кард ҳуш аз сар, кӣ буда, ёр буд.*
*Он ки ӯ дасти Алам бо доманаш рӯзи ҷазо,*
*Ҳам набошад ғайри ӯ дигар, кӣ буда, ёр буд.*

Оне ки дили шоирро рабудааст, ҳушашро дар сар зойил (маҳв) кардааст ва оне ки дар рӯзи ҷазо дасти Алам дар доманаш аст, агар ёр набошад, пас кист? Аламӣ бисёр устодона мегӯяд: «Ғайри ӯ дигар касе нест», яъне Ёр аст. Хонандаи закӣ ва хушзавқ бояд бидонад, ки он «ёр» кадом ёр аст, ки дили шоирро ба ин андоза рабудааст.

Чун ҳама пайравони тариқаи тасаввуф Аламӣ инсони пурра, комил, пухта ва бакамолрасида он касеро медонад, ки ӯ ба Офаридгор қаробат дошта бошад, ӯро шиносад ва эътироф намояд. Аз нуқтаи назари Аламӣ, инсон, агар ӯ комил бошад, аз пушти гунаҳ бояд тавба дошта бошад, сабр кунад, ба дода шукр намояд ва ба оянда умед баста тавонад. Вай дар ҳар қадам ёди ёр, ёди дӯст кунад.

*Ба даргоҳат фитодам ман, маронӣ бо дари дигар,*
*Аламро бо сагони кӯи худ, ҷоно баробар кун.*

* * *

*Кай шиносад ҷумлаи абнои даҳр*
*Қимати шоистаи ҷононаам.*
*Қадри гул булбул шиносад дар чаман,*
*Назди каҷфаҳмон аҷаб афсонаам.*

Аламӣ дар доираи ғазалҳои мавзуни ишқӣ ва ишқӣ-ирфонӣ ҳар ҷо, ки фурсати муносиб ёбад, аз одобу ахлоқ, масъалаҳои иҷтимоӣ, фалсафа, ҳикмат, панду андарз ва амсоли онҳо сухан ба миён оварда, ғояҳои инсондӯстонаи худро ба толибони ашъораш мерасонад:

*Кашидан меҳнати ҳиҷрону мурдан беҳ бувад, охир*
*Аз он умре, ки дилдорат ба ғайре ҳамнишин бошад,*

ё ин ки:

*Парирухсор, бингар, то кунам ҷонро фидои ту,*
*Ки ҷонам з-оташи ишқат чу шамъ андар лаган сӯзад.*

* * *

*Фурсати умрат, Алам, ашке ба мижгон будааст,*
*Чун ҳубоб аз ҷӯши мавҷе, шукри он дорам видоъ.*

Як сол қабл ман китоберо, ки бо қавли бобои Ҳикмат солҳои 30-юми асри гузашта ким – кадом комиссияе ба шаҳри Душанбе бурда буд, ёфтам.

Таҳлилу табдили он аз хатти арабӣ ба кириллӣ барои ман, мушкилии зиёд дошт. Вале акнун ҷои коҳилию дудилагӣ набуд. Мунтахаботи шоир Аламӣ ба чоп омода шуд.

# ҒАЗАЛИЁТ

Оғоз созам з-ибтидо ман боби бисмиллоҳро,
Бар дил занам дар ҳар нафас он ҳамзаи Аллоҳро.

Аввал зи ҷону дил бигӯ ҳамду санои Эзидӣ,
Бе ёди ӯ чун пай барам сарманзили ин роҳро?

Пас аз санои мустаъон[1] бо ту кунам равшан баён,
Аз сӯзи дил хонам ба ҷон наъти Расулиллоҳро.

Гӯям дуруди Мустафо аз сидқ ҳар шому сабоҳ,
Ҳар дам зи мо сад марҳабо шоҳи шафоатхоҳро.

Зоташ бувад бо Ҳақ қарин, шуд раҳматуллилоламин,
Буда шафеъулмузнибин ин уммати гумроҳро.

Аз баъди наъти ӯ кунам мадҳи Абӯбакри тақо ,
Тасдиқ дорам сидқи он шоистаи даргоҳро.

Иншо кунам васфи Умар, ҷонам фидои номи ӯ,
Дон мустақим дар роҳи шаръ он шоҳи диногоҳро.

Усмони Зинурайнро хокаш кунам кӯҳли басар,
Фазлаш, бубин, ҷамъ оварид ҳарфи Каломуллоҳро.

---

1. *Мустаъон* – Худо, касе ки аз ӯ ёрӣ мепурсад.

Бишнав зи васфи Муртазо, Шери Худо, солори дин,
Донӣ ба фавҷи душманон ғолиб Асадуллоҳро .

Бошад Алам бо ҳамду наът, бо мадҳи ёрон муштағил,
Бар дида созад тӯтиё хоки риҷолуллоҳро.

* * *

Эй аз хаёли оразат ҳастам чӣ дар сӯзу садо,
Чун андалеби хаста ман шаб то саҳар дорам наво.

Аз нашъаи ҷоми висол махмури лояъқил шудам,
Ҷоно, маризи ҳаҷрро бахш аз зулоли лаб даво.

То ман зи саҳбои лабат дорам тамаъ як ҷуръае,
Аз даргаҳи шоҳон, санам, навмед кай гардад гадо.

Рӯзе хиром орӣ агар бо зумраи дилдодагон,
Хезад фиғон, ҷорӣ шавад дар ҳар забон, сад марҳабо.

Ҷоно, муаттар оламе аз бӯи гесӯи ту шуд,
Орад насимат бар машом ҳар субҳдам боди сабо.

Юсуф, ки гашта мунташир, он ҳусни оламсӯзи ӯ,
Ҳайрон шуда пеши рухат, эй моҳ, аз ҷӯши сафо.

Аз ҷилваи рафтори ту, ҳам шӯълаи дидори ту,
Бо лаззати гуфтори ту, ҷоно, кунам ҷонро фидо.

Аз марҳамат хонӣ маро сӯят, аё дилдори ман,
Тоқат надорам, эй санам, то аз барат бошам ҷудо.

Ҳам ҷони ғамфарсуди ман, эй дилбари байзоҷабин,
Чун шамъ дар фонуси тан месӯзад аз сар то ба по.

Доғи муҳаббат бар дилам, аз фурқатат гар ҷон диҳам,
Дасти Алам дар доманат, овехт дар рӯзи ҷазо.

* * *

Ҳусни хубат кард шайдо ошиқи дилхастаро,
Васли ту аз дил рабояд кулфати барбастаро.

Бо тамошо бар чаман рӯзе агар орӣ хиром,
Сарв бо худ тан гирифта қомати бишкастаро.

Зулфи пурчинат шикаста сунбули серобро,
Нури рухсорат хиҷил, эй маҳ, гулу гулдастаро.

Моҳи нав лоғар ба чарху мунфаил аст, эй санам,
Дид ногаҳ бо назокат абруи пайвастаро.

Умр рафту қоматам гашта дуто аз ҳаҷри ту,
Бо камон восил муҳолот аст тири ҷастаро

Тӯтии гӯё забун аз нутқи гуфторат бувад,
Дар такаллум ор, ҷоно, он забони бастаро.

Шӯълаи шавқат Аламро сӯхт охир ҷону дил,
Ту, яқин, ахгар бидонӣ оташи биншастаро.

* * *

Эй маҳи байзоҷабину гулъузорам, марҳабо!
Симтан, нозукбадан, шӯхи аёрам, марҳабо!

Сар чу гӯй (?) дар арсаи меҳру муҳаббат бохтам,
Худ ба майдон ой зуд, чобуксаворам, марҳабо!

Нақш баста ҳам ба лавҳи дил саросар меҳри ту,
Ҷони ман қурбонат, эй зебонигорам, марҳабо!

Дар хазони ҳаҷр аз ғам об шуд ин пайкарам,
Ой сӯям як даме, тозабаҳорам, марҳабо!

Дар чаман бахри тамошо ой, эй зебосанам,
Зинати гулзор, саҳни лолазорам, марҳабо!

Орзу дорам, ки ой як шабе то худ кунӣ,
Пурсише дилдодагонро, дилфигорам, марҳабо!

Аз назокатҳо бубаста сунбули тар даври гул,
Дилбари лабшаккару эй ғамгусорам, марҳабо!

Дар саводи[1] ҳаҷр Алам гар кулбаам равшан кунӣ,
Эй қамарталъат, баро, шабҳои торам, марҳабо!

* * *

Ҳайфи он умре, ки шуд аз сӯҳбати дилбар ҷудо,
Кӯр гардад, чашм шуд аз рӯи симинбар ҷудо.

Гар напайвандад диле бо васли некӯчеҳрае,
Чун хафошак[2] будааст аз шӯълаи анвар ҷудо.

То нанӯшад ҳар касе аз бодаи лаъли лабаш,
Аз зулоли зиндагонӣ мебувад яксар ҷудо·

Ҳар кӣ шуд сӯзони нори ишқ, охир мекунад
Чун Самандар[3] хешро аз тӯдаи ахгар ҷудо.

Чун Арасту ҳар кӣ бошад пир, кори ӯ нашуд,
Хештанро ӯ кунад аз мулки Искандар ҷудо.

---

1. *Савод* – а)торикӣ, зулумот, сиёҳӣ; б) мамлакат, кишвар, қаламрав.
2. *Хаффошак* – кӯршапарак.
3. *Самандар* – мурғи афсонавие, ки гӯё дар оташ пайдо мешавад ва агар аз оташ дур шавад, мемирад.

Он диле маҳрум аз рухсораи ҷонона аст,
Шуд чу хоки сӯхта аз лолаи аҳмар ҷудо.

Саҷда н-орад гар саре бар хоки кӯи ёри худ,
Бод, ё Раб, аз тани он бебасорат сар ҷудо.

Бош доим, эй Алам, бо раҳбарони кӯи дӯст,
Ки дигар худро макун аз хизмати раҳбар ҷудо.

* * *

Эй, ки бошад шамъи маҳфил партави рӯи шумо,
Қимати ҳар ду ҷаҳон будаст як мӯи шумо.

Шуд каманди пои муштоқон ду зулфи пурхамат,
Захм бар дилҳо расад аз чашми ҷодуи шумо.

Зоҳидон дар масҷиду фикри намози хештан,
Қибла бошад ошиқонро тоқи абрӯи шумо.

Сарви мавзун мунфаъил аз қоматат, эй нозанин,
Сунбули тар шуд хиҷил аз бӯи гесӯи шумо.

Умрҳо шуд, дар фироқат нола месозад Алам,
Дарди ӯро шуд даво лаъли сухангӯи шумо.

* * *

Эй баҳори тозагӣ, бар ҷисму рӯҳи мо биё,
В-эй нигори симтан, бо он қади зебо биё.

Нолаи ҷонсӯз дорам дар ғамат чун андалеб,
Эй гули навруста, сӯи булбули шайдо биё.

Офтоби ошиқону моҳтоби дилбарон,
Рӯҳафзо, нури чашму дидаи бино, биё.

Бо аёдат ой, эй маҳ, назди ранҷурони ҳаҷр,
Хайрамақдам, марҳабо, эй марҳами дилҳо, биё.

Ошиқон гашта шаҳиди новаки мижгони ту,
Чун Масеҳо наздашон бо кардани эҳё биё.

То Алам дорад зи дарди иштиёқат сад алам,
Ҳолпурсӣ сӯи ӯ, эй шӯхи бепарво, биё.

* * *

Дар чаман то хуш хиромад сарви хушрафтори мо,
Қомати зебои ӯ шуд зинати гулзори мо.

Доғ дорад лола доим бар дили худ з – ин сабаб,
Мунфаил[1] гаштаст аз рухсораи дилдори мо.

Ҳар касеро ғайри ишқи ёр савдо дар дил аст,
Аз матои ҳусни ҷонон гарм шуд бозори мо.

Дарди ишқи он санам бигрифт сар то пои ман,
Заъфарон аз ҳаҷри ӯ шуд чеҳраи гулнори мо.

То равон кардам зи дард аз чашми худ сели сиришк,
Бар фалак гӯё расида нолаҳои зори мо.

Кардаам шому саҳар иншои васфи он парӣ,
Бошад оё мустамеъ[2] гардад ҳамин гуфтори мо.

Мекунад васфи ҷамолашро Алам бо ошиқон,
Тӯҳфа бо маъшуқ созад мисраи ашъори мо.

---

1. *Мунфаъил* – шармсор, дар хиҷолат.
2. *Мустамеъ* – шояд шунида шавад.

* * *

Ало, эй соқии мастон, биёр он шишаи мулро,
Ба махмурони май охир расон овози қул-қулро.

Хуморолудам, эй соқӣ, бидеҳ як ҷоми саршорам,
Чу булбул нола созам, гар бубинам хандаи гулро,

Ба сони мурғи бисмил метапам дар ҳаҷри он дилбар,
Намесозам мубаддал бо ду олам тори кокулро.

Бикардам хӯ ба дарди ишқи он маҳрӯи симинтан,
Ки аз рӯзи азал бо ишқ гардонад таносулро[1],

Бупарҳез, эй Алам, аз дурди минои дигар хубон,
Ки аз ҷоми висоли ёри худ созӣ тановулро[2].

* * *

Биё, эй дил, зи каф магзор як дам базми мастонро,
Ки як лаҳза ғанимат дон саҳоби майпарастонро.

Бинӯш аз ҷоми саҳбои азал охир майи гулранг,
Барорӣ наъраи мастона, бинӣ рӯи ҷононро.

Макун беҳуда умрат сарф бар найранги ин гардун,
Ба хоки кӯча яксон кард охир ҷамъи мардонро.

Хирадманд он касе бошад, ки ҷони худ фидо созад,
Ба дарди ишқ хӯ созад, наҷӯяд ҳеҷ дармонро.

---

1. *Таносул* – насл.
2. *Тановул* – хӯрдан, ошомидан.

Дили худ кардаам моил ба дарду доғи он маҳрӯ,
Зи шарми рӯ нафӣ[1] аз рух фиканд он моҳи тобонро.

Бидонистам, чу нақше зад мусаввир сурати ӯро,
Ки нақши гарди пояш сурмае шуд чашми шоҳонро.

Хиҷил созад ниҳоли қомати ӯ сарви саркашро,
Саводи[2] чашми масташ рам диҳад чашми ғизолонро.

Биҳамдуллаҳ, саодат ёру давлат раҳбарам гардид,
Ба зулмат ман қадам мондам, расидам оби ҳайвонро.

Дар айёми ҳаётӣ, метавонӣ, эй Алам, доим,
Бикун вирди забон васфи шафоатхоҳи исёнро.

* * *

Кард бо ман бахт ёрӣ, аз иноёти Худо,
Бар сарам карда тулӯе Офтоби пурзиё.

Лиллаҳулҳамде, ки чашмам нозири дидор гашт,
Шуд музайян боргоҳам аз қудуми авлиё.

Зарраи ночиз будам, балки кам аз зарра
Зилли давлат барфиканда бар сарам боли ҳумо.

Кардаам ҷонро нисори мақдамаш з-он рӯ, ки шуд
Соқии лабташнагон он абри файзи Кибриё,

Масти ҷоми ваҳдатӣ, эй Ҳодии[3] роҳи яқин,
Ҷуръае деҳ бо заифон, то шаванд аҳли сафо.

---

1. *Нафӣ* – инкор кард, рад кард, дур кард.
2. *Савод* – мардумаки чашм.
3. *Ҳодӣ* – ҳидоятгари ростӣ.

Шамъи дини Мустафо,волонасаб, олиҳасаб,
Муқтадои аҳли дину гумраҳонро раҳнамо.

Кошифи сирри азал, мустағрақи[1] дарёи нур,
Ҷомеи илму амал, сардори ҷумла атқиё[2].

Дар замонаш нест бар фазли касе мӯҳтоҷ ӯ,
Дар ду олам ҳоҷати ӯро Худо карда раво.

Баҳри илми қол[3] бошад дурри баҳри маърифат,
Ҳофизи дини расулу рофеъи ҳилму ҳаё.

Ман зи ҷону дил дуои давлаташ гӯям мудом,
Мефиристам ҳар нафас бо ӯ ҳазорон марҳабо.

Дорад уммеде Алам аз лутфат, эй маҳбуби Ҳақ,
То ки созӣ аз самими қалб бо ӯ як дуо .

* * *

Мо, ки дидем ҳамин анҷумани фониро,
Қасд кардем сарои ҳарами сониро.

Ба баҳорон сари ҳар сабзаву гул бол кушо,
То фаромӯш кунӣ барди[4] зимистониро.

Чарх агар шӯъбада созад ба ту, хушдил бошӣ,
Бикушо баҳри ризо уқдаи пешониро.

Сари таслим бинеҳ дар раҳи ҷонон чу Халил,
Ёбӣ аз оташи сӯзанда гулистонеро.

---

1. *Мустағрақ* – ғарқ.
2. *Атқиё* – порсой, парҳезкорӣ, покӣ.
3. *Илми қол* – илми баҳс, мунозира.
4. *Бард* – сармо, хунукӣ.

Дарду ғам бар сари оне, ки хирад бар сари ӯст,
Бехирад баъди адам хӯрда пушаймониро.

Дар ҷаҳони гузарон бигзарӣ аз айшу тараб,
Ки суруре набувад мардуми зиндониро.

Чун забеҳ[1] дар раҳи мавлои худ аз сар бигузар,
То биёбӣ ба иваз рутбаи қурбониро.

Алам аз кардаи худ донӣ(?) ки хунинҷигар аст,
Кашад аз дард зи дил нолаи афғониро.

* * *

Аз ҳаводис ҳар нафас бо табъи ношодем мо,
Ҳам ба оби ғам нахуст(?) таъмирбунёдем мо.

Худ ту, эй ғофил, даме мағрури осоиш мабош,
Мушти хокем андар ин саҳро, чу барбодем мо.

Чанд дар доми алоиқ мондаӣ зору забун,
Чашм бикшо, кун назар, аз ҷумла озодем мо.

Мекунад ин золи дунё ишваи шириннамо,
В-аз пасаш дар ҷонканиҳо ҳамчу Фарҳодем мо.

Як даме эмин машав аз дафтари ҳукми қазо,
Оқибат, дон, бо арӯси кӯр домодем мо.

Барниҳода дом дар роҳат аҷал, ҳушёр бош,
Бехабар аз ҳиллаву ин макри сайёдем мо.

Хонаи умри касонро марг вайрон мекунад,
Эй, Алам, андар адам донӣ, ки ободем мо?

---

1. *Забеҳ* – гулӯбурида, қурбоншуда.

* * *

Саргаштаву шайдо манам дар ишқи он ширинлиқо,
Месӯзам андар ҳаҷри ӯ чун шамъ аз сар то ба по.

Бар дӯши ман бори ғамаш ман дар вафо собитқадам,
Аз доғи фурқат мениҳад бар ҷони ман ҷавру ҷафо.

Омад хиромон бар сарам, ҷонам нисори мақдамаш,
Бар ман намесозад назар он дилбари бемарҳабо.

Номи хуши он дилрабо ҷорӣ шавад гар бар забон,
Ҳам ёди зикри номи ӯ дилро диҳад нуру сафо.

Бошад машоми ҷони ман аз накҳаташ анбарфишон,
Орад шамими гулшанаш ҳар субҳдам боди сабо.

Аз ҳусни оламсӯзи ӯ ҷонам бишуд дар изтироб,
Дилро рабуд аз ғамзааш он маҳваши гулгунқабо.

Аз ҷону дил вобастаам бо чеҳраи тобони ӯ,
Ҳам хонумони хешро бо ӯ ҳамесозам фидо.

Охир Алам дар ишқи ӯ саргашта чун паргор буд,
Бо ёди гулзори рухаш чун булбулон дорад наво.

* * *

Сабо, вақти саҳар орад насими дилкушоеро,
Бияфшон бар димоғам накҳати мушки хитоиро.

Ба фикри хеш будам ман, ба ёди ӯ биҳамдуллоҳ ,
Расонда бар дилу ҷон хуш навиди дилрабоиро.

Саодат ҳамдами дил гашту давлат ҳамнишини ҷон,
Шунидам муждаи неку паёми ошноиро.

Ба васлаш гар бупайвандӣ, тариқи хоксорӣ гир,
Мадеҳ зинҳор раҳ бар дил русуми худнамоиро.

Агар хоҳӣ шавӣ огаҳ, ба ҷайби нестӣ сар каш,
Ба авҷи мақсадат в-он гаҳ кушо боли расоиро.

Аламро доимо бо васли он маҳрӯ қарин гардон,
Бикун, ё Раб, баъид[1] аз вай ғами рӯзи ҷудоиро.

* * *

Гӯй, эй боди саҳар, манзили ёрам ба куҷо,
Яъне, маъвои бути шӯхи аёрам ба куҷо.

Ман, ки дар зулмати ҳаҷраш ба дили маҳзунам,
Бари ту орази он лолаузорам ба куҷо.

Ба ҷамоли ӯ надонам ба чӣ унвон бирасад,
Ҳоли зорам ба куҷо, сабру қарорам ба куҷо.

Гӯй, эй мушки сабо, муниси деринаи ман,
Ғамрабояндаи рӯзу шаби торам ба куҷо.

Рухи моҳу лаби лаъли маҳи симинбари ман,
Қади шамшоду хами зулфи нигорам ба куҷо.

Зору бемор манам аз аламу фурқати ӯ,
Марҳами синаи решу дили зорам ба куҷо.

Худ намедонам, Алам, Каъбаи мақсуд куҷост,
Раҳу рафтори ҳамон шоҳсаворам ба куҷо.

---

1. *Баъид* – хориҷ, халос, дур.

* * *

Эй маҳи симинбадан, бо чеҳраи тобон биё,
Дардманди ҳаҷр ҳастам, эй давои ҷон, биё.

Мондаам зору забун андар саводи фурқатат,
Охир, эй субҳи саодат, бар сарам рахшон биё.

Ташналаб дар водии ишқи ту ман саргаштаам,
Сӯи ман, баҳри Худо, сарчашмаи ҳайвон, биё.

Умрҳо шуд интизорӣ мебарам бо васли ту,
Шав хиромон, пеши мо бо қомати ларзон биё.

Косаи дарюза[1] бар каф чун гадоён дар ба дар,
Ман талаб дорам рухат, эй маъдани эҳсон, биё.

Об шуд аз дарди ҳаҷрат мағз андар устухон,
Бо маризи ишқ баҳри кардани дармон биё.

Талхкомам, эй бути чолоку шӯхи дилрабо,
Коми ҷон ширин бисозӣ, бо лаби хандон биё.

Масту махмурам ба ёди бодаи рангини лаъл,
Баҳри таскиноти дил бо зумраи мастон биё.

Маҳфили моро мунаввар соз аз нури қудум,
То ба сарвақти Алам бо зулфи мушкафшон биё.

---

1. *Дарюза* – гадоӣ.

* * *

Каримо, подшоҳо, бандапарвар, қодири доно,
Ду оламро яке кардӣ ба ҳарфи кофу нун пайдо.

Туӣ ҳаййи тавоно, сонеъи мавҷуди ҳар маснӯъ,
Ба фармонат замин сокин, фалак саргаштаву шайдо.

Ба ядди қудратат ҳам аз камоли санъ бечунӣ,
Ки худ ҳам аз адам мавҷуд кардӣ Одаму Ҳавво.

Чу аз лутфу карам кардӣ азиз он мушти хокеро,
Ниҳодӣ аз сари раҳмат ба фарқаш тоҷи каррамно.

Ба сад эъзозу икромаш фиристодӣ ба боғи Хулд,
Нишонидӣ ба тахти иззаташ дар ҷаннатулмаъво.

Шуда хориҷ аз он доруссурур бо хоҳиши зотат,
Ғариқи баҳри андӯҳ омада аз арсаи ғабро[1].

Зи тӯфони бало гарданкашонро рехтӣ бар сар,
Ба лутфат Нӯҳро додӣ зи ғарқи мавҷ наҷҷоно[2].

Шаби Айман бидодӣ тирарӯзӣ пури Умронро,
Ато аз меҳрубонӣ кардаӣ ӯро яди байзо.

Бигашта бар Халилат барди солим нори намрудӣ,
Зи фазлат нор шуд бӯстону гулшан хуштару зебо…

Шафоатро риҷоманд аст Алам, зоеъ магардонаш,
Ба нури сураи Ёсин, ба ҳаққи ҳурмати Тоҳо.

---

1. *Ғабро* – замин, хок.
2. *Наҷҷоно* – наҷотёбанда, ҳосилшаванда, наҷотёфта.

* * *

Агар он шӯх бинмояд баногаҳ рӯи зеборо,
Ба ҳусни хеш дар шӯру тааб[1] орад дили моро.

Ки охир модари гетӣ назояд кӯдаке ҳамто-ш ,
Падид овард аз нури вуҷудаш ҷумла ашёро.

Бувад чун пештоқи арҷмандӣ то ҷабини ӯ,
Баёзи гарданаш дода ҷило субҳи Масиҳоро.

Ба пеши хирмани ҳуснаш чу Юсуф хӯшачин бошад,
Зи эъҷози ҷамолаш то ба Миср орад Зулайхоро.

Шаби Айман[2] чу Мӯсо ҳам шафеъ овард номашро
Ба аъдо шуд асо, шаъбон намудаш Ядди Байзоро[3]

Бад – ин хубӣ маҳи ман бо лаби дарё гузар созад,
Ба афғон оварида моҳиёни тахти дарёро.

Замин миннаткаши макдам, фалак бинад хиромашро,
Нисори фарқи[4] ӯ созад дар он лаҳза париёро[5].

Хиҷил шуд сарв дар бӯстон ба ёди қадди мавзунаш,
Ба дида рам зи чашмаш шуд ғизоли кӯҳу саҳроро.

Алам, номи варо вирди забон созу итоат кун,
Ки Ҳақ аз баҳри ӯ ороста дунёву уқборо.

---

1. *Тааб* – ранҷ, азоб, мондагӣ.
2. *Айман* – муборак, номи водиест, ки гӯё ҳазрати Мӯсо (а) дар он ҷо бо Худо гуфтугӯ кардааст.
3. *Ядди Байзо* – киноя аз дасти мӯъҷизакори Мӯсо (а), ки гӯё ҳар гоҳ онро аз бағал мебаровард мисли Офтоб медурахшид.
4. *Фарқ* – баландӣ, боло.
5. *Парӣ* – маъшуқаи зебо.

* * *

Сабо, з-он шӯхи ширин баркушо банди ниқобашро,
Назар созам ба чашми хеш рӯи офтобашро.

Касе рӯяш бубинад, ҳуши ӯ зоил шавад аз сар,
Рабояд рӯҳро аз тан, барад аз дида хобашро.

Гиребон то ба домон пора созад ҷумла муштоқон,
Агар бинмояд он дилдор ҳусни беҳиҷобашро.

Гирифторанд бо қайди ғамаш дилдодагон охир,
Бад-он занҷири по зулфи хами пурпечу тобашро.

Саволи бӯса кардам, дод дашномам, ки мезебад,
Ба талхӣ з-он лаби ширин, чунин гӯяд ҷавобашро.

Машоми ҷон чи атромез гардад, гар сабо орад
Шамими турраи гесӯи ҷаъди мушки нобашро.

Зи худ рафтам, назар кардам ба рухсори арақнокаш,
Ба барги гул чу бастам, дидаам мавҷи гулобашро.

Зи сӯзи ишқи ӯ гардидаам дар изтироб охир,
Агар дарё барорад мавҷ, фано созад ҳубобашро.

Алам, дорӣ ба сар ранҷи хумори бодаи васлаш,
Бикун кӯшиш, биёбӣ нашъаи ҷоми шаробашро.

* * *

Биё як дам ту, эй шӯхи дилоро,
Ҷунунӣ кардааст ишқи ту моро.

Ҳамеша бо хаёлат роз гӯям,
Бисозам қосиди кӯят саборо.

Ба маҳҷурони васлат, эй маҳи ман,
Намо дидори худ, баҳри Худоро.

Ба сӯи қиблаи ҳоҷот доим
Барам аз баҳри ту дасти дуоро.

Дуои ҷондарозиро шабу рӯз
Фиристам бо ҷанобат, эй нигоро.

Шамими зулфи анбарбӯи ҷонон
Бикарда мунфаил мушки Хиторо.

Дури дандони лаъли обдорат
Шикаста гавҳари қимматбаҳоро.

Зи баҳри ин Алам, эй моҳи хубон,
Ту ҳам он рӯи зеборо биёро.

* * *

Хобу хӯр бигзор, аз андешаи ботил баро,
Азми кӯи дӯст кун, охир зи обу гил баро.

Бас хатарнок аст роҳат, монда пас аз ҳамраҳон,
Фикри зоди хеш кун, з-ин хона мустаъҷил[1] баро.

Дар тариқи васли ҷонон метавонӣ, сар бибоз,
Ҳамчу оҳи ошиқон худ аз замини дил баро.

Водии ишқи варо тай кун, ки ёбӣ огаҳӣ,
Бо суроғи кӯи ӯ аз ҷодаи манзил баро.

Бо хаёли фикри ӯ оинаро сайқал бизан,
Шаш ҷиҳат чун нури шамъ аз равзани қандил(?) баро.

---

1. *Мустаъҷил* – зуд, бошитоб, аҷала.

То ба ёди рӯи он маҳ созӣ узлат ихтиёр,
Ҳамдами танҳоӣ (?) шав, худ зуд аз маҳфил баро.

Рӯ ба сӯи ёр созу аз ҳама безор шав,
Ҳам ту аз кирдори зиштат, эй зи худ ғофил, баро.

Аз алоиқоти гардун хешро озод кун,
Метавонӣ, эй Алам, з-он пардаи ҳойил баро.

* * *

То аз он ғунчадаҳон гуфтор мебояд маро,
Нуктаи ширин ҳам аз дилдор мебояд маро.

Не ба дунё рағбати ман, не ба уқбо моилам,
Дар ду олам, эй рафиқон, ёр мебояд маро.

Айши ҳуру қасри ҷаннатро намесозам назар,
Аз таҷаллӣ партави дидор мебояд маро.

То кунӣ талқин шаҳодат бар сари ман вақти марг,
Аз лаби лаъли шакаргуфтор мебояд маро.

Дар хазони ҳаҷри ӯ чун булбулон дорам фиғон,
То баҳоромад, вале гулзор мебояд маро.

Интизорӣ мебарам баҳри қудумаш доимо,
Ишваи он шӯхи хушрафтор мебояд маро.

Аннавид, эй ҳамдамон, ҷони ҷаҳонаш офарид,
З-ин сабаб з-он моҳи гулрухсор мебояд маро.

Аз маи васлаш Алам дорад ба сар ранҷу хумор,
Соқиё, з-он соғари саршор мебояд маро.

* * *

Ба дарди ёр хӯ кун, то шавӣ мақбул бо дилҳо,
Зи сӯзи доғу дардаш ҳал нагардад ҷумла мушкилҳо.

Садои корвони умр меояд ба гӯши ман,
Машав, эй бехабар, ғофил зи хавфи роҳи манзилҳо.

Ба гирдоби ғуруރат ғӯта дода нафси нофарҷом,
Агар мардӣ, бикун озод худро з-он салосилҳо[1]

Ғуруру кибру уҷбат бо ту садди роҳ мегардад,
Зи теғи ҳилму фақрат мешавад мақтӯъ ҳоилҳо[2].

Алам аз ишқи рӯи ӯ ба ёрон достон гӯяд,
Ки шояд гардад арқомаш[3] нишону зеби маҳфилҳо.

* * *

Марҳабо, эй сарвинозу дилбари гулгунқабо,
Каҷкулоҳ, абрӯкамону мӯмиёну маҳлиқо.

Оразат ҳамчун қамар, лаълат шакар, эй симбар,
Ҳаст мижгонат синону ғамзаҳоят дилрабо.

Тавқғабғаб,хушназокат,писталаб,ширинсухан,
Будаӣ ҳубби набот, ё чашмаи оби бақо.

Тӯтӣ омӯхта (?) каломат, кабк рафтори хушат,
Рам гирифт оҳу зи чашмат, булбул аз унқат[4] наво,

---

1. *Салосилҳо* – силсилаи корҳое, ки гирифтори нафси бадат карда.
2. *Ҳоил* – монеа, мушкилӣ, ҳавлнок.
3. *Арқом* – ҷамъи рақам, дар ин ҷо ба маънои хат.
4. *Унқ* – баёзи гардан.

Зоғ дар байни гулу гул байни сунбул дарнишаст
Зоғ холи гулъузору сунбулат зулфи дуто.

Эй хиромончилва орӣ гар, ба сарвақтам хиром,
Ҷон нисори мақдамат, мебӯсам аз сар то ба по.

Хастадил, ранчурҷон аз доғи ҳиҷрони туам,
Лаъли ҷонбахши ту, ҷоно, шуд ба дарди ман даво.

Дар ҷаҳон умраш Алам масруф дар роҳат кунад,
Даст овезад ба домони ту дар рӯзи ҷазо.

* * *

Дӯш дар вақти саҳар омад насими ёри мо,
Накҳати гесӯи ӯ шуд равнақи гулзори мо.

Аз ғубори фурқати ӯ дошт чашмам хирагӣ,
Хоки кӯяш сурма шуд, бо дидаи хунбори мо.

Он хиромончилва дар бӯстон агар монад қадам,
Сарв гардад мунфаъил аз моҳи хушрафтори мо.

Ҳамдаме ку, ки бигӯям ҳоли зори хешро,
Ғайри он дилбар набошад маҳрами асрори мо.

Эй санавбарқоматам, андар барат гирам даме,
То ки таскин гардад аз васлат ҳама озори мо.

Хору саргардон шудам дар ишқат,эй тӯтисухан,
Кун ту пурсиш аз тараҳҳум, гул шавад ин хори мо

Бо Алам пинҳон намо васлат, биё аз ҷону дил,
То нагардад огаҳ аз ту душману ағёри мо.

* * *

Биё,эй нозанин, як дам бубин ин ҳоли зорамро,
Бидеҳ таскин зи васли хеш ҷони беқарорамро.

Сипандосо шудам ахгар ба нори маҷмари ишқат,
Наёрад санг тоқат, гар бубинад ӯ шарорамро.

Чу чарх аз ишқи рӯят доимо саргашта мебошам,
Ки гум кардам мани бе дасту по тадбири корамро.

Ба монанди саҳоб андар баҳорон зор мегирям,
Матар[1] гардад хиҷил, бинад ду чашми ашкборамро.

Бидеҳ, соқӣ, шароби арғувонӣ аз майи васлаш,
Шавад таскин дилам, аз сар барорад ӯ хуморамро.

Алам, ҳастам ман аз боди хазони ҳаҷри ӯ бемор,
Расон, ё Раб, ба сарвақтам, равони навбаҳорамро.

* * *

Чашми ман дорад назар бо рӯи тобони шумо,
Рӯҳ меболад ба тан аз лаъли хандони шумо.

Булбули табъам ба шавқ аз дил наво дорад мудом,
Орзу дорад кунад сайри гулистони шумо.

Мушки тоторӣ бишуд аз накҳати худ мунфаил,
З-ин чаман берун дамад чун бӯи райҳони шумо.

Ҷумлаи дилдодагон аз сӯзи ҷон гардидаанд
Пойбасти ҳалқаи зулфи парешони шумо.

Сунбулу гулҳо ба гулшан аз шамими худ хиҷил,
Буда пеши ҷаъди мӯи анбарафшони шумо.

---

1. *Матан* – борон.

Ҷон чу парвона бибозанд ошиқон бо завқу шавқ
Гар бубинанд орази шамъи шабистони шумо.

Сарви хандон бар лаби ҷӯ по ба гил во мондааст,
Бо хаёли қомати сарви хиромони шумо.

Эй қиёматхулқ, бар ҳоли Алам бингар зи лутф,
Ҳамчу най дар нолаҳо, бошад ба афғони шумо.

* * *

Нависам ман ба дафтар шарҳи васфи ҳусни ҷононро,
Забони хомаам созад музайян рӯи девонро.

Насими зулфи анбарбӯ хиҷил аз мушки тотор аст,
Лабаш бишкаст охир қимати лаъли Бадахшонро.

Ба дил роҳат фазояд аз табассумҳои нози ӯ,
Шуои гавҳараш беқадр дорад дурру марҷонро.

Надорад эҳтиёҷи ғоза[1] ҳаргиз рӯи зебояш,
Нашуд ҳоҷат ба нури ахтарон хуршеди тобонро.

Бибошад мунфаъил аз орази ӯ лолаи аҳмар,
Намонад равнақ аз нури рухи моҳаш гулистонро.

Саводи чашми масташ фитна бар чашми ғизолон зад,
Ки тори гесӯяш ошуфта дорад сунбулистонро.

Агар орад қадам ташриф ӯ дар манзари хубон,
Маҳи ман кард маҳбуб аз латофат нозбинонро.

Ба тавқи[2] ғаб-ғаби себи занах наззора мебояд,
Бимонда по ба гил аз қоматаш сарви хиромонро.

Аламро бар дилу ҷон васли он дилбар ҳавас бошад,
Илоҳо, ту расонӣ бар сараш матбӯъи эшонро.

---

1. *Ғоза* – сурхие, ки занон ба рӯй мемоланд.
2. *Тавқ* – ҳалқа.

* * *

Зи юмни бахт омад дар бар он симинбарам имшаб,
Биболад ҳам зи ташрифи қудумаш бистарам имшаб.

Бибозам ҷон чу парвона ба шамъи орази ҷонон,
Зи сӯзи ишқи дилбар лек чун хокистарам имшаб.

Бисот аз ман, нишот аз ман, нигори дилрабо аз ман,
Ба хобам, ё ба бедорӣ, набошад боварам имшаб.

Чу булбул дар гулистони висолаш ман наво дорам,
Шикаст аз ҷилваи он гул маро болу парам имшаб.

Таҷаллизор гардад маҷлис аз рухсори тобонаш,
Ба ҷуз фикри ҷамолаш, кай ба фикри дигарам имшаб.

Ба эҳзораш[1] шудам бе дасту по, гум кардаам худро,
Рабуда ҳуш аз сар, сабр аз дил, дилбарам имшаб.

Ба ишқат ин Алам, эй маҳ, чу мусиқор[2] менолад,
Биё, бингар ту сӯзи ҷону ин чашми тарам имшаб.

* * *

Бе рухат, эй маҳ, бибошад ҳоли мо дар изтироб,
Не ба дилҳо роҳате дорем, не бар дида хоб.

Дарди ҳиҷронат маро чун кард бесабру сукун,
Андаке марҳам на аз васли ту бо ҷони хароб.

Дар фироқат чун ғизолон рӯ ба саҳро кардаам,
Дил тараннум мекунад дар ёди ту ҳамчун рубоб.

---

1. *Эҳзораш* – дар ҳузураш.
2. *Мусиқор* – номи мурғи афсонавӣ.

Ташнаи чоҳи занахдони туам, эй нозанин,
Орзу дорам чашонӣ аз лаби лаълат шароб.

Дардмандам, омадам баҳри саволе пеши ту,
Бар умеде, к-аз лаби ширинат ояд як ҷавоб.

Хоки роҳат гаштаам, к-аз лутф гирӣ дасти ман,
Як нигоҳи марҳамат бо мо кун аз баҳри савоб.

* * *

Не ба рӯз аз ишқаш ором аст моро, не ба шаб,
Нола дорам ҳамчу най дар ҳаҷри ҷонон з-ин сабаб.

Дил тақозо мекунад дар кӯи ӯ созад тавоф,
Ӯ расад шояд ба васлаш, гар кунад имдод Раб.

Ман кӣ бошам, сар бибозам дар раҳи ӯ доимо,
Ҳам зи меҳраш ҷон диҳам,ҳам сар зи ман ӯро ҳадаб[1].

Бар мазоқи[2] ҷони мо ҳам шарбати лаълаш бувад,
Беҳтар аз ҳубби наботу хуштар аз шаҳди инаб.

Офарида Эзидаш ӯро чу аз нури сафо,
Манбаи ҷуду сахову маъдани хулқу адаб.

Ҳар кӣ бошад дар ҷаҳон дар умри худ бо завқу шавқ,
Ҷуз ба зикри номи ӯ ҳаргиз наҷунбонида лаб.

Ҳар ки бошад, эй Алам, бо номи ӯ иқрор буд,
Ҳам зи иқлими Аҷам, то сарҳади мулки Араб.

---

1. *Ҳадаб* – сар бахшидан, сар дар гарав мондан.
2. *Мазоқ* – ком, завқ.

* * *

Бишнавӣ ҳарфе зи ман, ороми ҷон бошад Дуоб,
Қитъаи охир зи сунъи ломакон бошад Дуоб.

Ҳар тараф гар бингарӣ, гулҳо шукуфта ранг-ранг,
Лолазораш бешумар, дигар чӣ сон бошад Дуоб.

Ҳам ба ҳар навъе, ки бошад, мева гуногун бувад,
Дар фавокеҳ[1], чун биҳишти ҷовидон бошад Дуоб.

Не ҳавояш гарму не сард аст, бошад мӯътадил,
Ҳар маконе хуш бувад, беҳтар аз он бошад Дуоб.

Чашмаҳои сарду ширин, дон, ки дар фасли тамуз,
Роҳатафзои дили халқи ҷаҳон бошад Дуоб.

Гар кунӣ бо ҳар баландӣ худ тамошо сабзаро,
Дон, ки мақбуле ба табъи оқилон бошад Дуоб.

Ҳавзи ӯро кун тамошо, саф ба саф бат[2] будааст,
Манзили хуш, ҷои сайри ҳокимон бошад Дуоб.

Шаҳриён аз хавфи дуздон қуфл бар дар мезананд,
Баҳри роҳат халқро доруламон бошад Дуоб.

Дар баҳораш дида во кун, сӯи гулзораш нигар,
Саҳни гул, ҷои навои булбулон бошад Дуоб.

Ҳам ба шарқу ғарби ӯ бошад ду баҳри бекарон,
Дон мусаммо, исми ӯ аз ин нишон бошад Дуоб.

Одамони ӯ, бидон, дар одамият будаанд,
Ин сухан бишнав зи ман: хушмардумон бошад Дуоб.

Фаҳм кун, ҳар қаряаш бахшида дилҳоро фараҳ,
Маъмури Хатлону беҳ аз Толиқон бошад Дуоб.

---

1. *Фавокеҳ* – меваҷот.
2. *Бат* – мурғобӣ.

Аз хироҷаш мешавад мамлӯ хазоини амир,
З-он сабаб дар дафтари Шоҳи Ҷаҳон бошад Дуоб.

Дон, Алам, охир ҳамеша бо ду оби мухталат[1],
Бо ватандораш беҳ аз айши ҷинон[2] бошад Дуоб.

* * *

Хез аз хоби гарон, эй хоҷа, бедорӣ талаб,
Масти ғафлат гаштаӣ ту, зуд ҳушёрӣ талаб.

Гар намехоҳӣ, ки ёбӣ мақсадат андар канор,
Аз дари мавлои худ бо гиряву зорӣ талаб.

То ба кай дар сайру роҳат, ту ба ғафлат хуфтаӣ,
Ҳуш дорӣ як даме зовияи[3] хорӣ талаб.

Дар паи нафсу ҳаво андар кашокаш гаштаӣ,
Домани соҳибдилеро гиру худ ёрӣ талаб.

Шарти эшон аст тасдиқи тақаллуб, булфузул,
Аз забони хеш он гаҳ руди[4] иқрорӣ талаб.

Лошаат[5] ланг аст Алам, борат гарон, роҳат шадид,
Чун расӣ охир ба манзил, ҳам сабукборӣ талаб.

* * *

Шӯхчашми хушнигаҳ худро намоён карду рафт,
Сели ишқаш хонаи дил зуд вайрон карду рафт.

Ҳамчу булбул дар наво будам ман аз ҳаҷри рухаш,
Аз шуои рӯи худ олам гулистон карду рафт.

---

1. *Мухталат* – якҷоя, ҳамроҳ.
2. *Ҷинон* – ҷаннат.
3. *Зовия* – меҳнат,заҳмат,кунҷ, канор.
4. *Руд* – садои эътироф, шинохтан.
5. *Лоша* – чорпои лоғар, заиф.

Як нигоҳи марҳамат андохт сӯям ногаҳон,
Лаъли майгунаш мисоли писта хандон карду рафт.

Ҳамчу мурғи нимбисмил ҷон тапид аз хандааш,
Ин дили садпорaро якбора бирён карду рафт.

Рӯи худ гардонд он маҳ, кард бо саҳро назар,
Аз рухи ӯ лола бар дил доғ пинҳон карду рафт.

Заррае аз маҷмари ишқаш фиканд оташ ба дил,
Ҷисму ҷонамро ба мисли уд сӯзон карду рафт.

Чашми ман аз ҳаҷри он дилбар бигиряд зор-зор,
Ҳамчу Яъқуб кулбаамро байтулэҳзон карду рафт.

Будаам дар ҳаҷри он Лайлӣ чу Маҷнун дар ба дар,
Бо имое ҷисми моро хонавайрон карду рафт.

Гаштаам манзур бо ӯ то ки бинад ҳоли ман,
Чун ғизоле аз барам рӯ дар биёбон карду рафт.

Рӯзу шаб аз дарди ишқаш чун сипеҳрам беқарор,
Бо Алам дарду ғамаш он ёр эҳсон карду рафт.

* * *

Ошиқи рӯи туам, дилбари ширинҳаракот,
Ҳастӣ(?) бар ташналабон тозатар аз Оби ҳаёт.

Оразат ҳаст чу хуршеди муҷалло равшан,
Лабат омӯхта ширинии худ ҳубби набот.

Ҷилваи сарви қадат ошиқи бедил бинад,
Масту мадҳуш шавад, ҷон бидиҳад дар сакарот.

З-он ки ҳар дилшуда пеши қадамат ҷон бидиҳад,
Ёфт ӯ рутба зи фазли Ҳақу чандин дараҷот.

Ташбеҳи рӯи ту дар ҳар ду ҷаҳон ҳеҷ набуд,
Ҳам таҷаллӣ ба рухат рехта аз партави зот.

Ба сари кӯи ту рафтан чу маро дастам нест,
Ҳама дам, дар ҳама ҷо мо зи ту дорем сифот.

Ҷумла ҳастем ба ҳомуни фироқат нолон,
Мефиристем ба ҷон мо ҳама бар ту салавот.

Бохт умраш Аламӣ дар раҳи ту, эй маҳи ман,
Даст бар домани поки ту бувад дар арасот

* * *

Соқӣ аз саҳбои ишқаш май чу дар паймона рехт,
Нашъа бар зарфи ҳарифони ҷаҳон мастона рехт.

Дар хумори ҳаҷри ӯ аз толеъи масъуди ман,
Бодаи рангини васлаш сархуш аз майхона рехт.

Пеши шамъи орази зебои он маҳпайкарам
Гашт ахгар ҷисми ман, ҳамчун пари парвона рехт.

Аз раҳи таҳқиқ бингар баҳри мӯи маҳвашон,
Ҳам ба дард овард мағзу устухону шона рехт.

Шӯҳраи ҳуснаш ба гӯши ҳар шаҳаншаҳ мерасид,
Тоҷ аз сар, аз бари ӯ хилъати шоҳона рехт.

Ошиқи бечораро орӣ нашуд аз ному нанг,
Обрӯи хешро андар раҳи ҷонона рехт.

То ба лавҳи дил зи рӯи дафтари авсофи ӯ,
Ҳам зи хуни дил рақам карду ҳазор афсона рехт.

Хостам меҳраш ниҳонӣ бар дили худ ҷо кунам,
Сар кашида шӯъла ҳусну оташе дар хона рехт.

Бо ҳама саргаштагиҳо дорад уммеде Алам,
Осиёро дод рӯзӣ, дар гулӯяш дона рехт.

* * *

Дар ҷаҳон айше маро ҷуз сӯҳбати дилдор нест,
Шарбате бар коми ҷонам беҳ зи лаъли ёр нест.

Оҷизони дарди ҳиҷронро ҳаловат бӯи ӯст,
Лаззате бар чашми ошиқ беҳтар аз дидор нест.

Ҷон бидеҳ, ишқаш бихар, то шӯҳра гардӣ дар ҷаҳон,
Бо асири кӯи ӯ, донӣ, ки беҳ з–ин кор нест.

Кӯр бодо дидае, ки нангарад нури ҷамол,
Ё забоне кунда беҳ, бо номи ӯ иқрор нест.

Аз балои нафси шайтон дар ҷаҳони пурғурур,
Гар панаҳ хоҳӣ, бидон, ҷуз даргаҳи Ҷаббор нест.

Бо ҳавои кӯи ҷонон ҷону тан дарбохтан
Ошиқонро дар раҳи маъшуқ нангу ор нест.

Ин Алам андар шуои оразаш нолон бувад,
Ҳеҷ булбул дар гулистон, бин, ки бе гуфтор нест.

* * *

Дар баҳористони васли ӯ баҳори дигар аст,
Аз паи гулзори ҳуснаш лолазори дигар аст.

Мунтазир аст ошиқи бедил ба роҳи мақдамаш,
Дон, ки андар интизораш интизори дигар аст.

Ташнагонро ҷоми васлаш бишканад ранҷи хумор,
Кун муқаррар, соқиё, бо ман хумори дигар аст.

Мазраи ҳар кас биёрой, касе ахзар шавад,
Заръи[1] моро, шукри Иллаҳ, обёри дигар аст.

То инони он санам доим бисӯзондӣ, бинол,
Ошиқи зори варо сӯзанда нори дигар аст.

Умри худро кун, Алам, масруфи ишқи он нигор,
Ҷон бибозӣ дар раҳаш, ин кор кори дигар аст.

* * *

Лаб ташна бас аз ҷоми зулоли лаби ёр аст,
Дил бастаи доми хами гесӯи нигор аст.

Шаб рӯз намояд зи висолат ба мани зор,
Бе рӯи дилорои ту рӯзам шаби тор аст.

Маҳҷураму саргашта дар ин водии ҳиҷрон,
Умрест, ки ҷон дар паи он тозабаҳор аст.

З-он бодаи рангин, ки кашиданд ҳарифон,
Бо ман бидеҳ, андар сари ман ранҷи хумор аст.

Бо дида бирӯбам, санамо, роҳи қудумат,
Хоки дами даргоҳи ту ин фахр, на ор аст.

Бар ошиқи дилхаста агар васл намоӣ,
Ҷону тану сар бар кафу пешат ба нисор аст.

З-он оби бақо, яъне зулоли лаби нӯшин
Бахшӣ ба Алам, хушклабу хаставу зор аст.

---

1. *Заръ* – зироат.

* * *

Дил зи нори ишқи дилбар дар тапиш гардиду сӯхт,
Ҷон чу парвона ба шамъи оразаш рақсиду сӯхт.

Ҳар киро чашмаш фитад бар орази зебои ӯ,
Андалебосо ба гулзори рухаш нолиду сӯхт.

Ошиқи бечораро доман гирифта ҳусни ӯ,
Ҳамчу уд(?) дар миҷмари ишқаш фурӯ ғалтиду сӯхт.

Хуни дил аз дида резон мӯътакифи ҳаҷрро,
Шамъсон сар то ба по аз шавқи ӯ шориду сӯхт.

Ҳар кӣ шуд саргаштаи кӯяш, бишуд дар изтироб,
Чун саҳоб аз дида ашки бекарон бориду сӯхт.

Ҳар кӣ ӯ дар кунҷи ғам ёд аз ақори[1] ӯ кунад,
Кулфату андӯҳу ғам дар синааш хобиду сӯхт.

З-иштиёқаш ин Алам дорад наво булбулсифат,
Ҳар шабе то субҳдам бо дарди дил зориду сӯхт.

* * *

Қатъи фонӣ кун даме, соз аз тамаъ кӯтоҳ даст,
То ки канзи[2] боқӣ ояд мар-туро осон ба даст.

Зуд меояд зи кӯшиш ганҷи мақсудаш ба каф,
Ҳар кӣ ӯ бо худ камар дар роҳи ҳақ мардона баст.

Хоҳӣ (?) гардад мар туро ҳам авҷу иқболат баланд,
Пой берун неҳ аз он кошонаву меъмори паст.

---

1. *Ақор* – мулк.
2. *Канз* – ганч, сарват.

Аҳли роҳат мешавад бо ранҷу хорӣ ҳамқарин,
Дар риёзат ҳар кӣ кӯшад, аз ғаму андӯҳ раст.

Умр зоеъ кардаӣ бо ишваи золи ҷаҳон,
Хез аз хоби гарон, гардидаӣ мадҳушу маст.

Аз дарои[1] корвони умр ояд ин садо:
Рафтанат омода бошӣ, нестат ҷои нишаст.

То ба кай хушгил фарозӣ бар сари хони касон,
Соз шайдоӣ, Алам, хӯр тӯъма аз бозую даст.

* * *

Маҳваше дорам, ки ҷуз ӯ дилбаре даркор нест,
Ошиқам бо рӯи моҳаш, дигаре даркор нест.

Ринду қаллобам, ба кӯи ишқи ҷонон бенаво,
Муфлису урам, қабову афсаре даркор нест.

Андалебам, вола бо даври гулистони рухаш,
Зор менолам, маро болу паре даркор нест.

Аз таҷаллиёти рӯяш шуд мунаввар кулбаам,
Ҳам шуои нури моҳу ахтаре даркор нест.

Дар хароба гар бибошад ёди дилбар мӯнисам,
Хуш маро ин буда, қасру манзаре даркор нест.

Куштаи тири нигоҳи фитнаи чашмаш манам,
Бо шаҳиди новаки ӯ ханҷаре даркор нест.

Ташнаи оби зулоли лаъли он зебонигор
Шуд Алам, ӯро чу ҷоми аҳмаре даркор нест.

---

1. *Даро (и)* – занг, ҷарас.

* * *

Дӯш дил дар бар тапиду накҳати дилбар гирифт,
Меҳри он дурри ягона чун садаф дар бар гирифт.

Шуд мусаффо аз дараш нури таҷаллӣ рух намуд,
Равшанӣ аз ҷоми Ҷам миръоти Искандар гирифт.

Хостам аз дил ниҳонӣ ишқбозиҳо кунам,
Баҳри ишқаш хушнаво ҳам ҷилваи дигар гирифт.

Баҳри моҳи орази он маҳ парешонҳол бош,
Зулф шуд ошуфта, то хуршедро дар бар гирифт.

Ҷониби саҳро назар кард он маҳи гулпираҳан,
Зеб аз рухсораи ӯ лолаи аҳмар гирифт.

Мунташир шуд шӯҳраи ҳуснаш саропои ҷаҳон,
Савлат аз фағфури Чину шавкат аз Қайсар гирифт.

Бохтаст умре ба ёдаш, лек ҳам бо ҷону дил,
Ин Алам доғи ғами он моҳи симинбар гирифт.

* * *

Кучҷоӣ, эй санам, бинам ҷамолат,
Дилам шуд шефта бо хатту холат.

Асирам, дардмандам, кун давое
Маро аз шарбати ҷоми висолат.

Ба зери чарх, яъне рубъи маскун,
Надида чашми бинанда мисолат.

Ба ҷайби фикр бурдам доимо сар,
Ба дил дорам таманно бо хаёлат,

Бидодам ҷони ширинро, ту як бор
Намепурсӣ: «Ғарибо, чист ҳолат?»

Зи нори ҳаҷри ту ман ташнаҷонам,
Бидеҳ аз шарбати лаъли зулолат.

Намо раҳме ба ҷони хастаи ман,
Дуоҳо мекунам ҳар моҳу солат.

Шуои ҳусни ту равнақпазир аст,
Худо бошад нигаҳдор аз заволат.

Алам дар доғи ишқат мубтало аст,
Варо хон бар сари хони наволат[1].

* * *

Бо оразі ту лола ба кӯҳсор шикастаст,
Сарви қади ту сарв ба гулзор шикастаст.

Аз зулфи сумансои ту, эй маҳваши симин,
Мушки Хутан аз нофаи тотор шикастаст.

Бо фавқи фалак шӯълаи он меҳри ҷаҳонтоб,
Хуршеди рухат моҳи пуранвор шикастаст.

Бо сӯи чаман гар равӣ аз баҳри назора,
Холу хатти ту равнақи гулзор шикастаст.

Аз бӯи хушат оламе гардида муаттар,
Кофуру хатир[2] таблаи аттор шикастаст.

1. *Навола* – хӯрок.
2. *Хатир* – қадру қимат, бузургӣ.

Эй дурри гаронмоя, туро қадр фузун аст,
Роҳу равишат оини ағёр шикастаст.

Аз амтиаи[1] ҳусни ту, эй моҳи дилафрӯз,
Ҳар ҷинс, ки ӯ ҳаст, ба бозор, шикастаст.

Бигрифт, Алам, сити[2] рухаш сатҳи заминро,
Руму Ямани хиттаи Булғор шикастаст.

* * *

Дилбарам дар маснади хубӣ аҷаб зебо нишаст,
Меҳри ҷонафрӯзи ӯ охир ба ҷони мо нишаст.

Ҳар киро фикраш ба дил ояд чу бо сӯзу гудоз,
Баргузашт аз хонумон, дар гӯшае танҳо нишаст.

Бо хаёли оразаш сад чок созад пираҳан,
Сарв дар бӯстон ба ёди қоматаш бар по нишаст.

Дидаи наззора болад бо тамошои рухаш,
Ҷӯш зад гар ҳар диле, аз ишқи ӯ савдо нишаст.

Шуд парешон ҳоли сунбул бар лаби ҳар обшор,
Аз шамими ҳалқаи зулфайн анбарсо нишаст.

Дид лола ногаҳе рухсори тобони варо,
Доғ бар дил, шуд хиҷолатманд, дар саҳро нишаст.

Нақш баста меҳри он маҳ бар дилу ҷони Алам,
Ҳамчу гавҳар дар садаф хобиду дар дарё нишаст.

---

1. *Амтиа* – матоъ.
2. *Сит* – овоза, шӯҳрат.

* * *

Моили дунёи дунам, буд ин корам абас,
Аз пайи нафси дағал ман саъйҳо дорам абас.

Не тавозӯъ, не адаб, не ҳилм, не табъи салим,
То ки аз хӯи дуруштам мардумозорам абас.

Баҳри Ҳақ дар зиндагӣ ашке бирезонам ба каф,
Баъди мурдан, ҷӯи хун аз дидаам борам абас.

Ё Раб, ар лутфе намоӣ аз низоми кори ман,
Ҳам бувад сарриштаи рӯзу шаби торам абас.

Нури биноӣ зи баҳри дидаи дил барфурӯз,
То ки бинам ишваи дилдор, нагзорам абас.

Дар паи лаззоти шаҳвонӣ бирафт умрат, Алам,
Ҳамчу зоғон дар талоши даҳри мурдорам абас.

* * *

Эмин мабош як дам аз ахтари ҳаводис,
Бишкаст кохи шоҳон аз лашкари ҳаводис.

Ҳаргиз махӯр фиребе аз макри золи гардун,
Захме расад ба ҷонҳо аз ханҷари ҳаводис.

Аз муҳдасоти олам асло машав ту ғофил,
Аз ҳар ҷиҳат муҳайёст ҳам шашпари[1] ҳаводис.

Чун лола сурхрӯӣ, дар даҳр бош огаҳ,
Бар оразат нишинад хокистари ҳаводис.

---

1. *Шашпар* – гурзе, ки шаш пара дорад.

Дар бар қабои дебо, бошӣ ту шод, ногоҳ
Бар тораки ту ояд ҳам афсари ҳаводис.

Сарв аст қомати ту дар гулшани ҷавонӣ,
Ҳамчун камон хаманда аз пайкари ҳаводис.

Охир Алам дар ин дор, дон муғтанам[1] ту фурсат,
Номи ту маҳв набвад аз дафтари ҳаводис.

* * *

Мешавам аз ишқи хубон гоҳ зарду гоҳ сурх,
Бо хаёли рӯи ҷонон гоҳ зарду гоҳ сурх.

Косаи дарюза[2] бар каф дар талаб аз ҷоми васл,
Дар ба дар ҳамчун гадоён гоҳ зарду гоҳ сурх.

Дар ҳавои бодаи лаълаш ба худ дорам хурӯш,
Будаам монанди мастон гоҳ зарду гоҳ сурх.

Шӯълаи ҳусни ҷаҳонсӯзаш ба дил шуд мавҷзан,
Гаштаам бемору нолон гоҳ зарду гоҳ сурх.

Шӯълаи оҳам ба ранге мебарояд аз ҷигар,
Мисли гул андар баҳорон гоҳ зарду гоҳ сурх.

Зад шарора дуди дил охир, ба навъе мешавад,
Шӯълаи норе, ки сӯзон гоҳ зарду гоҳ сурх.

Бар Алам раҳме намо, эй маҳ, ки андар баҳру бар
Гаштааст ӯ чун ғарибон гоҳ зарду гоҳ сурх.

---

1. *Муғтанам* – ғанимат.
2. *Дарюза* – гадоӣ.

* * *

Лашкари ишқи санам тороҷ карда мулки рӯҳ,
Васфи ӯ натвон навиштан гар биёбам умри Нӯҳ.

Ҳам шароби бӯсаи лаъли шакарафшони ӯ,
Шуд мазоқи[1] ҷони моро чун шакархоби сабӯҳ.

Исми ӯро кун, тавонӣ, дар имову дар забон,
Мекунад мифтоҳи номаш уқдаи дилро футӯҳ.

Кам бикун дилро зи занги маъсият[2], эй булҳавас,
Мерасӣ бо васли ӯ, дар сидқ бошӣ чун насӯҳ[3],

Ҳусни он некӯшамоил баски бошад беадад,
Кай тавонад ин Алам васфи варо созад шурӯҳ[4].

* * *

Мерасад файзе ба дилҳо аз лаби хандони субҳ,
Медиҳад бӯи таҷаллӣ чеҳраи тобони субҳ.

Сар барор аз ҷайби ғафлат, то биёбӣ огаҳӣ,
Дасти фурсат бар мадор аз печиши домони субҳ.

Пеша кун бедории шабҳо, ки охир мебарӣ
То мазоқи роҳате бар коми ҷон аз хони субҳ.

Мешавад аз накҳати ҷонпарвараш байзо дилат,
Дида во кун, бингарӣ он ҷилваи рахшони субҳ.

---

1. *Мазоқ* – ком, даҳон, ҳисси тамъгирӣ.
2. *Маъсият* – гунoҳ.
3. *Насӯҳ* – тавбаи нашикастанӣ.
4. *Шурӯҳ* – шарҳ, эзоҳ.

Бар сари хони каримаш хоҳӣ ар ёбӣ насиб,
Метавонӣ хешро кун як даме меҳмони субҳ.

Ҷаҳд кун, бо талъати васлаш расон худро, Алам,
Баҳравар гардӣ ту ҳам аз файзи бепоёни субҳ.

* * *

Ба ишқат шуд зи оби дида тар рух,
Бишуд аҳмар чу аз хуни ҷигар рух.

Муқими ошёнаш ҳамчу калбам[1],
Намесозам ба ҳар ҷои дигар рух,

Чу паргорам ба даври кӯи ҷонон,
Бисоидам ба хоки бому дар рух.

Ки охир дар суроғи рӯи хубаш
Ниҳодам ман ба ҳар кӯҳу камар рух.

Ба ёди ишваи Лайлихасоил[2],
Чу Маҷнун карда дар ҳар баҳру бар рух.

Агар бинам хирому ҷилваи ӯ,
Намолам бар кафи пояш магар рух?

Алам ишқи туро медонаду бас,
Намесозад бо ҳар хайру ба шар рух.

---

1. *Калб* – саг.
2. *Хасоил* – Лайлихислат, хислат.

* * *

Дилдода ба дилдор кӣ бошад, кӣ набошад?
Нозир бари дидор кӣ бошад, кӣ набошад?

Парвонаваш аз ишқ бисӯзад пару болаш,
Бо шӯълаи рухсор кӣ бошад, кӣ набошад?

Мансурсифат бинад агар ҷилваи ҳуснаш,
Овехта бар дор кӣ бошад, кӣ набошад?

Дар роҳи висолат набувад як дили беғам,
Бо дидаи хунбор кӣ бошад, кӣ набошад?

Эй маҳ, бинамо рӯй ба муштоқи висолат,
Дар ҳаҷри ту бемор кӣ бошад, кӣ набошад?

Тасдиқ ба қалбу ба забонӣ ҳама ҷоро,
Бо номи ту иқрор кӣ бошад, кӣ набошад?

Чун булбули ҷӯлида зи дардат ба навое,
Бо ҳар гулу гулзор кӣ бошад, кӣ набошад?

Бибрид Алам аз ҳама дил, лек ба ҷуз ту,
Безор зи ағёр, кӣ бошад, кӣ набошад?

* * *

Намедонам дилам вобастаи мӯи кӣ мебошад?
Ки чашмамро назар дар талъати рӯи кӣ мебошад?

Маро қомат хам аз бори ғами ҳиҷри кӣ гардида,
Ки мурғи дил асири ҷаъди гесӯи кӣ мебошад?

Сабо вақти саҳар овард бӯи фораму ҷонбахш,
Димоғам атрпарвар гашта аз бӯи кӣ мебошад?

Бимонда тӯтии хушлаҳҷа ҳайрон пеши гуфтораш,
Хиҷолатманд аз лаъли сухангӯи кӣ мебошад?

Ба по истода сарв аз ростӣ бо қомати зебо,
Ба гулшан ӯ ба ёди қадди дилҷӯи кӣ мебошад?

Бибошад мунфаъил ҳам доғ бар дил лола дар саҳро,
Зи нури оразу аз холи ҳиндӯи кӣ мебошад?

Алам, кун рӯ ба сӯи ёр, ҷуз он қиблаи мақсуд,
Ки меҳроби дуоят тоқи абрӯи кӣ мебошад?

* * *

Эй хуш он соат, ки дар ишқат дилам ҷавлон кунад,
Даври шамъи оразат парвонаваш тайрон[1] кунад.

Дида дар наззораи он рӯи зебоят бувад,
Бо гули васлат чу булбул ҷони мо афғон кунад.

Зоҳиди хилватнишинро шавқат афзояд ба дил,
Пора созад ӯ гиребон, наъраву сайҳон[2] кунад.

Ошиқи ҳиҷронкашида ёд орад аз висол,
Хуни дил аз ғам зи роҳи дидааш резон кунад.

Бо хироми сарви қад, бар шӯхи ширинкори ман,
Ҳар киро афтад назар, ҷону дилаш қурбон кунад.

Ҳар диле сӯзад чу уд (?) дар миҷмари ишқат агар,
Маҷлиси аҳли яқин бо тӯҳфа мушкафшон кунад.

Васл бинмо бар Алам, эй моҳи дилафрӯзи ман,
Дурри ашк аз мижа дар ҳаҷри рухат ғалтон кунад.

---

1. *Тайрон* – парвоз кардан, давр задан.
2. *Сайҳон* – фарёд.

* * *

Донӣ, маҳи дуҳафта дидори ёри мо буд,
Садбарги навшукуфта рухсори ёри мо буд.

Дар гулшани малоҳат дидам зи роҳи таҳқиқ,
Чун сарви саркашида қадди нигори мо буд.

Дар бӯстон намоён ҳар гул ба ранги дигар,
Ҳам рангу бӯи гулҳо аз гулъузори мо буд.

Ман дар вафои ишқаш чун шамъ сӯзадам дил,
Бедод, дон, ки расми шӯхи аёри мо буд.

Афканда гӯйи тавфиқ дар арсаи саодат,
Оне рабуд аз байн, ҳам шаҳсавори мо буд.

Ҳар бӯи хуш ба олам бошад зи уду анбар,
Аз бӯи зулфи ёри мушкиннисори мо буд.

Сад шукри зоти якто, он моҳи авҷи хубӣ,
Донӣ, Алам, ҳамеша дар интизори мо буд.

* * *

Диле дорам, ки ӯ ҳам сокини майхона мегардад,
Ба ёди гардиши он соғару паймона мегардад.

Кӣ ҳаст оне ба ӯ созад, дили шӯридаи ман буд,
Ба он зеборухи байзоҷабин ҳамхона мегардад.

Агар оқил бубинад орази зебои моҳи ман,
Чу Маҷнун дар биёбони ғамаш девона мегардад.

Ба васфи ӯ кунам таҳрир агар ман рӯи девонро,
Ба назди бехирад арқоми ман афсона мегардад.

Ба шамъи оразаш ҳар кӣ назар созад, равад аз худ,
Ба рақсидан паи сӯзиш пари парвона мегардад.

Алоиқ шуд салосилҳои мардони ҷаҳонро кай,
Маро занҷири по зулфи хами ҷонона мегардад.

Мазоқи ҷони ошиқ пуршакар гардад зи лаъли ӯ,
Алам, з-ин май агар нӯшад касе, мастона мегардад.

* * *

Кай бувад, ё Раб, ки то дил ҳамдами дилбар шавад,
Чашм дар наззораи моҳи баландахтар шавад.

Ҷом бар каф,ёр дар бар буда пинҳон аз рақиб,
Ин агар бошад маро, дарди дилам камтар шавад.

Рӯ ба ҳомуни фироқат ҳамчу Маҷнун доимо,
Ҳар киро чашмаш ба он рухсораи аҳмар шавад.

Шавқ болад, ҳам уруҷам[1] бар фалак бошад маро,
Мӯнисам як дам агар он моҳи симинбар шавад.

Ҳар кӣ гардонад зи васлаш рӯи худро як даме,
Дон, ки андар ҳар ду олам ҳоли ӯ абтар шавад.

Сирри шамъи орази ӯ дон, ки ҷони ошиқон,
Чун пари парвона сӯзад, дар забон ахгар шавад.

Рӯй бо хоки дараш молад Алам бо ҷону дил,
Нест оне, к-аз ҳавас ӯ бо дари дигар шавад.

---

1. *Уруҷ* – рафтан ба боло, ба баландӣ.

* * *

Аҷзу тамкинат ба қурби кибриёӣ мебарад,
Инкисори[1] бол бо авҷи расоӣ[2] мебарад.

Гар гирифт оинаат зангор аз чирки гунаҳ,
Оҳи шаб бо дарди субҳ андар сафоӣ мебарад.

Дар тариқи ишқ чун мӯ аз риёзат[3] бош ту,
То ба назди дӯст ранги каҳрабоӣ мебарад.

Соз ибро[4] аз ҳама, ҷуз меҳри ӯ бар дил магир,
Сӯи васлаш аз алоиқҳо ҷудоӣ мебарад.

Дар раҳи таслим қабл аз хок гаштан хок шав,
Ҳам туро бо тахти шоҳӣ бенавоӣ мебарад.

Ногаҳе маъшуқ агар аз рух биандозад ниқоб,
Ҳушу ҷони ошиқон аз дилрабоӣ мебарад.

Такя бар кори худ, эй зоҳид, макун зинҳор ту,
Бо биҳишти неъматат лутфи Худоӣ мебарад.

Нармхӯӣ пеша кун, ки устухонбишкаста ҳам
Орзуҳо бар дилаш аз мӯмиёӣ мебарад.

Гаштаӣ вобаста бо дарду гунаҳ доим, Алам,
Исми покат бар забон баҳри давоӣ мебарад.

---

1. *Инкисор* – шикастагӣ, шикаста шудан.
2. *Расоӣ* – баландӣ.
3. *Риёзат* – ранҷ, заҳмат, (парҳез).
4. *Ибро* – аз гуноҳ пок шудан, покӣ.

* * *

Чу рӯи ёр равшан талъати ахтар намебошад,
Мусаффо аз рухи ӯ моҳи пуранвар намебошад.

Баёзи гарданаш субҳи баландиро диҳад хиҷлат,
Ба зебоӣ узораш лолаи аҳмар намебошад.

Дуто қавси қузаҳ[1] шуд бо ҳилол аз тоқи абрӯяш,
Ки хушбӯтар зи зулфаш судаи анбар намебошад.

Ба мизони муҳаббат гар бисанҷӣ ҳусни хубонро,
Чу ҳусни дилбари ман он каси дигар намебошад.

Хиром орад ба маҳфил дилбарам бо қомати ларзон,
Ба гулшан аз қади ӯ сарви некӯтар намебошад.

Бидон, аз бодаи лаълу табассумҳои ширинаш
Мазоқи ҷони ошиқро аз ин хуштар намебошад.

Шакар резад ба ҳангоми такаллум аз лаби майгун,
Чу дандони назокатпарвараш гавҳар намебошад.

Палоси ҷанда дар бар раҳравони кӯи ҷононро,
Ба фикри хилъати дебову аз афсар намебошад.

Ба васфи ӯ Аламро з-он наи килкаш шакар резад,
Ба абнои замон, афсӯс, ин бовар намебошад.

---

1. *Қавси қузаҳ* – тиру камон.

* * *

Аз табассумҳои нозаш ғунчаи ҷон бишкуфад,
Ҳам зи бӯи оразаш гул дар гулистон бишкуфад.

Моҳу кавкаб шуд музайян аз шуъои талъаташ,
То зи анвори рухаш хуршеди тобон бишкуфад.

Аз хиёли ноз гоҳе бар лабу дандони ӯ
Дур ба дарё дар садаф, ҳам лаъл дар кон бишкуфад.

Он санам аз олами ғайбӣ хиром овардааст,
Аз ҳузураш ҷони ҳуру қалби инсон бишкуфад.

Эй хиромонҷилваи ман, дида дар наззораат,
Чун садаф дар интизори абри найсон бишкуфад.

Гар қадам орӣ ба маҳфил, эй маҳи байзоҷабин,
Аз таҷаллиёти рӯят базми мастон бишкуфад.

Худ муяссар карда, ҷоно, доғи ҳиҷрон бар Алам,
Аз маи васли ту ҳам ҷоми ҳарифон бишкуфад.

* * *

Дил мунтазири ҷилваи рафтори ту бошад,
Дида ба раҳи партави дидори ту бошад.

Эй соқӣ,(?) ба ман бахш даме аз маи васлат,
Ҷон ташналаби бодаи хуммори ту бошад.

Бо шаъшааи талъати хубон назарам нест,
Ҷое ки, санам, орази гулнори ту бошад.

Бемор ман аз талхии бодоми ду чашмат,
Бо дида даво лаъли шакарбори ту бошад.

Даври шакаристони лабат тӯтии ҷонам,
Ӯ нутқ баён карда, ба гуфтори ту бошад.

Дар мадрасаи фикри ту ҳар дил, ки дарояд,
Хонад сабақи ишқ, ба такрори ту бошад.

Ҳар кас, ки шавад дохили бозори муҳаббат,
Ҷонро бидиҳад, зуд харидори ту бошад.

Ёбад ба сари хеш ҳама давлати ҷовид,
Рӯзе, ки Алам маҳрами асрори ту бошад.

* * *

Бирафт умру ҳанӯзам доғи савдояш ба сар гардад,
Ба ҳангоми куҳансолӣ муҳаббат бештар гардад.

Шавам маҳви ҷамолаш лаҳзае, худро намеёбам,
Агар васли хуши он маҳ маро мадди назар гардад.

Агар гардад баид як дам зи васлаш ошиқи мискин,
Дамодам ҳам бисӯзад, доғу оҳи пуршарар гардад,

Ба қурби он санам меларзам аз андешаи дурӣ,
Ки қутам доимо аз ғам маро хуни ҷигар гардад.

Расад аз ёр рӯзе сад ғам, аммо худ машав дилтанг,
Сипоси ӯ фаровон гӯ, мабодо з-ин батар гардад.

Сабо, аз хоки кӯяш то ғуборе назди мо овар,
Ки гарди ӯ муҳибонро, яқин, кӯҳли басар гардад.

Бувад маъшуқро ҳам илтифоте бо асиронаш,
Ба хубӣ кори ҳар дилдодае, дон, мисли зар гардад.

Бидонӣ, байни ошиқ то ба маъшуқ розҳо бошад,
Ки кай огаҳ зи сирри корашон ҳар бехабар гардад.

Алам, аз фурқати он маҳ ба баҳру бар саёҳат кун,
Шавад ҳар кас ҷаҳондида, азизу мӯътабар гардад.

* * *

Маҳи симинбадан, он сарви хушрафтор меояд,
Насиме бар димоғи ҷон аз он гулзор меояд.

Ба қавси ҳар ду абрӯяш рабуда ҷони муштоқон,
Садои «Алҳазар!» аз кӯчаву бозор меояд.

Муаттар шуд машоми оламе аз бӯи гесӯяш,
Хиҷолат мушкро з-он зулфи анбарбор меояд.

Биҳамдуллаҳ, ки ман дар зулмати ҳаҷраш хазон будам,
Ба сар шамъи шабистоне, парирухсор меояд.

Бале, аз омаданҳояш суруре дар ҷаҳон афканд,
«Муборакбод!» бар самъ аз дару девор меояд.

Дилу ҷонро нисори мақдами он дилрабо кардам,
Бубин, з-ин тӯфҳаи нолоиқ ӯро ор меояд.

Сипоси Ҳақ, зи юмни толеъу бахти фаровоне
Ба сарвақти азизон он бути айёр меояд.

Надонам сирри дилро бо кӣ гӯям, сахт ҳайронам,
Нидо ояд, зи ҳар сӯ: маҳрами асрор меояд.

Алам, аз ҷону дил бигзар, бишав вобастаи кӯяш,
Ки бо ту дар такаллум он шакаргуфтор меояд.

* * *

Мусулмонон, маро қомат дуто шуд,
Ҷигар аз ҳаҷри фарзандам адо шуд.

Гули сурхе маро дар ин чаман буд,
Зи боди марг рангаш каҳрабо шуд.

Ба бӯяш рӯзу шаб хурсанд будам,
Ниҳоли нозбӯи ман куҷо шуд.

Надорам тоқати доғи ҷудоӣ,
Азизон, моҳрӯи ман куҷо шуд?

Бихезам гар зи хоби ҳеш ҳар шаб,
Фиғону нолаам сӯи само шуд.

Ба ёди зиннати гулзори рӯяш,
Маро ин булбули ҷон дар наво шуд.

Дареғо, водареғо , водареғо,
Ки он моҳи ҷаҳон аз ман ҷудо шуд.

Агар бо сангҳо кӯбам сари худ,
Чи суд охир, ки ин ҳукми Худо шуд

Ризо додам қазои ҳазрати Ҳақ,
Зи аввал оби ғам бар хоки мо шуд.

Бидода мурғи рӯҳашро ба парвоз,
Танаш бо хоки тира мубтало шуд.

Намонда бар дили ман сабру ором,
Зи сӯзи дил чу най андар садо шуд.

Расад гоҳе ду чашмаш дар хаёлам,
Фиғону наъраи «во ҳасрато» шуд

Куҷо ҳамдард, гӯям дарди дилро,
Чароғи дидаи ман безиё шуд.

Ба кӣ гӯям ман ин дарди Аламро,
Куҷо бошад, ки ҳам дардам даво шуд.

* * *

Дили ман бо рухат, эй ёр, таманно дорад,
Сари шӯридаам аз ишқи ту савдо дорад.

Ошиқи хастадил аз ёди рухи некӯят,
Сели хун аз ҷигари хеш чу дарё дорад.

Лола бигрифт зи ду оразӣ ту доғ ба дил,
Шуд хиҷолатзадаву ҷой ба саҳро дорад.

Сарв аз ростӣ истода ба по бар лаби ҷӯ,
Қади мавзуни туро нек тамошо дорад.

Бин, ки аз баҳри тафарруҷ[1] маҳи тобон ба фалак,
Манзили хеш чу бар чархи Сурайё дорад.

Қадри гулзор ту аз булбули дилсӯхта пурс,
Заған аз сӯзиши парвона чӣ парво дорад.

Чашм аз баҳри тамошои дигар моил нест,
Назаре бо хату холи рухи зебо дорад.

Шуд гирифтори хами зулфи ту бисёри дигар,
Доғ бар дил Алам аз ишқ натанҳо дорад.

---

1. *Тафарруҷ* – тамошо.

* * *

То бувад бар коми ҷонам шарбати ҷомат лазиз,
Бар забонам ҳаст зикри ҷавҳари номат лазиз.

Бӯсае аз лаъли ҷонбахшат ба ман бахш, эй санам,
Шоҳи ҳуснӣ, бар гадоён ҳаст инъомат лазиз.

Бар дигарҳо аз тавозӯъ мекунӣ лутфи хуше,
Бо ман охир шуд итобу қаҳру дашномат лазиз.

Сар ба ҷайби фикр бурдам бо хаёли оразат,
То ба гӯши ман расид овози пайғомат лазиз.

Аз табассум бастаи лаъли лабат резад шакар,
Талхии заҳри итоб аз чашми бодомат лазиз.

Мекунӣ огаҳ маро бо ишқи худ, эй моҳрӯ,
Бо мани дилдода бошад, ҳаст эъломат лазиз.

Накҳати гулзори ҳуснат бар димоғам ҷо гирифт,
Бар машоми ҷони ман гардид ишмомат[1] лазиз.

Эй санам, меҳрат Алам дар синаи худ ҷо кунад,
Чунки андар хонаи дил буд оромат лазиз.

* * *

Эй дилбари симинбар в-эй шӯхи ситамгор,
Аз хоки мазаллат[2] рухи ин ғамзада бардор.

Кунҷе бибару гӯшаи амневу халое,
Ҳам лаб ба лабат бошаду пинҳон зи ағёр.

---

1. *Ишмомат* – талаффузи ҳарфҳои лабии (ӯ,ӣ ).
2. *Мазаллат* – хору залил будан, пастӣ.

Мизроби хаёли ту баровард наворо,
Бо чангу чағона барадам бар сари бозор.

Дар мадрасаи фикри ту шаб то ба саҳар ман,
Хонам сабақи номи ту ҳар лаҳза ба такрор.

Аз рӯи ту хиҷлатзада гул то ба чаман шуд,
Бо ёди қадат сарв бигардид нагунсор.

Муфтии замон талъати он рӯ ба ту бинад,
Барҳамзада фатвову зи маҳзар[1] шуда безор.

Ҳар кас, ки шавад дохили бозори ҷамолат,
Ҷонро бидиҳад васли туро гашта харидор.

Чун булбули ҷӯлида Алам шуд ба навое,
Бо ёди ту нолида ба даври гулу гулзор.

* * *

Санамо, ғайри ту моро набувад ёри дигар,
Мӯниси ҷону дилу маҳрами асрори дигар.

Муддате шуд, ки дил андар тапиши шавқи ту буд,
Ба забон нест ҷуз аз дарси ту такрори дигар.

Коми ҷон шуд ба зулоли лаби ту тозаву тар,
Нест шавқе ба дил аз лаъли шакарбори дигар.

Бастаи лаъли ту гардад ба такаллум бо ман,
Нест мислат ба сухан нодирагуфтори дигар.

Ба мани дилшуда гар рух бинамоӣ сад бор,
Нашавам сер, бигӯям: – бинамо бори дигар.

---

1. *Маҳзар* – ҳукм, фатвои муфтӣ.

Дилбар, аз тири нигоҳи ту ҷароҳат шуда дил,
Расад аз новаки мижгони ту озори дигар.

То бувад ҷон ба танам рӯй натобам зи раҳат,
Накунам шуғл ба ҷуз хизмати ту кори дигар.

Наям оне, ки шавам муштарии ҳусни дигар,
Ки харидорӣ кунам бар сари бозори дигар.

Булбули табъи Алам шуд ба наво даври рухат,
Накунад майли ҳавои гулу гулзори дигар.

* * *

Эй тозаниҳоли лоларухсор,
Хуршеди саҳар, маҳи шаби тор.

Зебоӣ (?) ба оразӣ ту дида,
Шуд лола хиҷил (?) ҳам ба кӯҳсор.

Тӯтӣ ба суханварист машҳур,
Омӯхта аз лаби шакарбор.

Ҳар шому саҳар ба фикри рӯят
Дил дар тапишу забон ба гуфтор.

Ҷону тани хешро бибозам,
Ҳусни ту шавам зи дил харидор.

Дар баҳри фироқи ту фитодам,
З-ин луҷҷаи[1] ғам маро бурун ор.

Фардо, ки шавад чу рӯзи маҳшур,
Дорад Аламӣ умеди дидор.

---

1. *Луҷҷа* – қаъри баҳр, гирдоб.

* * *

Дил мусаффо кун даме аз нури рахшони саҳар,
Дидаро пурнур соз аз лаъли хандони саҳар.

То саманди ҷазбаи тавфиқро ҷавлон диҳӣ,
Басти[1] вусъат бо ту дорад, дон, ки майдони саҳар.

Аз насими ҷонфазояш ғунчаи дил во шавад,
Ройгон аз каф мадеҳ худ файзи эҳсони саҳар.

Хоҳӣ (?) ту гар ғунчаи боғи муродат бишкуфад,,
Хоби ғафлатро гузору гир домони саҳар.

Аз шакархоби сабӯҳ парҳезу огоҳӣ гузин,
Бо ту бахшад хилъати тавфиқ султони саҳар.

То сабо аз накҳати мушкин биёрад бар машом,
Атррезӣ мекунад боди гулафшони саҳар.

Гар ба чашми хеш бинӣ ҷилваи гулро аён,
Ҳамчу булбул кун наво даври гулистони саҳар.

Фаҳм кун рамзи сухан аз боргоҳи Кибриё,
Файзи раҳмат мерасад бар ашки резони саҳар.

Бо дуои субҳ, Алам, дон, мерасад кас бо мурод,
Ҷону дилро кун, тавонӣ, зуд қурбони саҳар.

* * *

Он дилрабо ба рафтан ҳушам рабуда аз сар,
Бо ҷилваи хиромаш он сарви нозпарвар.

Андохтам нигоҳе бо даври оразі ӯ,
Ҷӯши арақ намоён гардад чу мавҷи Кавсар.

---

1. *Баст* – интишор, паҳн кардан.

Ҳар ду лабони нӯшин ёқути ҷонфазо буд,
Дар ҳуққаи даҳонаш дандон чу дурру гавҳар.

Дар барги гул нишаста дидам чи холи мушкин,
Зебо чу тавқи ғаб-ғаб, зулфи сияҳ муанбар.

Абрӯи чун ҳилолаш қавси қузаҳ намуда,
Гул-гул шукуфта рӯяш, буда чу моҳи анвар.

Кабки дарӣ зи рафтор оҳу зи чашми мешаш,
Омӯхт ӯ равишро, ваҳшат гирифт дигар.

Тири нигоҳи нозаш бигзашта ҷавшани ҷон,
Бар қатли ҷони мо шуд мижгон синону ханҷар.

Юсуф ба мулки хубӣ ҳусни варо надорад,
Ҳаққо, ки дар ду олам мислаш набуд дилбар.

Меҳраш чи нақш баста бар сина ин Аламро,
Аз ҷамъи моҳрӯён ӯ ҳаст хуш мусаввар.

* * *

Ғайр аз Худо надорам ғамхору ёри дигар,
Эй ёр, кори Ҳақ кун, бигзор кори дигар.

Дар интизори васлаш ҷону дилат фидо кун,
Ҷуз васли ӯ мабошӣ дар интизори дигар.

Миръоти дил ҷило деҳ аз зикру фикри он ёр,
То аз гунаҳ нагирад зангу ғубори дигар.

Хоҳӣ, ки дӯст бо ту бисёр лутф созад,
Аз хуни дил зи дида шав рӯдбори дигар.

Эй осии сияҳрӯ, сар то қадам ба ҳар мӯ
Кардӣ гуноҳ бо ӯ, ку шарму ори дигар.

Ё Раб, ту ломаконӣ, бо мақсадам расонӣ,
Моро ту ҳам раҳонӣ аз кибру дори[1] дигар.

Мискин Алам дар ин дор[2], азбаски дид озор,
Дорад умеди дидор охир ба дори[3] дигар.

* * *

Метавонӣ, хешро бо сӯи он дарбор бар,
Ғайри даргоҳаш куҷо ёбӣ ту дар ин дор дар?

Оҷизи бедасту поӣ, рафта дар ғафлат фурӯ,
Чун ниҳӣ дар макдами он ёри маҳрухсор сар.

Аз сари сидқу яқин андар раҳи ӯ хок шав,
Гӯши худ охир макун дар кӯшиши ин кор кар.

Синаро аз зикри номаш ҳар саҳар пурнур кун,
Дидаро созӣ зи ҳарфаш дар шабони тор тар.

Дарди ҷони ошиқонро шарбати лаълаш давост,
Накди ҷонро бо зулоли он лаби хунхор хар.

Қимати ҷоми висолаш нест накди ин ҷаҳон,
Бал намеарзад ба мӯяш ин ҳама бозор зар.

Нӯш, Алам, аз бодаи огоҳ, то гардӣ ту нек,
Мешавӣ охир зи ҷоми ғафлати саршор сар.

---

1. Ҷазои дигар.
2. Дунё.
3. Он дунё.

* * *

Дар хазони ин чаман шуд нахли умрам баргрез,
Мурғи ҷони ман бишуд аз қолаби тан даргурез.

Бош огаҳ як даме, худ меравӣ роҳи адам,
Карда ғирболи фано ин хоки моро гардбез.

Ғайри меҳри ту надорам орзӯи дигаре,
Ё Раб, он нақши муҳаббатро ба лавҳи дил бирез.

Нестам дар шоми марг андар лаҳад фориғ зи ту,
Интизори васл дорам то ба субҳи растахез.

Хоби роҳат кун ҳарому нолаи бодард каш,
Шавқро ҷавлон бидеҳ, аммо ту худ ногуфта хез.

Гир худро, гар тавонӣ дар паноҳи мустаъон,
Марг бигрифтат гиребон, нестат ҷои гурез.

Эй Алам, дар роҳи Ҳақ кӯшиш бикун, ҳушёр бош,
Ҳам ту дар бозори маҳшар обрӯи худ марез.

* * *

Зи ишқи ӯ шудам девона имрӯз,
Ба ҳаҷри маҳ манам афсона имрӯз.

Чу парвона бисӯзам ҷони худро
Ба шамъи рӯи он ҷонона имрӯз.

Бинӯшам бодаи лаъли лабашро,
Барорам наъраи мастона имрӯз.

Ба баҳри ишқи ӯ ман ғӯта хӯрдам,
Барои гавҳари якдона имрӯз,

Гадоям, баҳри ӯ дар ҷустуҷӯям,
Бигардам бар дари ҳар хона имрӯз.

Ба нори ишқ ҷони ман бисӯзад,
Чӣ донад ҳол ҳар бегона имрӯз.

Бигаштам дар такопӯи суроғаш
Миёни масҷиду майхона имрӯз.

Зи доғи ҳаҷри ӯ ҳолам хароб аст,
Намояд васли худро ё на имрӯз.

Алам, бандӣ камар дар роҳи ҷонон,
Намоӣ ҳиммати мардона имрӯз.

* * *

Метавонӣ, дар ҷаҳон ёрӣ махоҳ аз ҳеҷ кас,
Нест бо ту ғайри ёрат дастгиру додрас.

Дасти худ аз домани дунёву уқбо боз гир,
Пеш гир аз дил тариқи кӯи он дилдор бас.

Аз дуӣ эҳроми[1] озодӣ бибанду шав яке,
Воҳид омад қиблаи ишқаш варо, эй булҳавас.

Назди ишқи саркашу ҳусни ҷаҳонтоби санам,
Менамояд ҷилваҳову ҳусни хубон як адас[2],

Рафта аз бӯстони маънӣ андалебон, эй Алам,
Дар гулистони сухан дорӣ наво ҳамчун магас.

---

1. *Эҳром* – матои сафеде, ки дар маросими ҳаҷ ба тан мебанданд.
2. *Адас* – донаи наск (зир, лӯбиёгӣ).

* * *

Аз сидқ яқин гардид дил моили дидораш,
Чашмам ба назар во шуд, ҷон гашт гирифтораш.

З-абрӯи камонвораш новак зада саф дар саф,
Тире ба ҷигар хӯрдам аз наргиси хуммораш.

Бо шамъи рухаш ҳар дил парвонасифат рақсад,
Оташ ба ҷаҳон андохт аз чеҳраи гулбораш.

Қуллоби[1] сари зулфаш занҷир ба поям шуд,
Сайд аст дили ушшоқ бо турраи таррораш.

Аз новаки мижгонаш ранҷураму дилхаста,
Сад чашм кунад беҷон бо ғамзаи хунхораш.

Ваҳшатзада оҳу шуд аз шеваи чашми ӯ,
Шуд кабки дарӣ қурбон бо зебиши рафтораш.

Гардида мазоқи ҷон бо зумраи муштоқон,
Дар ханда агар бошад он лаъли шакарбораш.

Розе, ки бувад махфӣ ҳам ошиқу маъшуқро,
Бо фавҷи тиҳимағзон лоиқ нашуд асрораш.

Ҳар кас чу Алам бинад дарду алами ишқаш,
Ҷону тану сар бозад дар кӯчаи дилдораш.

---

1. *Қуллоб* – чангак.

* * *

Кашида ҷазбаи ишқи санам бозӯ ба бозӯяш,
Зи сӯзи сина ман андохтам худро ба паҳлӯяш.

Надорам мӯнисе ҷуз ӯ, кунам асрори дил иншо,
Ту, эй пайки сабо, охир паём аз ман бибар сӯяш.

Насими субҳгоҳӣ бар димоғам анбарафшон шуд,
Сабо овард гӯё бар машоми ҷони ман бӯяш.

Ба қайди ӯ гирифторам, надорам ҳеҷ тадбире,
Бишуд бо гардану ҷонам мусалсал тори гесӯяш.

Ҷабин бар остонаш бурдаам бо саҷдасоиҳо,
Ки дил гардид моил дар хами меҳроби абрӯяш.

Ба ёди оразаш саргашта чун паргор мебошам,
Харобам ман зи рафтору хироми қадди дилҷӯяш.

Чу шамъ аз рашки рӯи ӯ зи сар то пой месӯзам,
Ниҳода бар ҷигар доғ аз саводи холи ҳиндӯяш.

Хиромаш дид ҳам кабки дарӣ, омӯхт рафтораш,
Рами оҳу бишуд аз фитнаҳои чашми ҷодуяш.

* * *

Ба он маҳ сӯзиши ҷон кардаам арз,
Ки шарҳи чашми гирён кардаам арз.

Гадои кӯи он байзоҷабинам,
Маолим[1] назди султон кардаам арз.

---

1. *Маолим* – ҷамъи маълам, нишон, аломат.

Зи бори ғам қади хамгаштаи худ
Ба он сарви хиромон кардаам арз.

Гирифторам ба чоҳи зулмати ҳаҷр,
Бари Хуршеди тобон кардаам арз.

Барои дидани гулзори ҳуснаш,
Чу булбул ман ба афғон кардаам арз.

Чунин ошуфтагӣ, аҳволи худро
Саросар назди ҷонон кардаам арз.

Зи ранҷу кулфату озору дурӣ,
Ба пешаш доғи ҳиҷрон кардаам арз.

Зи махмурӣ зулоли лаъли нӯшин
Бар он саршори эҳсон кардаам арз.

Алам, дорам ба дил дарду давояш,
Ба он шоҳи табибон кардаам арз.

* * *

Аз фиреби ин аҷӯзи даҳр созӣ эҳтиёт,
Пушт бар вай кун, талоқаш деҳ, масозӣ ихтилот.

Рӯ ба даргоҳи Худо кун, банд итоатро камар,
Дар риёзат соз кӯшиш, бигзар аз айшу нишот.

Ҷаҳд кун, раҳтӯша гиру пас намон аз ҳамраҳон,
Нест ҷои истиқомат бо ту ин кунҷи работ.

Ростӣ бигзин агар дар шаръ бошӣ мустақим,
То налағжад рӯзи маҳшар поят аз пули Сирот.

Фикри уқбо соз шабҳо, гиряи бодард кун,
Хуни дил аз дида ҷорӣ соз чун баҳри Фурот.

Даҳри кофаркеш созад қасри шоҳонро ба бод,
Бош огаҳ, зуд барчин доманатро з-ин нишот.

Эй Алам, бо хилъати фохир манозӣ, оқибат,
Куртаи беостин бо ту ҳамесозад хаёт.

* * *

Ҷӯш зад ногаҳ ба гулшан сунбули райҳони хат,
Шуд мусалсал даври гул он ҷилваи тозони хат.

Сар кашида сабзаи хат, шуд ба бӯстон ҷойгир,
Шохи гул зад аз назокат панҷа бар домони хат.

То хат оварда ба даври хиттаи Руму Яман,
Лашкаристони хабар бо мулки Ҳиндустони хат.

Дар шигифт омад ба ногаҳ ҳусни гул аз ҷилвааш,
Шуд намоён дар чаман он ҷӯшишу ҷавлони хат.

То ҳадиқи[1] бӯстонро хат шуда шерозабанд,
Ҳола[2] баста кард маҳ он турраи печони хат.

Гар, Алам, донӣ ту ҳам ҷавҳарфурӯшонро яқин,
Зиннат афзояд дучанд аз чидани дӯкони хат.

---

1. *Ҳадиқ* – боғи атрофаш деворшуда.
2. *Ҳола* – доираи ғуборолуди равшани гирди моҳ, хирмани моҳ.

* * *

Эй мӯниси ҷон, бошӣ аз ранҷи ҷаҳон маҳфуз,
Аз гардиши ин чарху аз даври замон маҳфуз.

Бошӣ ҳама дам шоду аз кулфату ғам эмин,
Аз меҳнати айёму в-аз чашми бадон маҳфуз.

Рухсораи тобонат чун лолаи сероб аст,
Гулбарги рухат бошад аз боди хазон маҳфуз.

Аз офати арзию аз кулфати дунёӣ,
Бошӣ ҳама вақт, эй маҳ, аз ину аз он маҳфуз.

Аз ҷумлаи муҳдисот бошӣ ҳама вақт солим,
Аз дарду ғами олам, аз ранҷу зиён маҳфуз.

Дар зери сипеҳри чарх ёбӣ ту фараҳмандӣ,
Гардӣ зи газанди даҳр в-аз чашми бадон маҳфуз.

Доим Аламӣ бо ту ин навъ дуо дорад,
Гардӣ зи сари оташ, аз офати ҷон маҳфуз.

* * *

Меравам сӯи адам ман з-ин ҷаҳон, дорам видоъ,
Бекасу танҳо зи байни дӯстон, дорам видоъ.

Дар фироқи гулрухи симинбари байзоҷабин,
Булбули дил сӯхтам, аз бӯстон дорам видоъ.

Ман, ки дорам, риҷъате[1] ҳам бо нидои: «Ирҷиъӣ» [2],
Сӯи ҷонон азми рафтан з-ин макон дорам видоъ.

---

1. *Риҷъат* – бозгаштан.
2. *Ирҷиӣ* – ба сӯи ман бозгард (феъли амри арабӣ).

То дар ин ғурбатсаро тарҳи иқомат бастаам,
Оқибат сӯи ватан, эй ҳамдамон, дорам видоъ.

Дон яқин, ин ҷой ман аз баҳри рафтан омадам,
Тоза ҳамчун навбаҳору бо хазон дорам видоъ.

Меравам, то ман супорам аз сари сидқу яқин,
Дил ба дилбар, ҷон ба ҷонон, ман ба ҷон дорам видоъ.

Фурсати умрат, Алам, ашке ба мижгон будааст,
Чун ҳубоб аз ҷӯши мавҷи бекарон дорам видоъ.

* * *

То бирақсам чун пари парвона дар ҷавлони шамъ,
Ҷон бибозам дар фурӯғи чеҳраи тобони шамъ.

Ман гиребон медарам чун субҳ дар поёни шаб,
Хуни ҳасрат мехӯрам аз хандаи пинҳони шамъ.

Ту вафои шамъро дар мотами парвона бин,
Аз гиребон оташе афтод то домони шамъ.

Ӯ ба андак ҷонсупорӣ мезанад аз ишқ лоф,
Худ нигар рақсидане дар қомати ларзони шамъ.

Бо шуои партави худ маҳфилоророӣ кунад,
Аз чӣ бошад сарбуриданҳои бепоёни шамъ.

Кун, Алам, ҷонро фидои оразі зебои ӯ,
Ё ки чун парвона худро кун шабе меҳмони шамъ.

* * *

Эй маҳ, аз ёди қади ту сарви бӯстон гашта доғ,
Аз шуои рӯи ту хуршеди тобон гашта доғ.

Рам ба чашми оҳувон аз фитнаи ваҳшат шуда,
Аз фурӯғи оразат сад лолаистон гашта доғ.

Аз насими ҷонфазоят ҷон биболад дар бадан,
Аз шамими зулфи мушкин атру райҳон гашта доғ.

Бо каломи дилпазират тӯтии гӯё хиҷил,
Бо лаби нозукадоят лаъл дар кон гашта доғ.

Ҳам зи рафтори ту бошад мунфаъил кабки дарӣ,
Бо нигоҳи чашми ту фавҷи ғизолон гашта доғ.

Бо баёзи гарданат субҳи гиребон медарад,
Бо гули рухсораат гул дар гулистон гашта доғ.

Орзу дорад Алам бинад рухи зебои ту,
Бе висолат, моҳи ман, ӯ аз дилу ҷон гашта доғ.

* * *

Эй нури чашмонам туро доим ҳамесозам суроғ,
Кӯи ба кӯ[1] дар ҷустуҷӯ, худро намеёбам фароғ.

Бо шамъи гулзори рухат чун булбули шайдо манам,
То парзанон дорам наво гаҳ дар чаман, гоҳе ба боғ.

Парвонаваш ҷон бохтам, поро зи сар нашнохтам,
Нӯшидаам ман ин замон то аз маи ишқат аёғ[2].

---

1. *Кӯй ба кӯ* – дар ба дар, хона ба хона.
2. *Аёғ* – пиёла, паймона, май.

Саргаштаву шайдо манам, дар кӯҳу дар саҳро манам,
Чун лола аз сӯзи ғамат бар дил гирифтам дарду доғ.

Андар саводи ғам хиҷил, монда фурӯ поям ба гил,
Ту шамъи қандилӣ ба дил, бар дидаҳо нури чароғ.

Андар ҷаҳон бо ҳар сабаб васли туро дорам талаб,
Дар зиндагӣ то вақти марг аз маҳд[1] то ҳини балоғ.

Охир, Алам, чанге мазан бо нуктасанҷони куҳан,
Андар гулистони сухан лоиқ набошад сайри зоғ.

* * *

Дар замоир[2], ки зи илми наҳву сарфам ҳаст заъф,
Бо мизони (?) нуқтасанҷиҳо маро мамлуст зарф.

Бешууронро ба сад эъзоз пеш оранду пеш,
Соҳиби девону донишро бурун ронанд халф.

Вожгунӣ шуд қарин бо рост чун нақши нигин,
Тири мақсуди каҷон чун рост ояд бар ҳадаф?

Зарфи шоир чун ҷавоҳирхонаи маънӣ бувад,
Сад сухан бошад ба қалбаш ҳамчу дур андар садаф.

Ҳам ба теғи лафз дорад садди маъниафканӣ,
Дар масофи ҳарфсанҷӣ шери мазмун баста саф.

Маъниорои суханро дон ту чун баҳри амиқ,
Рамзфаҳмонро чу ғаввосон набошад ҳеҷ хавф.

---

1. *Маҳд* – гаҳвора.
2. *Замоир* – ҷамъи замир, қалб.

Коми ҷонро бахшад ӯ аз шеър оби зиндагӣ,
Шарбати маънош гардонанд махмурон ба каф.

Ҳам зи гулзори сухан дорад Алам бӯи димоғ,
Месарояд ҳамчу булбул зор дар бӯстони ҳарф.

* * *

Бехабар дар хоби ғафлат мондаӣ бисёр, ҳайф,
Ҳам ту дар хобию дилбар дар барат бедор, ҳайф.

Як даме паҳлӯ бикун, аз бистари роҳат бихез,
З-ин гаронҷонӣ ба ҷонат мениҳӣ озор, ҳайф.

Ҳусни гул бе парда бингар, аз ниқоб ояд бурун,
Андалеби маст гаштӣ дур аз гулзор, ҳайф.

Фикри номаш мебарад з-ойинаат занги гунаҳ,
Бар забони дил насозӣ исми ӯ такрор, ҳайф.

Бош огаҳ, то шавӣ саргарми ҷоми ишқи ӯ,
Мондаӣ маҳрум ту з-он соғари саршор, ҳайф.

Бо азизон бош, то гардӣ азизу мӯътабар,
Ҳамчу гул худро бикардӣ ҳамдами ҳар хор, ҳайф.

Сирри дилро ҷуз ба ёру ғайри худ бо кас магӯ,
Ҳарзагӯӣ мекунӣ бо ҳар дару девор, ҳайф.

Доимо саргаштагӣ дорӣ дар ин дунёи дун,
Умр зоеъ шуд паи нафси бади мурдор, ҳайф.

Васли ҷонон мешавад бар ту муяссар ҳар саҳар,
Ҳамнишин кардӣ, Алам, худро ту бо ағёр, ҳайф.

* * *

Ҳар бехабар чӣ донад рӯзи сиёҳи ошиқ,
Аз ишқи ёр бошад ҳоли табоҳи ошиқ.

Ҳар шом то саҳаргаҳ пайваста зор нолад,
Дар роҳи дилбар аст, дон, ҳар дам нигоҳи ошиқ.

Андар димоғи ҷонаш бӯе вазад зи маъшуқ,
Бар чарх мебарорад ин сӯзу оҳи ошиқ.

Аклаш[1] зи хуни дил буд, шурб[2] аз ғами нигораш,
Ҷуз доғу дард набвад ҳам узрхоҳи ошиқ.

Як лаҳза нест ӯро бар дил на сабру ором,
Хоки сарои маъшуқ бошад паноҳи ошиқ.

Бо ҳар шаби дарозаш шуд дарди ҷонгудозаш,
Доим намози шом аст рӯзу пагоҳи ошиқ.

Не пову сар шиносад, не неку бад бидонад,
Охир, Алам, масозӣ худ иштибоҳи ошиқ.

* * *

Боданӯши ишқро аз худнамоӣ нест фарқ,
Масти ваҳдатро риё то бериёӣ нест фарқ.

Хилъати ишқаш чӣ лоиқ ҳар киро ояд ба бар,
Куштаурёнро қабо то беқабоӣ нест фарқ.

Дар хамӯшӣ дарду хорӣ васлро бошад хурӯш,
Наъра созад, аз садо то бесадоӣ нест фарқ.

---

1. *Акл* – хӯрок.
2. *Шурб* – нӯшоба.

Дар ҳарими васли гулшан булбули мадҳушро
Ҳам зи рангу в-аз насими ҷонфазоӣ нест фарқ.

Ин ниёзу нозро, дон, тавъами якдигаранд,
З-он ки ҳар дилдодаро бе дилрабоӣ нест фарқ.

Маҳви ҷонон аз таҷаллиёт бошад маҳзи нур,
Аз вуҷуди худ ба он зоти Худое нест фарқ.

Шеъри софам бо адофаҳмон бувад оби равон,
Пеши каҷфаҳмон сафо то бесафоӣ нест фарқ.

Меҳнати қурби висол афзун бувад бо оқилон,
Ноқисонро аз лиқо то белиқоӣ нест фарқ.

Лаззату доғи муҳаббатро ту донӣ аз Ҳудо,
Ишқбозонро чу ваъз аз жожхоӣ нест фарқ.

Кай бидонад устухонбишкаста қадри марҳамат,
Акли мумаш, то ғизои мӯмиёӣ нест фарқ.

Ҳар амал ин ҷо кунӣ, ёбӣ ту дар рӯзи ҷазо,
Бехирадро аз ҷазо то беҷазоӣ нест фарқ.

Гар Аламро дар сухан чашму дилаш бино бувад,
Ин замон донӣ, бино (?) то нобиноӣ(?) нест фарқ.

* * *

Харобам аз ғамат, эй шӯхи бебок,
Зи алмоси нигоҳат дил шуда чок.

Асири ишваву нози ту гаштам,
Ғарибам, рӯи худ молида бар хок.

Ба ишқат лоласон дил ғарқи хун аст,
Зи ҳаҷрат дидаи ман гашта намнок.

Зи дарди ҳаҷрат, эй моҳи дилоро,
Расида ҳар шабе оҳам ба афлок.

Миёни ҷумлаи хубони олам,
Туро афзун бибошад ақлу идрок.

Биё дар бар маро, эй нозанинам,
Алам аз дурият гардида ғамнок.

* * *

Шӯрӣ фиканда дар ҷигар он моҳи хубон аз намак,
Захми дили садпораро карда намоён аз намак.

Бо сеҳру афсун омада он сарвинози хушхиром,
Лаъли лабони иставаш гардида хандон аз намак.

Дидам, малоҳат мечакад аз чеҳраи гулнори ӯ,
Қанду асал, шаҳду шакар гардида арзон аз намак.

Наззора кардам ногаҳон бо қурси хуршеди рухаш,
Ҷӯши арақ шуд мавҷзан даври гулистон аз намак.

Дилро ҷароҳат кардааст ҳам бо синони ғамзааш,
Ӯ карда аз қанди лабаш бо захм дармон аз намак.

Омад ба ишва он санам, шуд хӯйрезон[1] оразаш,
Барги гули рухсори ӯ шуд шабнамистон аз намак.

Дида Алам рақсон туро дар маҷлиси дилдодагон,
Шӯри қиёмат кардаӣ бо қадди ларзон аз намак.

---

1. *Хӯй* – арақи рӯй.

* * *

Дар бӯстони ҳусни ту гулҳо шукуфта ранг-ранг,
Дилро ҷароҳат кардаӣ бо захми мижгони ҳаданг.

Рӯят чу хуршеди ҷалӣ озода чун барги гуле,
Маҳбуби табъи ҳар диле то Руму Булғору Фаранг.

Аз Ҳақ ҳамехоҳам мадад, моро макун аз хеш рад,
Ҳам ақлу устоди хирад пеши ҷамолат гашт данг[1]

Ҳусни ту рӯзафзун шавад, ғофил зи худ Маҷнун шавад,
Рӯ ҷониби ҳомун шавад, барбод дода ному нанг.

Андар хаёлат, симбар, хӯрдем мо хуни ҷигар,
Дорем ҳар шаб то саҳар бо бахти зишти хеш ҷанг.

Шоҳон ҳама баста камар, дар хизматат бошанд агар,
Искандару Доро бувад, Кайхусраву пури Пашанг.

Охир, Алам, ҳайрон шудам, дар ишқ саргардон шудам,
Бозичаи тифлон шудам, хӯрдам ба сар ҳам хуб санг.

* * *

Бишнав, сухан бигӯям з-он маҷма-ул-фазоил,
Ҷуз ӯ мабош ҳаргиз бо дигаре ту моил.

З-ин даҳр дар накӯӣ мислаш набуд дигар,
Аз фавҷи ҷамъи хубон ӯ буд хушхасоил[2],

Номаш ба исми Довар, тасдиқ созу иқрор,
Ҳар лаҳза, ҳар шабу рӯз аз ҷон бибош қоил.

---

1. *Данг* –ҳайрон, аҳмақ, беҳуш.
2. *Хушхасоил* – хушхӯ.

Фазлаш бубин, ки овард бар мо – табаҳхаёлон,
Гуфтори осмонӣ, ӯ ҳуҷҷату далоил.

Дар ҳар ду кавн хоҳӣ аз лутф гирадат даст,
Худ меҳри ҷонфурӯзаш аз дил масоз зоил.

Дорам хаёл бар сар, уммеди дил ҳамин аст,
Созам ба тавфи кӯяш, қатъи тайи[1] мароҳил.

Шояд Алам бигардад мақбули хони ҷудаш,
Аз даргаҳи каримон рад нест ҳеҷ соил[2].

* * *

Сӯи чаман гузар кун, бишнав навои булбул,
Аз шавқи гул бибошад ин моҷарои булбул.

Бе васли рӯи маъшуқ сабре ба ошиқон саъб[3],
Андар ҳузури гулшан бингар садои булбул.

Дурӯза сӯҳбати гул дон муғтанам, ки охир,
Аз маснади гулистон холист ҷои булбул.

Бо ишва дил рабояд он маҳ зи ошиқон, бин,
Орост хешро гул ҳам аз барои булбул.

Шаб то ба рӯз донӣ бо дарду нола бошад,
Бошад насими гулзор охир давои булбул.

Инро надонам охир бо булбул ин фиғон чист,
Аз дарди ишқ бошад ҳам нолаҳои булбул.

---

1. *Тай* – гузаштан, тай кардан.
2. *Соил* – гадо, талбанда.
3. *Саъб* – мушкил, душвор.

Андар сарири бӯстон гулҳо нишаста хандон,
Бар хеш шӯру афғон гардад бинои булбул.

Аз дарди беқарорӣ ҳам зор-зор нолад,
Наззораи чаман шуд дорушшифои булбул.

* * *

То зи ҳукми хештан он Подшоҳи Ламязал[1],
Ҳомили бори амонат кард моро аз азал.

Кори мо – ин оҷизон буда хиёнатпешагӣ,
Чунки дар дарёи ғафлат ғӯта зад нафси дағал.

Гаштаам донои маънӣ, нест зоил[2] доғи ҷаҳл,
Нест суде ҳеҷ бар мо ҳам зи илми беамал.

Ҳам матоъи умри худро дар тағофул[3] бохтем,
Мерасад бар ҷон аз кирдори зишти мо халал.

Шохи нахли орзуям бесамар гардидааст,
Баски печидаст бар вай решаи тӯли амал[4].

Сахт душвор аст кори мо шароратпешагон,
Мушкили моро магар созад зи лутфи хеш ҳал.

Ин Аламро ҷуз ба фазли раҳмати Яздон бувад?
Буда исёнаш касиру тоаташ бошад ақал.

---

1. *Ламъязал* – Худо.
2. *Зоил* – нобуд шудан, маҳв гаштан.
3. *Тағофул* – ғафлат, бехабарӣ.
4. *Амал* – орзу, умед.

* * *

Аз кудурроти алоиқ соз безангор дил,
Кун мусаффо, то бигардад мазҳари дидор дил.

Пок созӣ гар замири хеш аз ҳар ғашшу ғил,
Мешавад охир чу канзи махзани асрор дил.

Нури қалбатро гирифта зулмати ғафлат фурӯ,
Кун ту равшан ҳам зи оби дидаи хунбор дил.

Аз тағофул соз ибро, то шавӣ ҳам маҳзи нур,
Дон, зи огоҳӣ бигардад матлаъ-ул-анвор дил.

Хидмати некон гузину боданӯши шавқ бош,
Дар шигифт ояд туро аз сӯҳбати аброр дил.

Ҷаҳд кун аз ҷону дил, то худ бипайвандӣ ба ӯ,
Метавонӣ, эй Алам, баркан ту аз ағёр дил.

* * *

Нест бар дил ҳам маро ҷуз рӯят, эй маҳрӯ, хаёл,
Ҳам зи доғу дарди ту моро забун гардида ҳол.

Ман зи сӯзи ишқат, эй дилбар, чу най дар нолаам,
Қоматам аз бори ҳаҷрат хам шуда монанди дол.

Бингаред, эй ҳамдамон, сабр аз дилу ҳуш аз сарам
Бурда он байзоҷабини маҳваши некӯхисол.

Дар баҳору ҳам хазони даҳр бошӣ доимо,
Ҳамчу гул хандону хуррам, фориғ аз дарду малол.

Умрҳо шуд бохтам ҷон дар сари кӯи ту ман,
Чун сипеҳрам беқарор аз шавқи рӯят моҳу сол.

Худ зи ту омӯхта кабки дарӣ рафторро,
Аз нигоҳат дода рам таълим бар чашми ғизол.

Шуд Алам дар қайди занҷири ду зулфи пурхамат,
Шефта гардид бар моҳи руху он хатту хол.

* * *

Ман ҳамонам умр сарфи хизмати дилбар кунам,
Ҷуз дари ӯ рӯи худ кай бо дари дигар кунам.

Ёди шоҳи кишвари дил буда дар мулки вуҷуд,
Лашкари бегонаро тороҷ, ҳам абтар кунам.

Азми рафтан кардаам бо кӯи он маҳпайкарам,
Кӯҳли дида аз ғубори он дари манзар кунам.

Гар кунад ранҷа қадам, орад хироме сӯи ман,
Хори роҳашро бичинам, ҳамчу гул бар сар кунам.

Соқиё бахшӣ маи боқӣ маро як ҷоми айш,
Хокро бар соғари ин даҳри дунпарвар кунам.

Бо фурӯғи чеҳраи шамъи шабистонаш, Алам,
Чун пари парвона худро сӯзаму ахгар кунам.

* * *

Умрест мо, ғарибон, бо азми кӯи ёрем,
Ҷуз даргаҳи ҷамолаш ҷои дигар надорем.

Бо ёди рӯи он маҳ масруру ҷовидонем,
Не дар ҳавои гулшан, не фикри лолазорем.

Аз бодаи лаби ӯ, соқӣ, ба мо карам кун,
Ҷоме бибахш, зеро лабташна дар хуморем.

Бо ташрифи қудумаш чашмест дар назора,
Бар ҷилваи хиромаш мо ҷумла интизорем.

Аз фурқати рухи ӯ ҳастем зору ғамгин,
Об аз ду дида резад, оҳ аз ҷигар барорем.

Бо шамъи орази ӯ парвонаваш бирақсем,
Аз сӯзиши муҳаббат филҳол ҷон супорем.

Бошад Алам ҳамеша дар ёду гуфтугӯяш,
Васли варо талабгор охир ба ҳар диёрем.

* * *

Аз ишқи ту ман хаставу афгор шавам,
Бар васл расам, аз ҳама безор шавам.

Ҷонро ба нисори қадамат мекардам,
Ҳаддам набувад бо ту ба гуфтор шавам.

Хунинҷигари ишқи нигорам, охир,
Доим зи ғамат бо дили бемор шавам,

Ман заррасифат зи ишқи ту рақсонам,
Зуд о, санамо, бо ту ба гулзор шавам.

Ту беш накун доғи ҷудоӣ бар ман,
Сӯям бинигар, ки маҳви дидор шавам.

Хубӣ зи ту бошад ҳамаи оламро,
Сидқам ба туву даври ту сад бор шавам.

Зарбе задӣ аз новаки мижгон ба дилам,
Табъ аст ҳамин, бо дили хунбор шавам.

Зоҳир накунам саркашию сӯзи ғамат,
Ошиқ ба ту, эй шӯхи ситамгор, шавам.

Қаддат бинамо бар мани мискин, эй маҳ,
Кардӣ ту маро тобеъу, иқрор шавам.

Лутфе бикун, аз баҳри Худо, бо мани зор,
Моил ба ҳамон оранзи гулнор шавам.

Номат ба забон ояду шавқ афзояд,
Вологуҳаро, бар ту харидор шавам.

Ё Раб, Аламиро ба висолаш бирасон,
Варна зи алам ғамзадаи зор шавам.

* * *

Чу булбул дар ғами гул доимо ман зор менолам,
Шудам шайдо, ба даври ҳар гули гулзор менолам.

Зи мизроби хаёлаш бар дили худ захмҳо хӯрдам,
Чу нағма мехурӯшам, бар сари ҳар тор менолам.

Ба роҳи дӯст медон, қайди душман дар камин бошад,
На аз нармии гул, охир зи неши хор менолам.

Макун, носеҳ, ту манъам, то ба ёди дӯст хун гирям,
На аз дарди ғами дигар ,зи ҳаҷри ёр менолам.

Ба захми новаки мижгон дили решам ҷароҳат кард,
Зи сӯзи ишқи ӯ ман ҳам бад-ин озор менолам.

Чи донӣ, зоҳидо, худ нашъаи ҷоми муҳаббатро,
Ту саргардонӣ бо сабҳа[1], ман аз хаммор менолам.

Бидеҳ, соқӣ, зи минои ҷамолаш бодаи рангин,
Ки бо ранҷи хумори соғари саршор менолам.

Барорад мавҷи баҳри ишқ, созам фарқ аз ӯ худро,
Чу Мансурам «Аналҳақ» – гӯ, ба пои дор менолам.

Алам, бошад ғами беҳад маро аз дурии ҷонон,
Ба ёди ҷилваҳои он парирухсор менолам.

* * *

Бар фалак созад сууд аз ҳаҷри ҷонон нолаам,
Мерасад, донӣ агар, то фавқи кайвон нолаам.

Вола бо даври гулистони рухаш гардидаам,
Мунташир гардад ба сони андалебон нолаам.

Дар фироқаш зад шарора оҳи оташбори ман,
Сӯхт ин чашми маро ҳамчун наистон нолаам.

Рӯй дода заъф бар ман аз ғами он дилрабо,
Шуд ҳазин охир чу оҳи нотавонон нолаам.

Дар хуморам, соқиё, ман аз майи ҷоми висол,
Бода деҳ, дар авҷ гардад ҳамчу мастон нолаам.

Дар ғами он маҳҷабин охир чу най дорад наво,
Вақти субҳи солеҳон, шоми ғарибон нолаам.

То ба байни ишқбозон доимо андар хурӯш,
Чун ҷарас дунболи фавҷи корвонон нолаам.

---

1. *Сабҳа* (*субҳа*) – тасбеҳ.

Ҳар замон андар фироқи моҳи Лайлиҷилваам,
Мисли Маҷнун сар кашида дар биёбон нолаам.

Дар хаёли ӯ ҳамеша зору бемори ғамам,
Меравад шабҳо ба ранги дардмандон нолаам.

Лаҳзае бар дил надорам тоқати рӯзи фироқ,
Ҳар нафас бошад зи сӯзи маҳҷабинон нолаам.

Оҳи пурдарди Аламро мустамеъ шав вақти марг,
То равад бар назди ҷонон ҳамдами ҷон нолаам.

* * *

То зи ҳаҷри васли он хуршеди тобон сӯхтам,
Дар ғами он гул чу булбул дар гулистон сӯхтам.

Мунтазирам бо хирому нози он мӯйимиён,
З-иштиёқи қомати сарви хиромон сӯхтам.

Баҳри Юсуфталъате ман доимо аз иштиёқ
Ҳамчу Яъқуб мубтало дар байтулэҳзон сӯхтам.

Ишқи он Лайлихасоил бар дилам маъво гирифт,
Мисли Маҷнун кардаам рӯ дар биёбон, сӯхтам.

То шамими ӯ вазида бар машоми оламе,
Ман зи ҳаҷри накҳати зулфи парешон сӯхтам.

Доғ бар дил аз ғамаш, чун лола дар саҳро ватан
Кардаам, аммо ба ёди ҳусни ҷонон сӯхтам.

Зору маҳзунам ҳамеша дар саводи кунҷи ғам,
Аз хиёли орази шамъи шабистон сӯхтам.

Аз шароби лаъли ӯ, соқӣ, маро ҷоме бидеҳ,
Дар хумори нашъаи лабҳои хандон сӯхтам.

Гаштаам саргаштаву шайдо ба бозори ғамаш,
То ба савдои рухи он моҳи хубон сӯхтам.

Гаштаам дар шоми ҳиҷронаш дили пурхун, Алам,
То ки ман бо ёди васли роҳати ҷон сӯхтам.

* * *

Бигаштам ошно бо ишқи он ширинлиқо кам-кам,
Бикардам меҳри он маҳро даруни сина ҷо кам-кам.

Ба ишқи ӯ гирифторам, зи ҳаҷраш зору беморам,
Ки охир лаъли нӯшинаш ба дардам шуд даво кам-кам,

Саҳаргоҳ аз фироқаш дар такопӯи суроғат дил,
Биёрад бар машомам накҳати ӯро сабо кам-кам.

Бигуфтам, аз лаби ҷонбахши худ як бӯса деҳ бар ман,
Ду рухсораш чу барги гул арақ кард аз ҳаё кам-кам.

Бути симинбарам ранҷид, итобомез бо ман гуфт:
«Ки хоҳам кард аз ин пас бо ту ман ҷабру ҷафо кам-кам».

Ту, эй дил, сабр кун аз дарду ранҷу меҳнати ҳиҷрон,
Ба домони висоли ӯ шавад дастат расо кам-кам.

Бишуд зоил зи доғи фурқаташ аз дида биноӣ,
Зи гарди кӯи ӯ кардам ба чашмам тӯтиё кам-кам.

Рабуда занг аз оинаи дил зикри номи ӯ,
Хиёлаш ҷилвагар шуд, дод ҷонамро сафо кам-кам.

Муқими остонаш шав, Алам, аз ҷону дил, шояд
Ба мақсудат расию ҳам барояд муддао кам-кам.

* * *

Маҷнуни ишқи дилбарам, машҳури баҳру бар шудам,
Бо шамъи рухсори санам парвонаваш ахгар шудам.

Саргаштаам дар роҳи ӯ, бо ёди рӯи моҳи ӯ,
Ҳайронам андар кори худ, вомондаи шашдар[1] шудам.

Аз нори ишқи он санам оташ фитода бар дилам,
Охир ба ранги каҳрабо аз чеҳраи аҳмар шудам.

Меҳри рухи он фозила кардам талаб ҳамчун садаф,
Бо абри найсон мунтазир, вобастаи гавҳар шудам.

Бо ёди чашми масти ӯ, гулдастаҳои дасти ӯ,
Бо абрӯи пайвасти ӯ овора бо ҳар дар шудам.

Андар гулистони рухаш чун булбули шайдо манам,
Дорам наво шаб то саҳар, маҷрӯҳи болу пар шудам.

Не сабр аз ӯ дар дил маро, мондаст по дар гил маро,
Андар биёбони ғамаш ман оҷизу музтар шудам.

Рахши ҳамият[2] тохтам, дар ишқи ӯ ҷон бохтам,
Ҷуз ӯ касе нашнохтам, не моили дигар шудам.

Зад нори ишқи он санам фаввора бар ҷони Алам,
Сӯзон ба доғи ҳаҷри ӯ чун уд дар миҷмар[3] шудам.

---

1. *Шашдар* – (маҷоз) ҳайрон мондан дар ҳалли коре, оҷиз.
2. *Ҳамият* – ғайрат, номус.
3. *Миҷмар* – зарфе, ки дар он уд ва испанд дуд мекунанд.

* * *

Маро ояд ба дил ҳар дам хаёли рӯи ҷононам,
Зи дарди дил ба гардун мебарояд оҳу афғонам.

Зи авҳоми таааллуф[1] он қадар ошуфтагӣ дорам,
На пои рафтанӣ дорам, на роҳи рафтанӣ донам.

Талаф шуд умри ман дар зери ин бозичаи гардун,
Надидам васли он зебо, чӣ созам, зору ҳайронам.

Зи дарди ҳаҷри ӯ ҷонам ба нори ишқ месӯзад,
Умеди ман яқин бошад, зи сӯи ӯст дармонам.

Ба ихлосу муҳаббат ман ба субҳу шом баргирам,
Ки исмаш бар забони дил шавад комил чу имонам.

Даруни зулмати зиндонсарои даҳр дармондам,
Зи лутфи Эзидӣ омад ба сар шамъи шабистонам.

Ба рӯи дафтару авроқ номаш, ки рақам созам,
Шавад ором ҷону бал бувад ӯ зеби девонам.

Агар гӯянд: адаб набвад Аламро васфи ӯ кардан,
Вале чун зарра бо хуршеди рӯяш ман парафшонам.

* * *

Эй хуш айёме, ки бо номаш фароғат доштам,
Дар ҳузури васли ӯ ман истироҳат доштам.

Дар ба дар ҷӯям варо аз ҷодаи ишқаш нишон,
Бо ҳавои кӯи ӯ чандин саёҳат доштам.

---

1. *Авҳоми таааллуф* – аз ваҳму тарси одати карда.

Тӯтиё бо чашм карда аз ғубори даргаҳаш,
Дар ҳарими ошёнаш истиқомат доштам.

Буда дар афғон чу булбул даври он бӯстони хулд,
Саҷда бар даргоҳи он соҳибсаодат доштам.

Манзили ҷонон баиду[1] раҳ сақиму[2] нопадид,
Шуд ғунуда[3] бахти ман варна ғаромат[4] доштам.

Толеъам носоз, бахтам вожгун, ҳолам забун,
Буда, гар на бо риёзат ман зиёрат доштам.

Эй хуш он соат, ки дар тавфи мазораш ҳар нафас
З-оташи ишқаш ба дил шӯри қиёмат доштам.

Орзу ҳаст турбати покаш зиёратгаҳ кунам,
Дар ҳаёту умри худ ман гар бизоат доштам.

Эй Алам, дар қурби он маъво супорам ҷон агар,
Дастрас бо равзаи фахру рисолат доштам.

* * *

Ба хуни дил чу дафтар менависам,
Зи дарди ишқи дилбар менависам.

Забон то дар даҳонам ҳаст гӯё,
Сифоташро мукаррар менависам.

Чу номаш зиннати авроқ бошад,
Ба исмаш руқъа хуштар менависам.

---

1. *Баид* – дур.
2. *Сақим* – вайрон, хароб, шикаста.
3. *Ғунуда* – осуда, ором, хоб.
4. *Ғаромат* – товон, ҷарима.

Хиёлаш нақш баста бар дили ман,
Ҷуз ӯ на мадҳи дигар менависам.

Зи шавқи рӯи ӯ гум карда роҳам,
Чу хат бо роҳи мистар менависам.

Бувад меҳраш ба ҷони ман баробар,
Бал аз ҷон хубу беҳтар менависам.

Ки шарҳи он маҳи байзоҷабинро
Тавонам, аз ҳали зар менависам.

Ба шаъни талъати нури ҷамолаш,
Саводи моҳу ахтар менависам.

Ҳамеша мӯҳри номашро, Алам, дон,
Ба лавҳи дил саросар менависам.

* * *

Ман умри худро дар ҷаҳон дар кӯи дилбар бохтам,
Ҷуз даргаҳи он мӯҳтарам ҷойи дигар нашнохтам.

Аз инқилоби даҳри дун роҳат наяфзояд, нигар,
З-ин рӯ гузаштам аз ҳама, худро ба ӯ андохтам.

Дар миҷмари ишқи санам чун уд месӯзад дилам,
То шӯълаи шавқи варо бар ҷону тан афрохтам.

Не ошиқи дунё манам, не моили уқбо манам,
Бигзаштаам аз ину он, бо ёди ӯ пардохтам.

Маҷнуни он Лайло шудам , дар кӯчаҳо расво шудам,
Дар ҳаҷри ӯ шайдо шудам, худро қаландар сохтам.

Ҳар кас пайи коре дар ин майдон ба ҷавлон омада,
Худ ман саманди фикрро дар роҳи ҷонон тохтам.

Хӯрдам, Алам, хуни ҷигар, чашмам зи ҳаҷраш
гашта тар,
Аз ҷони худ кардам гузар, он симбар бишнохтам.

* * *

Ман аз адам мавҷуд андар зери афлок омадам,
Баҳри парастиш дар ҷаҳон бо дилбари пок омадам.

Анқосифат буд он замон дар авҷи аъло сайри ман,
Шуд имтиҳон, дар асфали[1] ин гунбади хок омадам.

Чун ангубин рӯзи нахуст будам мусаффо, лавн хуш,
Ин дам зи феъли зишти худ монанди тарёк омадам.

Худ омадам аз дори Хулд баҳри тавозӯъ бар замин,
Аз дасти нафси бадгуҳар мағруру бебок омадам.

Чил субҳ ӯ дар хоки ман резонд охир оби ғам,
З-ин ваҷҳ дар меҳнатсаро маҳзуну ғамнок омадам.

З-андӯҳи ин зиндонсаро дар дил чӣ дорам кулфате,
Масрури давр аз синаам, бо чашми намнок омадам.

Донӣ, Алам, аз ибтидо, ҳам ӯ бувад ноинтиҳо,
Сунъи[2] варо нашнохтам, дар фаҳму идрок омадам.

---

1. *Асфал* – зер, пастӣ, поён.
2. *Сунъ* – эҷод, офариниш, аз чӣ сохта шудан.

* * *

Аз ҳаҷри рӯи он гул пайваста зор нолам,
Чун андалеби шайдо дар ҳар баҳор нолам.

Аз боди марг хаста, шуд навгуле шикаста,
Дар кунҷи ғам нишаста, бемори зор нолам.

Рӯ оварад хазоне дар боғи навҷавоне,
Аз ҳаҷри ёри ҷонӣ хуш беқарор нолам.

Бо он узору гесӯ, бо ҳар ду чашму абрӯ,
Бо ёди қомати ӯ шабҳои тор нолам.

Чун булбулон ба зорӣ аз дарду беқарорӣ,
Андар фироқи рӯи он гулъузор нолам.

Талхии ғам чашида, хун аз ҷигар чакида,
Моҳ аз барам рамида, лайлу наҳор нолам.

Сӯзи даруни ҷонам, дар мағзи устухонам,
Ҳар шому субҳгоҳе аз баҳри ёр нолам.

Шуд дар дилам ниҳода андӯҳу ғам зи бода,
Дар гӯшае фитода, ҳам интизор нолам.

Шабҳо ба рӯз нолам, бо дарду сӯз нолам.
Аз булбулони бӯстон ман бешумор нолам.

Сарви чаман нагун шуд, дил аз фироқ хун шуд,
Ҳолам басе забун шуд, бо ҳоли зор нолам.

Не сабру не сукунам, чун лола ғарқи хунам,
Аз иштиёқи ҳусни зебонигор нолам.

Дарди Алам фаровон, дил омада ба афғон,
Бо сад забон бигӯям, бо сад ҳазор нолам.

* * *

Бикун марҳам ба васлат дарди дил, эй сарви нози ман,
Шавад таскин магар як лаҳзае сӯзу гудози ман.

Ба чоҳи зулмати ҳаҷрат фитодам доғи ғам бар дил,
Намо шамъи рухи моҳат, нигори дилнавози ман.

Ба кӯят бастаам эҳроми ҳастӣ, каъбаи мақсуд,
Ба меҳроби ду абрӯи ту ҳам бошад намози ман.

Надорам ҳамдаме ҷуз ту, бигӯям шарҳи дил бо ӯ,
Чӣ донад бехабар ин қиссаи дуру дарози ман.

Ба фикрат доимо чун андалебон дар наво бошам,
Ки шояд қантари[1] таҳқиқ гардад ин маҷози ман.

Бикардам меҳри ту бар дил чу дурр
андар садаф пинҳон,
Зи сӯзи ҷазбаи ишқи ту шуд макшуф рози ман.

Чу уд (?) дар миҷмари ишқи ту сӯзад ин Аламро дил,
Набошад ҷуз ту маъмуре дигар бар сӯзу сози ман.

* * *

Дар чаман ногаҳ зи баҳри сайр ёр ояд бурун,
Бо тамошои рухи ӯ гул қатор ояд бурун.

Наргис аз шарми ду чашмаш сар ба пеш афканд зуд,
Лола дилхун бо рухаш аз кӯҳсор ояд бурун.

Бо хаёли ҷаъди пурпечу хами зулфайни ӯ,
Ҷаста сунбул аз лаби ҳар обшор ояд бурун.

---

1. *Қантар -(и)* – пул, кӯпрук.

Сарв дар бӯстон ба таъзими қадаш бархоста,
Гар хиромон аз макон он гулъизор ояд бурун.

Арсаи дорайн[1] гардад аз қудумаш дар шигифт,
Анҷуманорои ман-он шаҳсавор ояд бурун.

Соқиё, бар ман бибахш аз бодаи лаъли лабаш,
То ки аз дил кулфати ранҷи хумор ояд бурун.

Таҳ ба таҳ хун шуд Аламро дил зи ёди оразаш,
Ҷони ӯ аз фурқати васли нигор ояд бурун.

* * *

Ҳалқаи зулфат, санам, гардид охир доми ман,
Сарфи савдои ту шуд оғоз, ҳам анҷоми ман.

Дар биёбони фироқат ташналаб афтодаам,
Аз мазоқи лаъли нӯшин соз ширин коми ман.

Муддати умрам бирафту аз ту будам бехабар,
Партави ҳусни ҷаҳонсӯзат намуд эъломи ман.

Нақш баста партави меҳри ҷаҳонтобат ба дил,
Аз хаёлат нест холӣ лаҳза субҳу шоми ман.

Интизорӣ мебарам бо сайди мақсад ҳар замон,
То бувад, ҳошо, ки гардад мурғи васлат роми ман.

Баски махмурам ба ёди бодаи рангин мудом,
Аз майи ишқат бикун саршор худ ин ҷоми ман.

---

1. *Дорайн* – ҳар ду олам.

Гар баён созам, зи авсофат, бувад қосир[1] забон,
Ҳам ба ҳадди васф охир кай расад ифҳоми[2] ман.

То ки шаъни рафъататро ман агар созам рақам,
Оби ҳайвон мечакад аз дидаи ақломи[3] ман.

Чун сипеҳр аз ишқи рӯят ин Алам саргаштааст,
Бурда аз дил ишваат, эй дилрабо, ороми ман.

* * *

Биё, эй нозбӯ, як дам димоғи ҷон муаттар кун,
Шабистони вуҷудам, эй маҳи тобон, мунаввар кун.

Рамидӣ аз бари дилдодагон чун оҳуи ваҳшӣ,
Назар бар ҳоли ин бечорагони зору абтар кун.

Хиром орӣ ту чун кабки дарӣ бо сӯи муштоқон,
Чу тӯтӣ аз каломат маҷлисам пуршаҳду шаккар кун.

Каманди зулфи ту занҷир шуд бо гардани ҷонам,
Бимурдам дар ғамат, эй шӯх, васлатро муяссар кун.

Кунӣ то чанд дурӣ аз барам, эй дилрабо, раҳме,
Шабе,эй моҳрӯ, ин мустаманди хеш дар бар кун.

Нигар дар ҷӯши истиғно, тағофул карданат то кай,
Ҷафо баҳри Худо, эй сангдил, бо ман ту камтар кун.

Ба дарборат фитодам ман, маронӣ бо дари дигар,
Аламро бо сагони кӯи худ, ҷоно, баробар кун.

---

1. *Қосир* – кӯтоҳ, оҷиз.
2. *Ифҳом* – дарк кардан, фаҳмидан.
3. *Ақлом* – ҷамъи қалам.

* * *

Шудам вобаста бо зулфат, намо раҳме, нигори ман,
Чу булбул нола дорам дар ғамат, эй гулъузори ман.

Ба дил дарду ба рух зарду ба чашм ашку ба лаб оҳе,
Гувоҳи дарди ишқат шуд ду чашми ашкбори ман.

Ҳилоли абрувонат кард моро волаю шайдо,
Халидӣ новаки мижгон ту бар ҷони фигори ман.

Задӣ захме ба тири ғамза андар синаи решам,
Чу сайдам кардӣ (?) бо қавси ду абрӯят, нигори ман.

Шуда мурғи дилам мойил ба сӯи донаи холат,
Ба доми зулфат афтод, эй бути чобуксавори ман.

Зи ҳаҷрат, эй маҳи симинбадан, дар хок яксонам,
Карам фармо, тараҳҳум кун, даме бар ҳоли зори ман.

Чу шабнам пеши хуршеди рухат сар бар ҳаво кардам,
Наёбад то ба маҳшар кас нишоне аз ғубори ман.

Алам, дорам умеде ҳам зи лутфи ҷуду эҳсонат,
Зи ҷоми лаъли худ як ҷуръае созӣ нисори ман.

* * *

Тариқи дӯст гар хоҳӣ, дари таслимро во кун,
Ҳам аз оҳу надам дарди гуноҳатро мудавво кун.

Чу Юсуф дар буни[1] чоҳи риёзат сар фурӯ орӣ,
Кулаҳ бишкан, пас он гаҳ сайри улвӣ бо Масиҳо кун.

---

1. *Бун* – таг, зер, таҳ.

Даруни кулбаи ҷон партави дидор мехоҳӣ,
Зи занги мосиво[1] миръоти[2] қалбатро муҷалло кун.

Гузар аз ному нанги худ, чу Маҷнун бош дар узлат,
Зи ҳомуни фироқ он гаҳ ту азми кӯи Лайло кун.

Ҳаминат орзӯ бошад дар он даргаҳ диҳад борат,
Аз оғӯши алоиқ ҷисму ҷонатро мубарро[3] кун.

Ниёзи аҷз пеш овар, ба чашм ашки надомат рез,
Ба ҷайби нестӣ сар каш, маконатро муалло[4] кун.

Нишон аз бенишонӣ мешавад машҳур дар олам,
Чу анқо шав ба гумномию номи худ ҳувайдо кун.

Бикун дар гармии бозори ишқаш худ харидорӣ,
Ба нақди ҷон матои ҳусни ҷонон зуд савдо кун.

Агар хоҳӣ, Алам, ояд ба каф ин ганҷи мақсудат,
Намози субҳу аҷзи нимшаб бар хеш пайдо кун.

* * *

Ҳастӣ агар шоҳи ҷаҳон, дар пеши маргӣ нотавон,
Маҳкуми ҳукмат мардумон, дар пеши маргӣ нотавон.

Андар ҷаҳони пурғурур, бо қуввату бозӯи зӯр,
Бошӣ забардасту судур, дар пеши маргӣ нотавон.

Гар хилъати шоҳӣ ба бар, тоҷи Сулаймонӣ ба сар,
Фармонравои баҳру бар, дар пеши маргӣ нотавон.

---

1. *Мосиво* – ҳархела, беҳуда.
2. *Миръот* – оина.
3. *Мубарро* – пок кардан, холӣ кардан аз гуноҳ.
4. *Муалло* – боло, баланд, олӣ.

Гардида афзун гову хар, созӣ хазоин[1] молу зар,
Мерос монад бо дигар, дар пеши маргӣ нотавон,

Дорӣ ҳавас бо ину он, пайдо кунӣ ному нишон,
Зери нигинат сарварон, дар пеши маргӣ нотавон.

Бо симу зар Қорун шавӣ, дар илм Афлотун шавӣ,
Гар бар сари гардун шавӣ, дар пеши маргӣ нотавон.

Гар шоҳ Искандар туӣ, Ҷамшеди некӯфар туӣ,
Дорои ҳафт (?) кишвар туӣ, дар пеши маргӣ нотавон.

Бо тахту мулк (?) Хоқонӣ ту, бо илму фан Луқмонӣ ту,
Гар Рустами Дастонӣ ту, дар пеши маргӣ нотавон.

Хоҳӣ гадо, хоҳӣ фақир, ё будӣ шоҳи мулкгир,
Ҳастӣ ту гар барнову пир, дар пеши маргӣ нотавон.

Фавқӣ ту гар аз ҳар гурӯҳ, номат баланду пуршукӯҳ,
Буда асосат ҳамчу кӯҳ, дар пеши маргӣ нотавон.

Машғул ҳам бо гиру дор, андар хаёли мулку дор,
Ин фикр аз хотир барор, дар пеши маргӣ нотавон.

Шеърат, Алам, хуштар кунӣ, гуфтор аз ин беҳтар кунӣ,
Гар сад сухан дафтар кунӣ, дар пеши маргӣ нотавон.

* * *

Аз ғубори мосиво ойина безангор кун,
Он замон наззорае хуш бо ҷамоли ёр кун.

Аз дами оҳи саҳар ёбӣ раҳи қурби висол,
Бо лиқои гул чу булбул нолаҳои зор кун.

---

1. *Хазоин* – хазина.

Як дам огоҳӣ гузин, з-аҳли шарорат дур бош,
Умри худро сарф андар хизмати аброр[1] кун.

Шав ҳарифи нори ишқаш, мисси қалбат зар шавад,
Дар кафи сарроф худро маҳрами асрор кун

Ганҷи мақсадро ту хоҳӣ бар кафат осон фитад,
Илтиҷо дар боргоҳи ҳазрати Ҷаббор кун.

Пеши устоди хирад тавсин аз ваҳдат бигир,
Дарси матлабро яке гӯ, доимо такрор кун.

Кун, Алам, бо сидқ рӯ дар боргоҳи Кибриё,
Лутфи ӯ ом аст, аҷзи хешро изҳор кун

* * *

Ҷӯши хат сар зад баногаҳ даври гулзори чаман,
То хат оварда саёҳи Ҳинд бо мулки Яман.

Килки ман дар васфи ӯ як-як чудо ҷавлон кунад,
Қад – санавбар, мӯ – миён, рухсора – маҳ,
зулфон – Хутан.

Дар чаман пеши гули рухсори ӯ бошад хиҷил,
Наргису садбаргу савсан, лолаи сурӣ суман.

Лашкари ишқаш чу бар ҷонам шабохун оварад,
Ақл аз сар мерабояд, рӯҳро ӯ аз бадан.

Бо дури гуфтори ӯ қумриву булбул мунфаил,
Тӯтии хушлаҳҷа ҳайрон пеши он ширинсухан.

Дидаам дар бӯстон дорад ба дил шармандагӣ,
Баҳри таркаш сар чу бодому ба садраш норван[2].

---

1. *Аброр* – одамони накӯкор.
2. *Норван* – номи дарахт.

Ин машоми ҷони ман дорад шамими зиндагӣ,
Аз зулоли лаъли нӯшин, яъне он чоҳи зақан.

Шукри лиллаҳ то зи юмни толеи фархундаам,
Он маҳи гулпираҳан хуш марҳабо дорад ба ман.

Эй санам, раҳме намо, аз ту намесозад гузар,
То Алам дар ишқи ту кардаст дилро мумтаҳан[1].

* * *

Он ёр гуфто: «Як шабе бархезу эҳсонам бубин,
Андар саводи ҳаҷр ту шамъи шабистонам бубин».

Гуфтам: «Миёни зулматам»,
гуфто: «Аз ин маҳфил баро,
Хуршед гар мебоядат, рӯи гулистонам бубин».

Дар бӯстони ҳусни ман, гуфто, ки сайрат орзуст,
Сунбул агар дорӣ ҳавас, зулфи парешонам бубин.

Гуфтам, ки талх (?) аст коми ман,
гуфто: – «Кунам ширин варо,
Майли шакар дорӣ ту зуд, ин лаъли хандонам
бубин».

Гуфтам: «Зи дурий васли ту чун ғунча
дил дарҳам фишурд»,
Гуфто: «Дилат гар бишкуфад,
ин қадди ларзонам бубин».

1. *Мумтаҳан* – дучори сахтӣ ва бало.

Гуфтам, ки дар саҳро чаро бошад ғизолонро раме,
Гуфто: «Саволат нест рад,
ин чашми фаттонам бубин».

Гуфтам, ки дар ҳомуни ғам карда таби ҳаҷрат хазон,
Гуфто: «Бикаш ранҷи фироқ,
оғӯши тафсонам бубин».

Гуфтам: «Равам сӯи чаман, бинам ҳавои лолазор»,
Гуфто, ки гулбарги рухи пуршабнамистонам бубин.

Гуфтам, ки аз лабташнагӣ дорам талаб оби ҳаёт,
Гуфто: «Алам, сарчашмаи чоҳи занахдонам[1] бубин!»

* * *

Ногаҳон омада биншаст ба бар дилбари ман,
Зи ҳузураш ба фалак соида фарқи сари ман.

Офтобест, ки гӯё ба шаб оварда тулӯъ,
Шуд мунаввар зи рухи ӯ ҳама бому дари ман.

Гуфтамаш: Бе ту маро ҳол аҷаб душвор аст,
Бинигар дуди дилу оби ду чашми тари ман.

Гуфт: Аз булҳавасӣ дорӣ ту ин навъ фиғон,
То мукаррар накунӣ, нест зи ту бовари ман.

Гуфтам: Аз тири нигоҳи ту ҷароҳат шуда дил,
Абрӯят ҳаст камон, неши мижа ханҷари ман.

Аламо, сӯхта дар миҷмари ишқи ёрем,
Бишнавӣ бӯи вафо ҳам ту зи хокистари ман.

---

1. *Занахдон* – манаҳ, чона.

* * *

Маҳи ман, орзу дорам ба дил бинам лиқои ту,
Асири зулмати ҳаҷрам, ғарибу мубталои ту.

Қадам ранҷа намо сӯям, зи ҳад бигзашт муштоқӣ,
Хиромат, дар назар бинам, кунам ҷонро фидои ту.

Ба эҳзорат чу барқ аз ҷо ҷаҳам, эй дилнавози ман,
Ба иқдомат ҷабин молам, бибӯсам хоки пои ту.

Харобам аз нигоҳи фитнаҳои чашми фаттонат,
Ба қайдам дар хами пурпечи зулфи мушксои ту.

Маро гиру бубар, эй ҷон, зи васлат роҳат афзояд,
Кашидам меҳнату кулфат ба олам аз барои ту.

Ту дар нозу карашма будаӣ, сӯзу ниёз аз ман,
Ба ҳар навъе, ки шуд майлат, зи дил ҷӯям ризои ту.

Алам бо аҷзу зорӣ рух ба хоки даргаҳат молад,
Ту шоҳи кишвари ҳуснию ӯ бошад гадои ту.

* * *

Эй, маро дил шуд асири он қаду болои ту,
Зиндагонӣ аз зулоли лаъли ҷонафзои ту.

Ҷону дил тороҷ карда, эй маҳи ширинлиқо,
Новаки мижгони нозу наргиси шаҳлои ту.

Бо каманди абрувонат сайд кардӣ оламе.
Шуд салосил[1] ҳалқаҳои зулфи анбарсои ту.

---

1. *Салосил* – сисила, занҷир.

Моҳу хур аз нури хубӣ хира монда бар фалак,
Гар набудӣ партави рӯи ҷаҳонорои ту.

Бо хироми сарви нозат кардӣ (?) бо саҳро гузар,
Мунфаъил шуд лола аз рухсораи зебои ту.

Нақди ҷон бар каф равон гардад зи бозори ғамат,
Ҳар киро буда ба дил майле, гар аз савдои ту.

Ҳам ба ваҷҳе ишқ бозад ҳар кӣ бо шамъи рухат,
Ҳеҷ сар холӣ набуд аз шӯришу ғавғои ту.

Интизори қатраи найсони ишқат шуд Алам,
Чун садаф бар дил гирифт аз гавҳари волои ту.

* * *

Масту махмурам ба ёди наргиси хуммори ӯ,
Беқарорам аз хаёли чеҳраи гулнори ӯ.

Васфи ӯ аз ҳад буруну килки ман оҷизбаён,
Кай тавонад заррае бинвишт аз гуфтори ӯ.

Эҳтиёҷи ғозаи машотааш ҳаргиз набуд,
Худ ба худ гардад намоён шӯълаи дидори ӯ.

Хӯшаи пурпечи зулфаш буда доми ошиқон,
Дона шуд холи сияҳ бар хирмани рухсори ӯ.

Нуктаи рамзи даҳонаш – чашмаи оби ҳаёт,
Коми ҷон ширин бувад аз лаъли шаккарбори ӯ.

Ҳар киро дар сар ҳавои гуфтугӯи дигар аст,
Орзу бошад Аламро хидмати дарбори ӯ.

* * *

Эй ниҳоли боғи умр, он ғунчаву асмор[1] ку ?
Аз хироми зиндагонӣ зиннати рафтор ку ?

Шохи гулзори ҷавониро намонда рангу бӯ,
Булбулонро бо гулистон нолаҳои зор ку ?

Аз ҳаводис баски бӯстонро расад боди хазон,
Қумриёнро ку-куи сарви лаби ҷӯйбор ку ?

Ошиқонро дар раҳи маъшуқ ҷонбозӣ куҷо,
Андалеби мастро наззора дар гулзор ку ?

Эй ки ҳар дам лофи ишқаш мезанӣ дар кӯчаҳо,
Дар тариқи кӯи ҷонон дидаи хунбор ку ?

Хуфта шабҳои дароз (?) дар бистари роҳат ба ноз,
Бин, ки инсофат кадому бо ту тарси нор ку ?

Мӯътақиди зоти Ҳақ шав, дил ба ӯ деҳ, эй Алам,
Дастгири оҷизон ҷуз Холиқи Ҷаббор ку ?

* * *

Биё то дар барам, эй маҳ, манам дар интизори ту,
Ки гардад кулбаам пурнур аз шамъи узори ту.

Майи саҳбои васлат нашъа дорад бо мазоқи ҷон,
Бубахшӣ ҷуръае бо ман, ки ҳастам дар хумори ту.

Хиромон сӯйи ман ойӣ чу сар дар мақдамат монам,
Забон бо марҳабо ҷориву ҷон гардад нисори ту.

---

1. *Асмор* – ҷамъи самара.

Зи андӯҳи фироқат зору ҳайрон, мубтало гаштам,
Чу лола бар дили саҳро ба дил доғи ғубори ту.

Зи ишқат муддате шуд ман чи ранҷи бекарон дорам,
Давоям аз майи васлу зи лаъли шаҳдбори ту.

Ниҳоли умри ман бебаҳра шуд андар хазони ҳаҷр,
Шавад сабзу мунаввар аз рухи ҳамчун баҳори ту.

Ниҳода нури ҳуснат раъша[1] бар аъзои муштоқон,
Сипеҳросо Алам бошад ҳамеша беқарори ту.

* * *

Бар шамъи чеҳраи ӯ парвонаваш бисӯзам ,
Бар дида хоки пояш чун тӯтиё нишаста.

Он шӯхи хушназокат дар гулшани малоҳат,
Чун сарви саркашида дидам ба по нишаста.

Андар сарири хубӣ бо ноз монда паҳлӯ,
Дар маснади латофат зарринқабо нишаста.

Бо даври оразя ӯ ҷӯши арақ намоён,
Дар барги гул чу шабнам ҳам аз ҳаё нишаста.

То чашми худ кушудам дар бӯстони маънӣ,
Он маҳҷабин ба чандин нашъунамо нишаста.

Аз саъди толеъи мо, он моҳи авҷи хубӣ
Дар роҳи мустамандон бо марҳабо нишаста.

Омад табиби ҷонҳо бар бистари маризон,
Дарди дили Аламро баҳри даво нишаста.

---

1. *Раъша* – ларзиш, ҷунбиш дар дасту по аз пирӣ ё беморӣ.

* * *

Бо забони он санам тарҳи дигар андохта,
Шӯълаи сӯзони ишқаш дар ҷигар андохта.

Нест нофеъ бар ман охир сандали[1] осудагӣ,
Чунки аз доғаш маро бо дарди сар андохта.

Ҳам зи қайди ишқи ӯ дилро раҳоӣ мушкил аст,
Бас каманди зулф бар даври камар андохта.

Лаҳзае аз рух агар он маҳ барандозад ниқоб,
Оламеро дар фиғону шӯру шар андохта.

Оташи ҳиҷрони ӯ аз миҷмари ҷон сар кашид,
Бар найистони вуҷуди мо шарар андохта.

Ҳамчу Маҷнун рӯ ба ҳомун кардаам бе пову сар,
Бар сарам ин рӯзро он симбар андохта.

Ногаҳон аз партави ҳусни ҷаҳонсӯзаш, вале
Шӯҳра дар арзу самову баҳру бар андохта.

Нури хуршеди рухаш то дар ҷаҳон гардид аён,
Рашкро бар талъати шамсу қамар андохта.

Ин Аламро ишқи ӯ бо ҳусни худ он моҳрӯ
Шӯр аз милҳи[2] лабаш бар якдигар андохта.

* * *

Маро ҳам зикри номи ӯ ба дил аз боғу бӯстон беҳ,
Ба фикри дӯст кунҷи узлат аз сайри гулистон беҳ.

Ба ёди ӯ ба ман чизе дар ин олам намебояд,
Хаёли моҳи рухсораш зи сад шамъи шабистон беҳ.

---

1. *Сандал* – дарахти хушбӯест,ки дарди сар бибарад.
2. *Милҳ* – намак.

Бисозӣ бистари худро гар аз хокистари гулхан,
Ба зери паҳлу аз болини нарми нозанинон беҳ.

Гадои кӯи ӯ шав ту, кулоҳи факр неҳ бар сар,
Зи тоҷи Қайсару ҳам аз шукӯҳу чатри Ҳоқон беҳ.

Агар ёрат бувад мӯнис, ба фарқат оташ афрӯзад,
Яқин донӣ, ки ӯ аз зилли[1] мурғони Сулаймон беҳ.

Сабақ хонӣ агар ту дар дабиристони ишқи ӯ,
Зи доноии Афлотуну ҳикматҳои Луқмон беҳ.

Алам, дар зовии меҳнат нишин, бо ёди ӯ мебош,
Туро аз тандурустӣ сӯзи доғи дарди ҷонон беҳ.

* * *

Буте дорам, ки рухсораш чу лола,
Зи сунбул даври гул бастаст ҳола[2].

Ба гирди ғунчаи лабҳои нӯшин,
Намоён шуд арақ монанди жола.

Зи абрӯи камонвораш ба ҷонам,
Бикарда тири ишқашро ҳавола.

Тамоми сабру оромам ба як бор,
Ба сеҳри ғамза кард он маҳ изола[3].

Ба ёди накҳати гулзори ҳуснаш
Чу булбул доимо ҳастам ба нола.

---

1. *Зил(л)* – соя.
2. *Ҳола* – ғубори сафедест ба даври моҳ.
3. *Изола* – рабудан, барҳам додан.

Даме шав, ошиқо, сомеъ ба ҳарфам,
Ба васфаш бишнав аз ман ин мақола.

Ту, соқӣ, аз шароби ишқи ҷонон
Ба махмурон бинӯшонӣ пиёла.

Ба ёди қомати сарви равонаш
Ба сони қумрӣ (?) дил гардид вола.

Кунад васфаш Алам, гар зинда монад,
Валекин марг ояд ломаҳола[1].

* * *

Биё, эй мӯниси ҷон, аз барам гардӣ ҷудо то кай,
Ба ман то чанд маҳҷӯрӣ, бигӯ, баҳри Худо то кай?

Ту дар нозу ниёз аз ман, ҳама сӯзу гудоз аз ман,
Таҳаммул беш аз инам не, ба дардат мубтало то кай?

Ба даври шамъи рухсорат бибошам ҳамчу парвона,
Зи ҳаҷри гулшани рӯят чу булбул дар наво то кай?

Зи ту дурию мағрурӣ, зи мо зорию маъзурӣ,
Кашидан меҳнати ҳаҷру ғаму ранҷу бало то кай?

Миёни зулматободам, намо хуршеди васлатро,
Ки доғи кулфататро менихӣ бар ҷони мо то кай?

Шудам монанди най дар нола, дорам азми кӯи ту,
Ба роҳат чун дарои корвон созам садо то кай?

Зи лутф, эй моҳ, бингар бар Алам,
кун пурсиш аҳволаш,
Ҷигар хуну дилаш пурдард, рангаш каҳрабо то кай?

---

1. *Ломаҳола* – ногузир.

* * *

Эй ситамгар, гӯ зи дардат беқарорӣ то ба кай?
Мениҳӣ охир ба ҷонам ҷавру хорӣ то ба кай?

Мекунӣ бар мо тағофул, нозу истиғно баланд,
Бар асирони ғамат ин аҷзу зорӣ то ба кай?

Дида дар наззораат охир дучори хок шуд,
Ҳам зи ҳад бигзашт корам, интизорӣ то ба кай?

Заррасон бо партави нури рухат дорам суъуд[1],
Дар қудумат мушти хокам, ҷонсупорӣ то ба кай?

Ташнаам аз бодаи лаъли шакарафшони ту,
Бахш ҷоми аҳмарам, ранҷи хуморӣ то ба кай?

Майли ман бошад висолу фикри ту бошад фироқ,
Ҳамчу оҳу аз барам гардӣ фирорӣ то ба кай?

Чашм медорад Алам доим зи эҳсони хушат,
Аз сарат гардам, санам, уммедворӣ то ба кай?

* * *

Ҳушам бирабуд аз сар гулчеҳраи зебое,
Бе сабру сукунам кард он шӯхи дилорое.

Ман ғамзадаи зорам, бо дидаи хунборам,
Бе васлу ҷамоли он шамъи маҳфилорое.

Мағзи устухон шуд об дар вартаи ишқи ӯ,
Занҷир ба поям шуд зулфи анбаринсое.

---

1. *Суъуд* – баланд шудан.

Аз новаки мижгонаш захме ба ҷигар хӯрдам,
Тороҷи дилу дин кард бо наргиси шаҳлое.

Аз дидаву дил кардам назора ба рухсораш,
Кард он ҳама меҳри ӯ дар сина чӣ маъвое.

Бо ғамзаи бедодаш ранҷураму дилхаста,
Шуд марҳами реши дил он лаъли шакархое.

Дар меҳнату ҳиҷронаш, буда Аламӣ маҳзун,
Омада зи юмни бахт моҳи роҳатафзое.

* * *

Ногаҳ бидидам зебонигоре,
Моҳи париваш, шӯхи айоре.

Дар нозу ишва ҷон қайд карда,
Бо доми зулфу чашми хуморе.

Дилҳои ошиқ аз арсаи меҳр
Чун гӯй бурда чобуксаворе.

Дар ёди рӯяш мурдам зи фурқат,
Чашмам ба роҳаш хуш интизоре.

Аз шавқи он маҳ монанди симоб
На рӯз ором, на шаб қароре.

Бар орази ӯ ташбеҳ надорад
Не гул ба гулшан, не лолазоре.

Бар чашми ошиқ хуштар чӣ бошад,
Дар рӯи олам аз васли ёре.

Кардам назора бо рӯи моҳаш,
Ҳушам рабуда он гулъузоре.

Хуршеди рӯяш бинад Алам гар,
Аз дил шавад дур зангу ғуборе.

* * *

Гирифторам ба занҷири сари зулфи суманбӯе,
Санавбарқомату симинбадан, ҳам анбаринмӯе.

Ба қайди кокули мушкиннисори ёр во мондам,
Раҳоӣ мушкил аст аз ҳалқаҳои тори гесӯе.

Ба дил дарди аҷаб дорам, илоҷаш аз кӣ шуд, ё Раб,
Давои дарди ман бошад лаби лаъли сухангӯе.

Ба сеҳри ғамза дил бурда зи ман он шӯхи бепарво,
Шудам вобаста бо ишқи гуландоми парирӯе.

Чу тӯтӣ дар сухан буда, лабаш лаъли Яман буда,
Чу гул андар чаман буда, сиҳисарви миёнмӯе.

Ба ораз ҳамчу гулноре, ба рафтан кабки кӯҳсоре,
Аҷаб шӯхи ситамгоре, рамида ҳамчу оҳуе,

Ба нори ишқ сӯзонам, намекӯшад ба дармонам,
Бикарда фитна бар ҷонам фусуни чашми ҷодуе.

Халида новаки мижгон даруни синаи решам,
Зада захме маро андар ҷигар аз қавси абрӯе,

Куҷо арзи дили худро Алам бо ӯ тавонад гуфт,
Ки бошад шӯхи бебоку дилозореву бадхӯе.

* * *

Маро, то ҷилваи тарзи хиромаш дар назар будӣ,
Садое ҳамчу най аммо зи сӯзи дил бадар будӣ.

На сабреву на ороме, фиғонам бар фалак бошад,
Ки ашки лолагун бар рух чи аз хуни ҷигар будӣ.

Ба завқ он Каъбаи мақсудро ман ҷабҳасо гаштам,
Ки хоки остонаш ҳам маро кӯҳли басар будӣ.

Тамошоҳо бувад дилдодагонро бо гули рӯяш,
Куҷо огаҳ зи сайри ошиқон ҳар бехабар будӣ.

Бувад маъшуқро майле агар бо сӯи муштоқон,
Ба хубӣ кори ошиқ дар ҷаҳон монанди зар будӣ.

Бирақсам заррасон бо партави хуршеди рӯи ӯ,
Ғубори гарди наълайнаш маро чун тоҷи сар будӣ.

Нисори мақдами он ёр кардам ҷони ширинро,
На аз ҷон ин Аламро, дон, матое хубтар будӣ.

* * *

Сарви равон, куҷоӣ, бар ман назар надорӣ,
Аз ҳоли зорам, эй дӯст, охир хабар надорӣ.

Дар кӯчаи маломат беморам аз ғами ту,
Бар бистари ғарибон, ҷоно, гузар надорӣ.

Чандин ҳазор ошиқ ноланд дар фироқат,
Эй гул, ба ҳаҷр чун ман ноландатар надорӣ.

Ҳар кас ҷамоли рӯят бо зар шавад харидор,
Бишнав зи ман, нигоро, парвои зар надорӣ.

Ман хастаи фироқам, бо дарди иштиёқам,
Раҳме ба ҳоли зори хунинҷигар надорӣ.

Ман дар ҳавои ишқат машҳур гаштаам, ту
Ғайр аз ҷафову хорӣ, кори дигар надорӣ.

Парвонаваш бисӯзам бо шамъи рӯи хубат,
Бо ин Алам ту раҳме, эй симбар, надорӣ.

* * *

Гуфт: «Эй хастадило, бо ту кӣ дар бар бошад?»
Гуфтам: «Эй моҳи ҷаҳон, ҷуз ту кӣ дигар бошад?»

Гуфт: «Мехоҳӣ, ки нӯшӣ зи майи лаъли лабам?»
Гуфтам: «Аз ҷон хоҳам он, кош лабам тар бошад.»

Гуфт: «Охир чӣ шавад, гар кашам оғӯш туро?»
Гуфтам: «Иллоҳ, ту хуш гуфтиву хуштар бошад.»

Гуфт: «Рухсори хуши ман ба чӣ дорад ташбеҳ?»
Гуфтамаш: «Шамси муҷалло, маҳи анвар бошад.»

Гуфт: «Аз холу хатам дорӣ (?) сухан, бо ман гӯ,»
Гуфтамаш: «Мушк ва ё сунбулаи тар бошад.»

Гуфт: «Фикри қади ман соз ба гулзори ҷамол,»
Гуфтам: «Эй ҷон, қадат сарву санавбар бошад.»

Гуфт: «Аз рамзи даҳонам ту чӣ дорӣ бар дил?»
Гуфтам: «Оре, санамо, ҳуққаи гавҳар бошад.»

Гуфт: «Аз зулмати меҳрам бишавӣ кай ту халос?»
Гуфтам: «Он рӯз, агар васли ту раҳбар бошад.»

Гуфт: «Алам, оташи ишқам ба дилат бошад бас?»
Гуфтамаш: «Бо ҳама аъзо чу саросар бошад.»

* * *

Ё Раб, аз дидору нафсу шарри шайтон деҳ амон,
Аз хабису нокасу чашми ҳасудон деҳ амон.

Ҳамнишин созӣ маро бо ҳар кӣ бошад, ҳақ туроcт,
Аз гурӯҳу зумраи ноҳақшиносон деҳ амон.

Ғӯта деҳ дар баҳри раҳмат, аз гуноҳам пок соз,
Аз талотумҳои мавҷу баҳри исён деҳ амон.

Бохтам ҷон дар ҷаҳон андар паи нафси дағал,
Бо ман аз банданавозиҳот бар ҷон деҳ амон.

Кун баид[1] аз ҳар муқаллид, бо муҳаққиқ ворасон,
Аз фиребу фитнаи ин асру даврон деҳ амон.

Баҳри дидорат Аламро зуд дар ҷаннат бубар,
Аз ҳамин андӯҳу дарду ҳабсу зиндон деҳ амон.

* * *

Эй маҳи хиргаҳнишин в-эй дилбари байзоҷабин,
Аз карам раҳме намо, бар ҳоли зори ман бубин.

Пеши шамъи оразат парвонаваш ҷон бохтам,
Ҳеҷ кас чун ман набошад дар ғамат зору ҳазин.

---

1. *Баид* – дур, муқобили наздик.

Нест дар ҳуру парӣ ташбеҳ ба рӯи маҳвашат,
Ҳам зи қудрат бар кашида суратат Ҳақулякин.

Рӯи хубат шамси анвар ё қамар, ё ахтар аст,
Ё шуъои раҳмату ё нури Рабулоламин.

То ту дар боғи ҷаҳон аз ҷумла мумтоз омадӣ,
Ҳастӣ аз хубони олам хубтар, эй нозанин.

Қоматат буда алиф, ё сарв дар боғи ҷаҳон,
Нахли гулзори Ирам, ё Тӯбӣ дар Хулди барин.

Бар маризон лаъли ҷонбахшат хушу беҳтар бувад,
Аз зулоли Хизру ҷӯи Кавсару в-аз ангубин.

Эй хиромонҷилва, рӯзе лаб кушоӣ бо карам,
Бо Алам як марҳамат созӣ, ки ҳаст охир ғамин.

* * *

Сад шукри довар, он ёр ром аст,
Моро хаёлаш айши тамом аст.

Андар хуморам ман аз майи васл,
На ёди бода, на фикри ҷом аст.

Кард об дилҳо ӯ аз такаллум,
Азбаски он маҳ ширинкалом аст.

Дар ҷаъди гесӯ ҳар кас гирифтор,
Бо мурғи дилҳо зулфаш чу дом аст.

Ҳам ҳури ҷаннат фавҷи малоик,
Ҳам ҷину инсаш ҷумла ғулом аст.

Ҳар кас рамида аз сӯҳбати ӯ,
Рӯзи пагоҳаш доим чу шом аст.

Беҳад сипосе бар зоти якто,
Фикраш чу моро бар дил мудом аст.

Ҳам айши ҳуру ҳам қасри ҷаннат,
Бе зикри номаш бар мо ҳаром аст.

Дорам ба исмаш иқрору тасдиқ,
Азбаски лутфаш бар хосу ом аст.

Мискин Алам ҳам аз ҷону аз дил
Доим ба васфи он хушхиром аст.

* * *

Эй, ки меҳрат нақш баста бар дилу ҷони ман аст,
Ҳам хаёлат доимо дар сина меҳмони ман аст.

Дарди ҳиҷрон, эй санам, кардаст аҳволам забун,
Фикри васлат ҳар нафас бо дард дармони ман аст.

Гар зи шавқ андар раҳат хори мағилон сар кашад,
Дон ҳама, эй маҳҷабин, сайри гулистони ман аст.

Бекасу танҳо бимондам дар саводи ҳаҷри ту,
Машъали нури рухат шамъи шабистони ман аст.

Дил ба дарду оҳи сарду ранги зардамро нигар,
Ҳам гувоҳи дарди ишқат чашми гирёни ман аст.

Хушклаб мебошам аз дарди фироқат доимо,
Ин ду лаъли шаккаринат оби ҳайвони ман аст.

Ҳамчу булбул дар ғами гул нолаҳо дорад Алам,
Баски шамъи орази ту сунбулистони ман аст.

* * *

Ҳамеша орзу дорам, ки бинам рӯи ёри худ,
Дилам зойил зи васлаш дарди ҳаҷри интизори худ.

Ки ман маҳҷуру махмурам зи гарми бодаи ишқаш,
Худоё, восилам гардон, барорам ман хумори худ.

Ба гулзори висолаш андалебосо наво дорам,
Ба бӯстони хиёлаш ман намеёбам қарори худ.

Табиби ҷони муштоқон агар рӯзе хиром орад,
Диҳам шарҳе ба пеши ӯ зи ранҷи бешумори худ.

Илоҳо, кай бувад мӯнис шавад он маҳрами розам,
Дил аз васлаш кунад роҳат, диҳам таскин
шарори худ.

Шабу рӯзам ба ёди он дилороми гуландом аст,
Ба ҷуз фикраш дигар чизе надонам кору бори худ.

* * *

Як шабе дар дил хаёли рӯи он зебо гузашт,
Оҳи дардолуди ман бар чарх аз ғабро гузашт.

Лола аз рухсораи ӯ доғ бар дил кардааст,
Ногаҳ он симинбадан чун барқ бо саҳро гузашт.

Ҳамчу Маҷнун зор будам дар биёбони ғамаш,
То ба гӯши ман садои ноқаи[1] Лайло гузашт.

Мисли мурғи нимбисмил метапам дар хоку хун,
Чунки аз сарвақти ман он шӯх бепарво гузашт.

---

1. *Ноқа* – шутур.

Ҳеҷ касро дар ҷаҳон, ё Раб, мабодо инчунин,
Он чӣ аз сӯзи фироқи ёр чун бар мо гузашт.

Булбули табъам ба гуфтор омад андар шавқи ӯ,
З-он ки он гулчеҳраам дар ҷӯши истиғно[1] гузашт.

Оташи ишқаш ба дил буда Аламро доимо,
Умри ӯ андар фироқи дилбари якто гузашт.

* * *

Биҳамдуллаҳ, шудам дохил ба дорулмулки
ҷон имшаб,
Мушарраф гашта бо рухсори он шамъи бутон имшаб.

Чашидам бодаи ҷоми висоли он парирӯро,
Расида наъраи мастонаам бар осмон имшаб.

Назора кардаам бо рӯи зебояш, гумонам шуд,
Тулӯъе карда дар кошона хуршеди ҷаҳон имшаб.

Димоғи ман муаттар гашта аз зулфи сумансояш,
Ба дил гуфтам, шудам дохил ба қасри ҷовидон имшаб.

Бигуфтам рози дилро ман ба он сарви қабопӯше,
Чу тӯтӣ дар такаллум шуд бути насринзабон имшаб.

Зи гуфтори хушаш он лаҳза ҷону дил фидо кардам,
Шудам ман куштаи теғи маҳи абрӯкамон имшаб.

Тараҳҳум кун даме, ҷоно, ба ҳоли мустамандонат,
Аламро меравад аз дида ашки хунфишон имшаб.

---

1. *Истиғно* – бе эътибор, бе аҳмият, бо ноз.

* * *

Эй дареғо, гулбуни боғи баҳорам рафт, рафт,
Сарви мавзуне, ки буд, аз лолазорам рафт, рафт.

Нозбӯе доштам, то бурдам аз вай баҳрае,
Аз димоғ он накҳати мушкиннисорам рафт, рафт.

Кабки хушрафторро зад чанг то ҳини аҷал,
Як тазарви хушхироме аз канорам рафт, рафт.

Мустамандам, дардмандам, хаставу зору заиф,
Эй азизон, марҳами ҷони фигорам рафт, рафт.

Рӯзгорам шуд сияҳ бе шамъи рухсораш, бубин,
Равнақи корам тамому рӯзгорам рафт, рафт.

Ёри ғамхоре надорам сирри дил иншо кунам,
Зуд аз пеши назар он ғамгусорам рафт, рафт.

Ёд ояд он гули рӯяш, бигирям зор-зор,
Чун рамида аз барам оҳутаторам[1] рафт, рафт.

Дил қасосу дида пуроб аст аз ҳаҷраш, Алам,
Амри Ҳақ шуд, дар шитоб афтод, ёрам рафт, рафт.

* * *

Мезанад чанге аҷал охир ба ҷонам, оҳ-оҳ,
То зи ҳайбат баста мегардад забонам, оҳ-оҳ.

Мекашад сайёди марг аз қолаби тан мурғи ҷон,
Он замон зору асиру нотавонам, оҳ-оҳ.

---

1. *Оҳутатор* – шакли дигари тотор,муғул,яъне ғорат карду рафт.

То тиҳӣ гардонад ин чашми маро аз ганҷи рӯҳ,
Дил шавад хун, ранг зарду заъфаронам, оҳ-оҳ.

Ҷумла фарзандони ман гирёну нолон мешаванд,
Мебарандам гӯри торик (?) дӯстонам, оҳ-оҳ.

Дар лаҳад танҳо гузоранду ҳама гарданд пас,
То чиям ояд ба сар, ӯро надонам, оҳ-оҳ!

Ду малак баҳри савол (?), чун раъд ояд дар хурӯш,
Лутф Ҳақ созад, вагарна дарбимонам, оҳ-оҳ.

Мекунад хоки сияҳ охир ҷудо бандам зи банд,
То шавад пӯсида, резад устухонам, оҳ-оҳ.

Ин ҳама охир наарзад бо ҳисоби растахез,
Мебарад бо вазн ҳам сӯи мизонам, оҳ-оҳ.

Паллаи некӣ гарон ояд, зиҳӣ фархунда бахт,
Ё ки шар афзун, зи дида хун фишонам, оҳ-оҳ.

Он Сирот аз теғ буррону зи мӯ бориктар ,
Ман чӣ гуна пойро он ҷо бимонам, оҳ-оҳ.

Такя ман бо фазлу афват кардаам, эй мустаон,
В-арна аз кирдори зиштам дар фиғонам, оҳ-оҳ.

Худ Алам ғарқи гуноҳам, эй Каримо, аз карам
Бахш з-инам, чунки ман аз осиёнам, оҳ-оҳ.

* * *

Нест қадре ба ҷаҳон тоҷи сухандониро,
З-он сабаб бин ба барам кисвати[1] нодониро.

Чарх агар арбадабозӣ кунадат, бок мадор,
З-он ки дар чоҳ фиканд он маҳи Канъониро.

---

1. *Кисват* – либос.

Гар арӯси тараб аз бахт дарояд ба канор,
Эътиборе набувад ҷилвагари фониро.

Ҳар кӣ ӯ тарки алоиқ кунад, аз ғам бираҳад,
Ки тараб ин ҳама пайдост парафшониро.

Бахти н-осуда ба мо ҳеҷ тааллуф[1] нагирифт,
Чӣ навиштанд, надонам, хати пешониро.

Ба ман устоди хирад дарси хамӯшӣ омӯхт,
Мо надонем паси пардаи пинҳониро.

Аз ҷафоҳои фалак ғафлати мо беш бувад,
Гарчи барбод кунад тахти Сулаймониро.

Дон, ки зулм аз дили золим ба тазаллум наравад,
Гарчи фарёд бувад мардуми зиндониро.

Илм агар нек бувад, низ амал лозими ӯст,
Ки амал дур кунад ҷумла парешониро.

На чу сӯзан бари худ сотири[2] махлуқ бувад,
Лозими ҳоли худаш сохта урёниро.

Як сари мӯ халал аз аҳли сафо нозеб аст,
З-он ки беқадр кунад косаи ҷонониро.

Эй Алам, дон ғами мо дар дили мо мӯниси мост,
Ҳар киро ғам набувад, кай сазад инсониро.

---

1. *Таалуф* – дӯстӣ, пайвандӣ.
2. *Сотир* – пӯшонанда, сатр.

* * *

Сарв монда по ба гил, чун дид рафтори туро,
Мушк кай бошад баробар холи рухсори туро.

Зулфи ту занҷири роҳу ғамзаат сайёди халқ,
Фитна дар ҷӯш аст охир, чашми хунхори туро.

Дар сухан резад малоҳат аз лаби шаккарфишон,
Тӯтии шаккарфишон бӯсид гуфтори туро.

Дар баҳори оразат сунбул дамида гирди гул,
Булбулон доран(д) ҳавои сайри гулзори туро.

Доғ бар дил лоларо, з-ин рӯ шуда саҳронишин,
Дид ногаҳ орази зебои гулнори туро.

Ҳам зи мо меҳру вафо, аз ту ба мо ҷавру ҷафо,
Ман нафаҳмидам, нигоро, шаммае кори туро.

* * *

Баҳори зиндагонӣ дар камин боди хазон дорад,
Ки ранги арғувон андар бағал ҳам заъфарон дорад.

Даме эмин машав дар даҳр, охир чун ҳадаф бошӣ,
Қазо тири қадарро ҳам кашида дар камон дорад.

Бибур дил аз алоиқ, то расӣ бо манзили ҷонон,
Касе нӯшад майи васлаш, ҳаёти ҷовидон дорад.

Тараннум мекунад дил аз таҷаллизори дидораш,
Ба васли гул ба гулшан доимо булбул фиғон дорад.

Расад ранҷу балову ғам, сари таслимро хам кун,
Бинозу арза кун, он дӯст бо ту имтиҳон дорад.

Туро гар авҷу иқболу уруҷат бар фалак бошад,
Ба охир паст мегардӣ, чу маргат нотавон дорад.

Ба оби дида рух тар кард ҳар ки ӯ зи хавфи Ҳақ,
Нишоту айшу масрурӣ чу дар боғи ҷинон дорад.

Зи кирдори бади худ ин Алам вомонда ҳайрон аст,
Валекин такя бо афву ба фазли мустаъон[1] дорад.

* * *

Биҳамдуллаҳ, ки ёрам соқии симинбар аст имшаб,
Шароби бӯсаи лаълаш чу шаҳду шаккар аст имшаб.

Назар бар ҳоли худ кардам, бидидам заррае ночиз,
Ки зилли давлату боли ҳумоям бар сар аст имшаб.

Бидидам рӯи он зебо чу хуршеди муҷалло буд,
Арақ бар гирди рухсори санам мушки тар аст имшаб.

Саводи зулфи мушкинаш сияҳтар аз рухи шаб буд,
Баёзи гарданаш кошонаро равшангар аст имшаб.

Чу ёқути забонаш байни лаълайни латофат буд,
Дурахшон маҷлиси ман аз шуои гавҳар аст имшаб.

Зи маҳфил аз барам ногаҳ ба азми рақс чун бархост,
Замин миннаткаши зери қадам чун бистар аст имшаб.

Фалак шуд беқарор аз ғамзаи сарви қабопӯшам,
Тамошогар ба сӯяш ҳамчу чашми ахтар аст имшаб.

Назокат мавҷзан аз хандаи лабҳои майгунаш,
Ки холи фавқи рухсори санам мушки тар аст имшаб.

Надоранд (?) лаҳзае ором муштоқони даргоҳаш,
Аламро бе рухаш дар сина шӯри маҳшар аст имшаб.

---

1. *Мустаъон* – Худо, бахшанда, ёридиҳанда.

* * *

Биҳамдуллаҳ, ки бахтам ром,толеъ раҳбар аст имшаб,
Ки он шӯхи дилошӯби рамида дар бар аст имшаб.

Ҷафоҷӯе бахилӣ дошт дар хобу хаёлотам,
Зи ваҳшат орамида ҳамдаму ҳамбистар аст имшаб.

Маҳу хур аз баёзи орази ӯ вомдоронанд,
Зи лаъли ҷонфазо шарманда шаҳду шаккар аст имшаб.

Арақро дар ҷабин гул карда дидам, зору ҳайронам,
Ки ҳар як донаи ӯ ҳамчу ҳавзи Кавсар аст имшаб.

Насими сунбулистон боғи ҷонро тоза медорад,
Ду рухсораш шукуфта ҳамчу садбарги тар аст имшаб.

Сафои соидаш[1] пинҳон чу сими бедағал бошад,
Ниқоби остин ӯро чу ҳамёни зар аст имшаб.

Ғизоли офтоб аз новакаш ғофил намебошад,
Сипар дар пеши рӯ доим зи бими ханҷар аст имшаб.

Шаби дайро мададфармост ҳар як тори гесӯяш,
Балои ҷони мо печида ҳамчу аждар аст имшаб.

Садои таблу фавҷи лашкари Чинаш ба гӯш омад,
Гумон бурдам, ки нафхи[2] суру[3] шӯри маҳшар
аст имшаб.

Магар арқоми тасвири фаноро имтиҳон будаст,
Вагарна моҳи Канъонӣ ба пешаш камтар аст имшаб.

---

1. *Соид* – даст, киноя аз дасти сафед.
2. *Нафх* – пуф кардан
3. *Сур* – най, карнай. *Нафхи сур* – ишора ба Сури Исрофил, ки дар охират аз қоим шудани қиёмат хабар медиҳад.

Ба гӯши ҳар шаҳаншаҳ гар расад овозаи ҳуснаш,
Шавад девонаву тарки қабову афсар аст имшаб.

Алам, дон, маҳвашон аз ғозаи[1] машшота маъзуранд,
Зи мавҷи оби раҳмат пар зада нилуфар аст имшаб.

* * *

Навид, эй дӯстонам, бахти рафта ёвар аст имшаб,
Ба ҷонон ҳар қадар нозам, қабулу бовар аст имшаб.

Хамӯш, эй булбули шӯрида, то кай зор меноли̣,
Арӯси ғунчаи нашкуфта зери чодар аст имшаб.

На аз худ мекунам дар марғзори ишқ сайёди̣,
Ба гӯши ҷон суруши ғайб фазли довар аст имшаб.

Бад-ин хуби̣ бути сангиндили мо сунъи Яздон аст,
Парастишро сазовор аст, рашки озар аст имшаб.

Аз ин хуштар чи̣ бошад? Ҷабҳа соям хоки пои ӯ,
Саманди толеам ром асту бахтам чокар аст имшаб.

Баногаҳ бениқоб аз кӯи худ дидам бурун омад,
Яқин кардам тулӯи офтоби Ховар аст имшаб.

Ба ёди оразӣ ҷонон, зи ҷоми ишқ, эй соқи̣,
Сарат гардам, дамодам деҳ, ки даври соғар аст имшаб.

Ба қуллоби камандаш сайди ҷон кардаст якборам,
Бубинаш, турфа сайёде ба фикри охар аст имшаб.

Дуо кардам, Алам, дод он ҷафоҷӯ сахт дашномам,
Хуш он толеъ, ки бо дашном ҳам ёдовар аст имшаб.

---

1. *Ғоза* – моддаест, ки занҳо чун сурхи̣ ба рӯй мезананд.

* * *

Доимо аз ишқи ӯ бар дил садо бошад маро,
Ҳамчу булбул бо гули рӯяш наво бошад маро.

Баски дар ҳомуни ҳиҷронаш манам маҳзуну зор,
Сӯи ӯ пайғомбар дасти сабо бошад маро.

Гашта монанди саҳоб аз дидаам сели сиришк,
Чунки он симинбарам аз бар ҷудо бошад маро.

Орзу дорам, расам бо васли он байзоҷабин,
Бар дилам ҳаст ин, умеде аз Худо бошад маро.

Дил зи ишқаш хун шуда, ҷон дар ғамаш бемори зор,
Ҳам ғубори даргаҳаш дори шифо бошад маро.

Дар шигифт омад, Алам, дил аз насими ҷонфазо,
Ё Раб, ин бӯи муҳаббат аз куҷо бошад маро?

* * *

Маҳваше дорам рухи ӯ беҳ зи моҳу ахтар аст,
Ҳам таҷаллиёти рӯяш фавқи меҳру анвар аст.

Оразаш моҳ аст, ё шамъи шабистон, ё нуҷум,
Ё баҳори хурраме, ё лолазори аҳмар аст.

Зулфи ӯ чун анбари сорост, ё ӯ доми мост,
Ё балои ҷони мо печида ҳамчу аждар аст.

Эй санам, эй симбар, эй ишвагар, эй маҳҷабин,
Пеши хубӣ шакли ӯ рашки бутони Озар аст.

Мерасад ҳар лаҳза захме бар дил аз мижгони ӯ,
Ё синоне ҳаст бар ҷон, ё ки неши ханҷар аст.

Ё даҳонаш ҳуққаи лаъл аст, ё ҳубби набот,
Ё зулоли Хизр буда, ё ки кони гавҳар аст.

Ин Алам дар миҷмари ишқаш бисӯзад ҳамчу уд,
Ту вуҷудашро бубин, ки шӯъла шавқи ахгар аст.

* * *

Эй ситамгар, гоҳ – гоҳе ба ман ахбор фирист,
Бо сабо накҳате аз оpази гулнор фирист.

Хушклаб дар ғами рухсори ту бемор шудам,
Яъне, аз дори шифо шарбати дидор фирист.

Тӯтиёе зи ғубори раҳат, эй лолаъузор,
Зуд бо равшании дидаи хунбор фирист.

Бикун охир зи шамими сари зулфат қисмат,
Мушк бо ноз бидеҳ, табла ба аттор фирист.

Ба халову[1] ба малову[2] ба масоъу[3] ба саҳар,
Муждаи хуш ба Алам,эй бути айёр, фирист.

* * *

Он ки дилро ӯ рабуд аз бар, кӣ буда? Ёр буд,
Он ки зоил кард ҳуши сар, кӣ буда, Ёр буд.

Он ки Эзид офаридаш, ҷуз аз ӯ ҳаргиз набуд,
Дар замину осмон беҳтар, кӣ буда, Ёр буд.

Он, ки дар авҷи тавалло барфишонда болу пар,
Кард гузар з-ин қуббаи ахзар, кӣ буда, Ёр буд.

---

1. *Хало* – холигӣ.
2. *Мало(ъ)* – муқобили хало, моломол, пурра.
3. *Масо (ъ)* – шом, бегоҳӣ.

Он ки омад бар замин охир вуҷуди поки ӯ,
Дини ботилро бикард абтар, кӣ буда, Ёр буд.

Он ки бо ҳукми Худо домони ҳиммат бар занад,
Бо шафоат дон, ки дар маҳшар, кӣ буда, Ёр буд.

Он ки ӯ дасти Алам бо доманаш рӯзи ҷазо,
Ҳам набошад ғайри ӯ дигар кӣ буда, Ёр буд.

* * *

Бо дании[1] сифлатабъ аз қурб ҳам дурӣ хуш аст,
Аз висоли бебасорат ҳузну маҳҷурӣ хуш аст.

Метавонӣ, дар ҷаҳон ёри мувофиқ кун талаб,
К-аз ҳузури номувофиқ кунҷи мастурӣ хуш аст.

Қатъи улфат кун чу чуғз аз ин сарои пурғурур,
Сокини вайрона будан ҳам зи маъмурӣ хуш аст.

Чашм бошад баҳри дидан, ояти хавфаш ба нам,
Гар ба номашрӯъ бувад нозир, варо кӯрӣ хуш аст.

Тан зи банди кисвату[2] бори тааллуқ кун барӣ[3],
Аз қабои ин алоиқ лаҳзаи урӣ[4] хуш аст.

Доимо аз сӯҳбати ағёри худ доман бикаш,
Ҳам ба дарди ёр хӯ кун, з-он ки ранҷурӣ хуш аст.

То ба ёд ояд Аламро ҷуръаи шавқи висол,
Соқиё, ҷоме бидеҳ, мастию махмурӣ хуш аст.

---

1. *Данӣ* – паст, разил.
2. *Кисват* – либос.
3. *Барӣ* – пок, холӣ.
4. *Урӣ* – луҷӣ, урёнӣ.

* * *

То баҳористони умри ман хазон гардиду рафт,
Андалеби ҷон зи ҳаҷраш дар фиғон гардиду рафт.

Ҳар кӣ омад дар ҷаҳони ӯ, хиромад ҳамчу сарв,
Аз ҳаводис қоматаш ҳамчун камон гардиду рафт.

Он гулеро ман муҳибам, ӯ дар ин гулшан набуд,
Булбули рӯҳам ҷудо з-ин бӯстон гардиду рафт.

Гар касе андар ҷаҳон шодон ба ҷамъият бувад,
Дарзамон ӯ ҳам баъид аз дӯстон гардиду рафт.

Гард зад боди аҷал бар чеҳраи ҳар навҷавон,
Заъфарон рухсораву чун арғувон гардиду рафт.

Ҳар киро дидам ба дунё, фориғ аз андӯҳ нест,
Доғ бар дил аз алоиқ, лоласон гардиду рафт.

Аз қазо бар шаҳсаворон гар расад теғи қадар,
Оби ҳасрат бо рухи ҳар як равон гардиду рафт.

Боз рӯҳ аз назди шоҳи ломакон омад ба тан,
Аз нидои «ирҷиӣ[1]» бо ошён гардиду рафт.

Баъди ман пурсад касе, – «Охир куҷо шуд он Алам?»
Гӯй, – эмин аз шарри охирзамон гардиду рафт.

* * *

Маҳи ман, бо сабо бӯйе зи зулфи мушксо бифрист,
Барои уқдаи дилҳо насими дилкушо бифрист.

Ба чоҳи зулмати ҳиҷрат гирифторам мани маҳзун,
Ту он шамъӣ висолат бо ман аз баҳри Худо бифрист.

---

1. «*Ирҷаӣ*» – ба назди ман бозгард.

Ту шоҳи кишвари ҳусниву ман бар даргаҳат соил[1],
Зи нури оразат инъоми худ баҳри гадо бифрист.

Рамида то кай аз паҳлӯи ман ҳамчун ғизол охир?
Нигоҳи гарми лутфомези худ бо марҳабо бифрист.

Димоғам хушк аз носозии бахти забун доим,
Шамими худ, ки беҳ аз накҳати боди сабо бифрист.

Аламро доимо аз шавқ бар лаб ин дуо бошад,
Ки, ё Раб, худ ҳамеша меҳри ӯ бар ҷони мо бифрист.

* * *

Биё, эй маҳҷабин, бӯсам ман аз хоки кафи поят,
Бисозам ҷони ширинро фидои омаданҳоят.

Хиромӣ бо қади мавзун агар бо сӯи маҳҷурон,
Сарам бошад чу фарши роҳ бо зери қадамҳоят.

Ба эҳзорат вале ман аз муҳаббат кардаам доим,
Гаҳе бар дил туро маскан, гаҳе бар дида маъвоят.

Ба иқлими муҳаббат шаш ҷиҳатро ҷустуҷӯ кардам,
Зи меҳрат як сари мӯ, дидаам холӣ нашуд ҷоят.

Надорам лаҳзае ором бе ёди рухат ҳаргиз,
Ки ман аз сӯзи ҷон ҳар дам ба дил дорам таманноят.

Ҷабин бар остони даргаҳат то рӯз месудам,
Ту дар хоби хуши мастиву ман гуфтам дуоҳоят.

Ниҳоли умр аз боди фано рӯ дар хазон овард,
Нагардад кам Аламро аз дили ӯ ҷӯши савдоят.

---

1. *Соил* – талбанда, гадо.

* * *

Рӯи ту хуршеди муҷалло шикаст,
Зулфи сиёҳат шаби ялдо шикаст.

Фавқи фалак дар шаби исро шудӣ,
Рафъати[1] ту қадри Масеҳо шикаст.

Назди Худо рафтию шаънат азим,
Манзалатат арши муалло шикаст.

Шуд маи васлат ба ҷаҳон ҷилвагар,
Хонаи май соғари мино шикаст.

Номи ту гардид чу мифтоҳи қалб,
Шавқи ту қуфли ҳама дилҳо шикаст.

Нури ту аз бурҷи шараф рух намуд,
Ҳам буту бутхона саропо шикаст.

То ту бикардастӣ ба олам зуҳур,
Шавкати Искандару Доро шикаст.

Карда Алам наъти камоли туро,
Равнақи динат ҳама динҳо шикаст.

* * *

Ман аз он ёр бидидам ҳама асбоб, аҷаб,
Рехт бар ҷони ҳазинам чӣ табу тоб, аҷаб.

Даҳанаш ҳубби наботу суханаш роҳати ҷон,
Оразаш мавҷзанон, лолаи сероб, аҷаб.

1. *Рафъат* – баландӣ.

Сарви нозам бихиромид ба маҷлис, дидам
Ман аз он моҳи ҷаҳонтоб чӣ одоб, аҷаб.

Ҷом дар гардишу ҳам бода ба ҷӯш оварда,
Ба мани дилшуда бахшид майи ноб, аҷаб.

Сабру ором надорам,ки даме бе васлаш,
Чашм аз фурқати ӯ рехта хуноб, аҷаб.

* * *

Гаштаам бо қомати зебои он дилдор маст,
Аз хироми ҷилваи ширини хушрафтор маст.

Дар баҳори оразаш сунбул дамида, кард гул,
Вола гардидам чу булбул, бо гули гулзор маст.

Аз маи васлаш лаболаб, соқиё, ҷоме бидеҳ,
То шавам аз нашъаи як соғари саршор маст.

Тӯтӣ аз гуфтори худ пеши каломаш мунфаъил,
Ман шудам бо ғунчаи лаъли шакаргуфтор маст.

Дар биёбон бо ҳавои шавқи лайлиталъате
Ҳамчу Маҷнун гаштаам бо дидаи хунбор маст.

Аз шароби ишқи ӯ сар то зи по нашнохтам,
Ҳамдами тифлон шудам, дар кӯчаю бозор маст.

Бохтам умру вале аз ҷону дил гардидаам
Бо тамошои лиқои он парирухсор маст.

Рақс месозам ба шамъи оразаш парвонаваш,
Ҳар кӣ аз май масту ман аз партави дидор маст.

Дил хазоини муҳаббат дидаам, маҳви ҷамол
Гаштаам бо талъати он моҳи пуранвор маст.

Гулшани рӯяш Алам дид,(?) маст шуд аз чашми маст,
Гул зи бӯи хеш масту булбул аз гуфтор маст.

* * *

Маҳи нав бар фалак шуд мунфаъил аз рӯи тобонат,
Хиҷил шуд қанди мисрӣ пеши он лабҳои хандонат.

Ливои ҷайши ҳуснат эй санам, барпост дар офоқ,
Забун шуд сарви бӯстон аз хироми қадди ларзонат.

Аё, эй дилбари зебо висолатро намоён кун,
Кунӣ аз шарбати лаълат шифо бахри маризонат.

Сабо аз накҳатат бӯи ту дар олам парешон кард,
Муаттар шуд димоғи ҷон зи ҷаъди анбарафшонат.

Агар созӣ қадам ранҷа даме бар сӯи муштохон,
Тамоми ошиқон созанд ҷони хеш қурбонат.

Хами абрӯи зебои ту чун қавси қузаҳ буда,
Ки рам бар чашми оҳу шуд туро аз чашми фаттонат.

Агар созӣ такаллум аз лаби лаълат шакар резад,
Ҳама дилдодагон гарданд қатл аз теғи мижгонат.

Надоранд ҷамъи хубон ташбеҳат дар ҳусн, эй дилбар,
Қалам оҷиз зи васфи ғабғабу чоҳи занахдонат.

* * *

Эй маҳ, аз лаъли лабони ту гуҳар мерезад,
Тӯтӣ, аз нутқу баёни ту шакар мерезад.

Ба чаман бо гули рухсори ту, эй сарви равон,
Булбул аз сӯз наво дораду пар мерезад.

Қумрӣ аз ёди қадат тавқ ба гардан карда,
Дар ба дар, ку-ку (?) занон хок ба сар мерезад.

Ба фироқи рухат, эй моҳҷабин, лолаузор,
Ошиқи сӯхтадил хуни ҷигар мерезад.

На мани дилшуда танҳо бикунам мадҳи туро,
Хома дар васфи ту ҳам оби гуҳар мерезад.

Мекунад дафтари васфи ту Алам ҳар соат,
Зи забони қаламаш ҳарфи дигар мерезад.

* * *

Эй хуш аз он соате, ман гузарам сӯи дӯст,
Дида бубинад аён он рухи некӯи дӯст.

Дар қуюди (?) ишвааш гашт асир(?) мурғи дил,
Гардани ӯро бад-он силсила шуд мӯйи дӯст.

Новаки мижгони ӯ мехалад ҳар дам ба ҷон,
Карда ҳалокам, вале ханҷари абрӯи дӯст.

Атру абиру суман, нофаи мушки Хутан,
Карда хиҷолатзада зулфи суманбӯи дӯст.

Бар сари ин хастадил гар гузар орад санам,
Тӯҳфа кунам ҷону тан бар қади дилҷӯи дӯст.

Оrази зебои ӯ сабру қарорам рабуд,
Ғорати ҷонам бикард наргиси ҷодӯи дӯст.

Кош, ба васлаш расам, саҷда барам пеши ӯ,
Сурма ба чашмон кунам хоки дари кӯи дӯст.

Ҳашр чу барпо шавад, пора кунам гӯрро,
То бирасам ҳар чӣ зуд боз ба паҳлӯи дӯст.

* * *

Маҳи байзоруху симинбари ман пардапӯш омад,
Насими ҷонфазое бар дил аз гулзори рӯш омад.

Сабо аз накҳати кӯяш расонад бар димоғи ман,
Садои хайрамақдам аз асиронаш ба гӯш омад.

Зи ҳаҷри он парипайкар рамида ақлу ҳуш аз сар,
Зиҳӣ, фархундатолеъ бар сар он ороми ҳуш омад.

Гирифта лола бар дил доғ аз рухсораи аҳмар,
Парешону хиҷил сунбул зи ҳар як тори мӯш омад.

Ҳаловат об гардида, малоҳат дар шакар резад,
Чу он мавҷи табассум аз лаби лаълаш ба ҷӯш омад.

Бизан, мутриб, навоҳо, соқиё, кун соғарат саршор,
Ки ҳангоми дафу чангу рубобу нойу нӯш омад.

Ду рухсораш чу садбарге, ки шабнам хӯрда
дар гулшан,
Ба нақди ҷон, ба назди ошиқон он гулфурӯш омад.

Саҳар сарви миёнмӯйи парирухсори маҳталъат,
Зи қудрат сурати зебои ӯ бо ин нуқуш омад.

Бидида ҳар касе ҳуснаш, чашида бодаи васлаш,
Зи ҷону дил камар баста, ба ишқаш сахткӯш омад.

Дуто гардид Аламро қад зи бори ҳаҷри он дилбар,
Чу ӯ ҳар кас ки ошиқ гашт, бори ғам ба дӯш омад.

* * *

Сипос он зоти якторо, хазон рафту баҳор омад,
Навид, эй андалебон, ин чаманро рангу бор омад.

Шуои партави ҳуснаш зи ғабро сӯи гардун шуд,
Саводи зулм аз нури вуҷудаш дар фирор омад.

Ба гулшан аз назокат бишканад он ҷаъди кокулро,
Тамоми гул зи накҳат мунфаилу шармсор омад.

Дамида субҳи васлу шоми ҳиҷрон аст нопайдо,
Биҳамдуллаҳ, маро бар сар висолаш пойдор омад.

Чи афсун дошт найрангу талаффузҳои ширинаш,
Ки мурғи дил ба доми он каломи обдор омад?

Зи хубони ҷаҳон афзуд қадру манзалат ӯро,
Ривоҷи кори ӯ то ҳашр, бин, бар як қарор омад.

Ба самъи ҷони маҳзунам ҳамин овоз меояд:
Ки, эй бедил, зи танҳоӣ машав мағмум, ёр омад.

Ҳамехоҳӣ, ки дар рӯзи пасин манзури ӯ гардӣ,
Итоатро камар барбанд, ки ҳангоми кор омад.

Пас аз номи Худовандӣ ту бингар рутбаи аъло,
Қалам шақ[1] шуд ба васфи он ҳабибу судгор омад.

---

1. *Шақ* – сӯрох, чоки хома (дар ин ҷо.)

Салоту ҳам саломи беадад аз ҷумла муштоқон,
Шафеи омиёну дӯзахиён комгор омад.

Бидонӣ рафъати ӯро, ки хайрулмурсалин бошад,
Зи умматҳои дигар умматаш дар ифтихор омад.

Кунад кӯҳли басар аз хоки кӯи пайравони ӯ,
Алам аз сидқи дил, яъне, ғуломи кӯи ёр омад.

* * *

Ҳар дил, ки агар махзани асрор надорад,
Бо зоиқаи[1] ишқи Аҳад кор надорад.

Онро, ки насиб аст агар бодаи тавҳид,
Ойина шавад яксара, зангор надорад.

Ҷону тану сар бозида (?) андар раҳи дилбар,
Ҳар кас, ки ба ишқаш агар инкор надорад.

Он кӣ ба қазову қадараш дод ризоӣ,
Мансурсифат[2] ӯ ғаме аз дор надорад.

Онро, ки ба бар ояд агар кисвати ишқаш,
Парвои сару ҷомаву дастор надорад.

Доим хӯрад андӯҳи надомат ба қиёмат,
Ҳар кас ба ҷаҳон тоату азкор[3] надорад.

Сирре, ки бувад байни дили ошиқу маъшуқ,
Бо бехабарон зебиши гуфтор надорад.

---

1. *Зоиқа* – лаззат, ширинӣ.
2. *Мансурсифат* – Мансури Ҳаллоҷ дар назар аст.
3. *Азкор* – зикр.

Ҳар сина, ки ӯ майкадаи фоизи ишқ аст,
Он ҷо ба ҷуз аз ӯ гузар ағёр надорад.

Онро, ки насиме вазад аз файзи Илоҳӣ,
Бӯи хуши ӯ таблаи аттор надорад.

Дар роҳи висолаш, ки саросар ғаму ранҷ аст,
Ин ганҷ, писар, дон, ки ба ҷуз мор надорад.

Бо шамъи рухаш ҳар кӣ назар кард, бисӯзад,
Парвонаи ҷон тоқати анвор надорад.

Оне ба тавозӯъ шуду собир ба балоест,
Гар санги ситам хӯрд ба сар, ор надорад.

Донӣ, ки Фаноӣ зи ғами ёр хароб аст?
Ӯ хушдилие бе рухи дилдор надорад.

* * *

То ба ёди ҷилваи ӯ дил ба печу тоб шуд,
Аз хаёли лаъли майгунаш ҷигар хуноб шуд.

Бе дами пирон касе бо муддаое кай расад,
Бесабаб коре куҷо дар олами асбоб шуд?

Зоҳидо, аз танпарастӣ ту ба Ҳақ кай мерасӣ?
Ҳар кӣ аз ҷон бигзарад, аз ҷумлаи аҳбоб шуд.

Хушклаб мебош аз кирдори худ, эй булҳавас,
Аз саҳоби раҳматаш ин ҷон басо шодоб шуд.

Аз тавозӯъ ҳам ба ҷое мерасад соҳибтамиз,
Бетамизӣ хӯ кунад, ҳар кӣ барӣ з-одоб шуд.

Бигзарӣ аз сатри роҳат, гар зи ғафлат ворахӣ,
Дар ҳузури васл бошад, дидаи бехоб шуд.

Ишқ агар созад асар, дил дар тараннум будааст,
Дар баҳори ошиқон ӯ захма чун мизроб шуд.

Ҳар кӣ огоҳӣ надорад, заҳмати дунё хӯрад,
Рафта-рафта андар ин гирдоби ғам ғарқоб шуд.

Ёд ояд бар Алам гар нуктаи қолубало,
Хун ба тан, хушк мағз андар устухон зардоб шуд.

* * *

Зи дарди ишқи он дилдор ҷонам дар бадан сӯзад,
Куҷо шамъ аз ҷамолат, эй парирӯ, ҳамчу ман сӯзад.

Зи оҳи оташи ҳиҷрони он шӯхи дилорое,
Рагу ҷон чун таноби шамъ дар ҳар анҷуман сӯзад.

Зи баъди марг ёд ояд зи рухсори арақнокаш,
Маро аз оташи дил риштаи тори кафан сӯзад.

Парирухсор, бингар, то кунам худро фидои ту,
Ки ҷон аз оташи ишқат чу шамъ андар лаган сӯзад.

Ақиқ аз ғунчаи лабҳои нӯшин об мегардад,
Зи тоби оrazi зебои ту лаъли Яман сӯзад.

Ҳамеша мунфаил аз қоматат шуд сарви озоде,
Зи бӯи зулфи пурчин нофаи мушки Хутан сӯзад.

Ба бӯстон чун сабо орад, агар аз накҳати кӯят,
Тамоми гул гиребончок гардад, ёсуман сӯзад.

Ба ин густохии гуфтори худ ман сад Алам дорам,
Ки номаш бар забон ояд, маро кому даҳан сӯзад.

* * *

Ба ман ҷабру ҷафои бекарон он дилситон дорад,
Агарчанде ҷафо созад, Худояш дар амон дорад.

Ба гулзори рухаш чун андалебон зор менолам,
Ки он гулчеҳраи симинбарам ҳусни ҷаҳон дорад.

Ба чашми фитнаангезаш рабуда ҷони муштоқон,
Зи печи зулфу сеҳри ғамза доми ошиқон дорад.

Ба дилҳо ҳеҷ доғе дар ҷаҳон сӯзон намебошад,
Чи сӯзе доғи ҳиҷрони ҷамоли гулрухон дорад.

Дили ошиқ бихонад доимо аз дафтари ҳуснаш,
Зи дарси мактаби ишқаш ҳазорон достон дорад.

Зи ҳаҷри он маҳи симинбадан мискин Алам ҳар дам
Дили пурдард, ранги зард, ашки хунфишон дорад.

* * *

Миннат Эзидро, ки мушти хокро гӯё кунад,
Ҳам зи лутфи хештан ӯ оқилу доно кунад.

Қодири бечун зи қудрат дон, ки ӯ як қатраро,
Чун садаф дар батни модар гавҳари зебо кунад.

Санъаташ гулҳо кашида ранг-ранг андар чаман,
Сарвро сарбаста дорад, бӯ зи ғунча во кунад.

Дод якро ӯ наҷот аз мавҷи гирдоби хатар,
Дигареро бо фариқаш[1] ғарқаи дарё кунад.

---

1. *Фариқ* – гурӯҳ, ҷамоате аз мардум.

Тирарӯзӣ дар шаби торик дода бо яке,
Дар дам ӯро соҳиби рози яди байзо[1] кунад.

Ҳам зи байни қавми асфал бандаро бар осмон
Бурда то бурҷи чаҳорум манзилу маъво кунад.

Он якеро аз макони олӣ ӯ ихроҷ кард.
Дигареро зинда ҷояш ҷаннатулулё кунад.

Мебарад ҳам бандаро дар байни нори шӯълазан,
Оташи Намрӯдро бо дӯст худ гулҳо кунад.

Дон, ки ҳам аз ҳикматаш берун кунад аз най шакар,
Ноқаро филҳол пайдо аз дили хоро кунад.

Лутфҳои бекарон дар боргоҳи хештан
Бо нигини анбиё ӯ дар шаби Исро кунад.

Ҳам ба раф-раф[2] барнишонду сӯи худ роҳаш намуд,
Дар ҳарими Кибриё ӯ сайри ав адно[3] кунад.

То ба фавқи осмонҳо бурд ташрифи қудум,
Пойбӯсаш сокинони олами боло кунад.

Чор ёри поки ӯро чор шамъе офарид,
Ҳар яке бо нури шамъи ӯ ҳидоятҳо кунад.

Бо Алам лоиқ набошад гуфтугӯи ҳамду наът,
Лек аз шавқи қулубаш нуктае иншо кунад.

---

1. *Яди байзо* – дасти мӯъҷизакори Мӯсо пайғамбар дар назар аст.
2. *Раф-раф* – фарш, бисот, ҳар чизи густурданӣ.
3. *Адно* – наздик, поён.

* * *

Гулистонро зи хуршеди ҷамолаш обрӯ бошад,
Куҷо дил дар назокат беҳтар аз рухсори ӯ бошад.

Ба болинам ба вақти ҷон супурдан гар хиром орад,
Ҳаёти ҷовидон ёбам, агар ҷон дар гулӯ бошад.

Дар он ҳангомаи маҳшар зи дӯзах бок кай дорам,
Маро дар бар агар васли хуши он моҳрӯ бошад.

Зи сӯзу шавқ ҷон бозад, муродаш дар канор ояд,
Ба иқлими муҳаббат ҳар кӣ ӯ дар ҷустуҷӯ бошад.

Талаб доранд муштоқон яке аз рӯ, дигар аз мӯ,
Маро аз бодаи рангини лаълаш орзу бошад.

Хирому ҷилвааш бинад, чаман ошуфта мегардад,
Зи зулфи анбаринаш гул хиҷил, бе рангу бӯ бошад.

Зи уммеди фаровон зад Алам чанге ба домонаш,
Расад шояд ба он бобе нидо «Фолу ҳулу»[1] бошад.

* * *

Эй ҳамнафасон, сафҳа ба он ёр нависед,
Аз ман хабаре ҷониби дилдор нависед.

Бо дори шифо, яъне табиби дили ушшоқ,
Аҳволи мани хастаи бемор нависед.

Ку маҳрами розе, ки бидонад тапиши дил,
Ин рамз ба он соҳиби асрор нависед.

---

1. *Фолу ҳулу* – шояд ҳеҷ гап набошад.

Чун булбули ҷӯлида зи ишқаш ба фиғонам,
Шарҳи дили ман бо гулу гулзор нависед.

Дар зулмати ҳаҷраш чу манам бо дили пурхун,
Аз ҳоли дилу дидаи хунбор нависед.

Чун боди сабо бе сару по, кӯй ба кӯям,
Саргаштагиям бо бути айёр нависед.

Бо ёди қаду орази ӯ ҷон бисупурдам,
Аз мурдани ман пеши вай ахбор нависед.

Талх аст маро қанду асал ҷумла ба комам,
Бо ман хабар аз лаъли шакарбор нависед.

Созед рақам ҷониби ӯ ҳоли Аламро,
Як мартаба не, балки батакрор нависед.

* * *

Эй ҳамдамон, ба он маҳ як руқъа гар нависед,
Бо ёри дилнавозам аз ман хабар нависед.

Аз тири ғамзаи ӯ дил пора – пора бошад,
Ин арзи ҳоли манро бо симу зар нависед.

Бо ӯ рақам нависед, не аз саводи дигар,
Иншои хомаамро хуни ҷигар нависед.

Ин рамзро бигӯед бар қосидони кӯяш,
Аз ман нишон ба сӯи гулбарги тар нависед.

Эй муншиёни маънӣ, дар васфи моҳрӯён,
Сардафтари ҳама он рашки қамар нависед.

Чун уд ҷон бисӯзад дар миҷмари хаёлаш,
Аҳволи зори моро ҳам тозатар нависед.

Талх аст аз ҷудоӣ коми Алам чу тарёк,
Шаҳду давои ӯро бо лабшакар нависед.

* * *

Санамо, з-оташи ишқат шуда дар сӯзу гудоз,
Ҷони мискини ману дил ҳама ахгар шуда боз.

Пеши нози нигаҳат чун бибарам тӯҳфаи факр,
Ҳам зи ман аҷзу ниёзу зи ту сад ишваю ноз.

Дилам аз қайди ғами ту нашавад ҳеҷ халос,
Шуд ҳазорони чу ман бастаи он зулфи дароз.

Сари кӯи ту, бале, қиблаи муштоқон аст,
Ки ба меҳроби ду абрӯи ту созанд намоз.

Дастам овехта бар домани ту дар ду саро,
Бирасонӣ чу маро худ ба ҳақиқат зи маҷоз.

Ғами дил, оҳи дамодам ба кӣ таҳрир кунам,
Ки набошад ба барам ҷуз ту дигар маҳрами роз.

Маҳи ман, худ ба Алам соз карам аз сари меҳр,
Ёр аз шарбати лаъли ту шуда сар ба фароз.

* * *

Шоҳи ҳусни он санам тороҷи мулки ҷон кунад,
Лашкари ишқи нигорам рахна дар имон кунад.

То ки он симинбадан аз рух барандозад ниқоб,
Бо ҷамолаш оламеро бесару сомон кунад.

Доғи ҳиҷронаш маро чун кард бе сабру сукун,
Зуд селоби ғамаш таъмири дил вайрон кунад.

Дар такаллум тӯтии гуфтори ӯ резад шакар,
Аз табассум қимати қанду асал арзон кунад.

Уду анбар, атру райҳон дар хиҷолат доимо,
К-аз насими сунбули зулфайн мушкафшон кунад.

Аз муҳаббат ҳар замон ҷо кардаам меҳраш ба дил,
То саводи қалбро нури рухаш рахшон кунад.

Ғамзаҳои дилрабояш мебарад аз дил шикеб,
Ошиқи бечора пешаш ҷони худ қурбон кунад.

То кунӣ во дидаи наззора меболад чу шавқ,
То ба муштоқон лаби ҷонпарвар ӯ хандон кунад.

Аз азал аҳди муҳаббат дар миён афкандааст,
То бувад умре Алам, ҷон бар сари паймон кунад.

* * *

Мусаффо кун дилат бо дилбар, ӯ ҳамроз мегардад,
Чу най гардад тиҳӣ аз мағз, бо овоз мегардад.

Ба гӯшам ногаҳон мутриб бизад «Ло»
бар сари «Иллоҳ,»
Дил андар зикри он дилбар тараннумсоз мегардад.

Ниҳон гуфтам кунам аз дил ба дилбар ишқбозиҳо,
Сиришки хун ба роҳи дӯстӣ ғаммоз мегардад.

Нагаштам з-ибтидо фориғ, қадам бо интиҳо мондам,
Маро анҷом умре шуд, ки дар оғоз мегардад.

* * *

Дар миёни фаслҳо зеби дигар дорад баҳор,
Сабзаи сероб чун лахти ҷигар дорад баҳор.

Зиннати рӯи замин шуд сабзаю гулҳои тар,
Андӯҳу кулфат зи дилҳо ҷумла бардорад баҳор.

Савсану сурӣ, назар кун, баста саф андар чаман,
Ёсуман бо наргису ҳам нилфар дорад баҳор.

Печишу тоби бунафша ҳамчу зулфи маҳвашон,
Сунбули тарро, нигар, бар дида бардорад баҳор.

Дар баҳорон сайр кун себаргаву садбаргро,
Лолазори хубу зебо дар назар дорад баҳор.

Арзро шодобу хуррам бин, ту дар фасли рабеъ[1] ,
Аз раёҳин даста-даста бар камар дорад баҳор.

Ҳам ба бӯстон ҷумлаи ашҷорро сарсабз бин,
Ғунчаву бӯи шукуфа, ҳам самар дорад баҳор.

Мурдадилро зиндагӣ бахшад зи анфоси хушаш,
Чун дами пирон ба дилҳо хушасар дорад баҳор.

Ёд аз ҷаннат диҳад ҳам баргу бори ахзараш ,
Бар машоми ман насими чун саҳар дорад баҳор.

Сар барорад ҳар гиёҳи буда болафшон зи шавқ,
Чашм во кун, то хазоне зери пар дорад баҳор.

Ғарра созад оламеро турраи шабранги ӯ,
Муддате шуд ин Аламро бехабар дорад баҳор.

---

1. *Рабеъ* – баҳор.

* * *

Сад ҳазорон шукр гӯям бар Худои додгар,
Муршиди равшанзамире дод моро роҳбар.

Мурдадилро зиндагӣ бахшид з – анфоси хушаш,
Қалбро гӯё кунад, аз зикри он кимёназар.

Дар тариқи маърифат доим бувад огоҳдил,
Дар шариат мустақиму аз ҳақиқат бохабар.

Муқтадои толибону мӯниси дармондагон,
Ҳамнишини соликону қиблаи аҳли назар.

Ҳамдаме бо олимону маҳраме бо обидон,
Сарвари шайхи замону ҳуққаи фазлу ҳунар.

Соҳиби садри сафову матлаи нуру зиё,
Манбаи ҷуду[1] сахову фойизи ҳар баҳру бар.

Комёб аз файзи фазлаш буда аз барнову пир,
Тӯъмахор аз хони ҷудаш ҷумлагӣ аз хайру шар.

Мухлисони даргаҳаш аз ҷону дил карда мудом,
Тавқи абдият ба гардан, дасти хидмат бар камар.

Толиби зоти Худову волии мулки Ҳудо,
Мояи ҳар бенавоафтодаро беҳ аз падар.

Аслу наслашро бидонӣ зоти авлоди расул,
Аз ҳасаб олимақому аз насаб вологуҳар.

---

1. *Ҷуд* – саховат, бахшиш.

Ҳофизи дини набию ҳомии шаръи шариф,
Файзбахшӣ мекунад дар вақти авроди[1] саҳар.

Зокири авқоти хамса, шокири наъмои даст,
Шуд зи тифлӣ инчунин, то вақти шайхӣ даргузар.

Дастгири оҷизону шамъи ҷамъи орифон,
Нурбахши зоҳидону бар заифон судбар.

Мӯътақидро бар дил ояд орзуи сӯҳбаташ,
Меравад бо иштиёқе, пойро карда зи пар.

Калби[2] даргоҳи ҷаноби авлиё бошад Алам,
Аз карам, эй шоҳ, худ бар ҳоли зораш дарнигар.

* * *

Бинвис, дило, ту боз коғаз,
Бифрист ба сарви ноз коғаз.

Қосид, бирасон ту шарҳи ҳолам,
Бо дилбари дилнавоз коғаз.

Аз ман бирасон ба пеши ҷонон,
Бо аҷзу ба сад ниёз коғаз.

Эй боди саҳар, бибар ба зудӣ,
Бо он маҳи сарфароз коғаз.

Аз ҳоли дили хароби мо бар,
Бо ҳамдаму аҳли роз коғаз.

---

1. *Авродъ* – ворид шудан, дохил шудан, ҷамъи вирд, зери лаб такрор кардан.
2. *Калб* – саг.

Як бор ба мо накард ирсол,
Он соҳиби имтиёз коғаз.

Бифрист, Алам, ба сони Маҳмуд
Бар сӯи ҳамон Аёз коғаз.

* * *

Хазонам ман зи тири ғамзаи он гулъузор охир,
Ба қайди ғам асирам кард гесӯи нигор охир.

Зи сӯзи новаки ишқаш ҳаёти ҷовидон ёбам,
Агар нӯшам зулоли бӯси лаъли обдор охир.

Худ аз ҷоми шароби васли он дилдор мадҳушам,
Ҳалокам аз итоби заҳри чашми пурхумор охир.

Надорӣ заррае парво зи доғи ҳаҷри муштоқон,
Битарс аз оташи дилҳо, зи оҳи пуршарор охир.

Ту охир муғтанам[1] дон, эй гули наврустa, фасли хеш,
Хазон рӯ оварад андар паи ҳар навбаҳор охир.

Ба сайри ин чаман аз лолаи кӯҳсор ибрат гир,
Ду рӯзе сурхрӯӣ,бар дилаш доғу ғубор охир.

Ба зери ин сипеҳр, эй бемурувват, раҳм кун бар мо,
Бубин ин даҳри дунпарвар, чӣ дорад эътибор охир.

Гадои ишқ мезебад чу он султони ҷаннатро,
Бидон, то ғунчаи гул бишкуфад аз неши хор охир.

Аламро орзу бошад, ки гирӣ дар паноҳи худ,
Намо раҳме ба ҳоли ӯ, муродашро барор охир.

---

1. *Муғтанам* – ғанимат.

* * *

Нори ишқат ахгарам кард, лек сӯзонам ҳанӯз,
То шуда хокистарам барбод, рақсонам ҳанӯз.

Нахли сабзи умри ман шуд хушк аз боди хазон,
Қумрисон ман волаи сарви хиромонам ҳанӯз.

Баъди сад сол аз лаҳад бо ёди гулзори рухаш
Андалебосо зи ҳаҷраш ман ба афғонам ҳанӯз.

Коми ҷон ширин шуд аз лаъли табассум парвараш,
Тӯтиям, дар орзуи шаккаристонам ҳанӯз.

Солҳо бо ёди рӯяш ҷону дилро бохтам,
Умр рафт, дар ҳасрати сайри гулистонам ҳанӯз.

Навбати пирӣ расиду чашми ман бенур шуд,
Дар ҳавои дидани хуршеди тобонам ҳанӯз.

Мушти хокам, ҳам ғуборам рафт бар боди фано,
То ба ёди ҷилваи он моҳи хубонам ҳанӯз.

Гаштаам саргашта то дар зулматободи ҷаҳон,
Чун Хизир дар ҷустуҷӯи оби Ҳайвонам ҳанӯз.

Рӯзам охир шуд, Алам, бар дил фаровон доимо,
Бо хаёли ҷустуҷӯи васли ҷононам ҳанӯз.

* * *

Булбули дилдодаро наззораи гулзор бас,
Накҳати гул бар димоғу нола дар минқор бас.

Соқӣ, аз саҳбои май дар шишаи мастон бирез,
Боданӯши нашъаро як соғари саршор бас.

Дар дабистони талаб ҷуз ваҳдат эҷоде макун,
Дарси матлабро бибошад ҳосилаш такрор бас.

Боғи фирдавсу тамоми қасру ҳурулайну айш,
Ҷумла зоҳидро, ба ман як партаве дидор бас.

Зулмати шабро зи нури маҳ чароғон мекунад,
Бо саводи дил таҷаллии ҳамон рухсор бас.

То ҳама дилдодагон дар қайди гесӯ рафтаанд,
Доми мурғи ҷонитоб аз наргиси хуммор бас.

Ошиқонро дарди ишқи дилбари якто бувад,
Дар замири дил яқин бошад, маро иқрор бас.

Қатъи улфат кун, Алам, яъне гузар аз мосиво[1],
Ёр буда бар замират маҳрами асрор, бас.

* * *

Мубтало бо ишқи дилдорам, зи эҷодам мапурс,
Аз ғурури шавкати ҳусни паризодам мапурс.

Дар вафои ишқи ӯ ҷонро бибозам ҳамчу шамъ,
Шарбате деҳ аз лаби ширин, зи Фарҳодам мапурс.

---

1. *Мосиво* – ғайри он, ба ҷуз он.

Бе рухаш гумкардароҳам дар биёбони фироқ,
Ғам ҳуҷум овард бар ман, аз дили шодам мапурс.

Гаштаам бепову сар дар ҳаҷри ӯ чун сифр маҳв,
Ҳам зи аъдоди улуфу ашру эҷодам мапурс.

Доимо бо ёди васли ӯ наво дорам чу най,
Нолаи ҷонсӯзро бишнав, зи фарёдам мапурс.

Карда бунёди диламро сели ишқи ӯ хароб,
Худ ту, эй соил[1], дигар вайрону ободам мапурс.

Бо каманди абрӯву бо ҳалқаи зулфаш Алам
Сайд шуд, аз ҳилаву найранги сайёдам мапурс.

* * *

Умрест, ки ҷон гашта асири хату холаш,
Бурда дили ушшоқ ба абрӯи ҳилолаш.

Аз ҷаъди муаттар зада накҳат ба димоғам,
Анвар шуда ин хона зи хуршеди ҷамолаш.

Кай буда мусовӣ ба рухаш моҳи ҷаҳонтоб,
Ҳаргиз нарасад то ба абад ҳеҷ заволаш.

Сад ошиқи саргашта агар ҷон бисупорад,
Ҳаргиз набувад бар дил андӯҳу малолаш.

То буда ба хубӣ маҳи ман шӯҳра ба олам,
Дар ҳифзи Худованд бувад ҳусну камолаш.

---

1. *Соил* – талбанда, гадо, суолкунанда.

Тобон ба назар гашт чу шамъи рухи ҷонон,
Парвонаи ҷон сӯхта, охир пару болаш.

Ҳастем ба ҳаҷраш ба ғаму бо дили пурхун,
Ё Раб, Аламиро бирасонӣ ба висолаш.

* * *

Маҳе дорам, тавон гуфтан, ба рух хуршеди тобонаш,
Ба накҳат мушки тотору ба қад сарви хиромонаш.

Ба ораз аз саводи хат ба рух шероза мебандад,
Зи сунбул соябонӣ мекунад даври гулистонаш.

Шароби васлро ҷӯё тамоми марду зан бошад,
Ниҳода ҳалқаи байъат[1] ба гӯш (?) ҳам тоҷдоронаш.

Машоми ҷон муаттар мешавад аз зулфи мушкинаш,
Ба чашми хеш созам тӯтиё аз гарди домонаш.

Ба ҳангоми табассум пистаи лаълаш шакар резад,
Малоҳат мечакад аз нашъаи лабҳои хандонаш.

Хаёлам доимо бо ғабғабу себи зақан бошад,
Валекин дил бувад вобастаи чоҳи занахдонаш.

Ба ёди рӯи ҷонон лаҳзае ором кай дорам,
Ки ҳам ошуфта медорад маро зулфи парешонаш.

Аҷалро кай бувад коре ба ҷони нотавони ман,
Ки охир гаштаам ман худ шаҳиди теғи мижгонаш.

Чу коми дардмандонат чашида талхии ҳиҷрон,
Аламро аз шароби васл созӣ зуд дармонаш.

---

1. *Байъат* – аҳду паймон,муоҳида.

* * *

Маро то ҷон ба тан бошад, бувад вирди забон номаш,
Чи сон гӯям сипос онро, зи лутфи ҷуду инъомаш.

Ба ҳар кас илтифоти хуш кунад аз меҳрубониҳо,
Ба ман миннат ба ҷон дорад, итоб аз қаҳру дашномаш.

Сарам аз ҳаҷри он дилбар чу дар ҷайби тафаккур буд,
Ба гӯши ман расад ногаҳ садои табли пайғомаш.

Хаёлотам ба ёди орази он дилрабо бошад,
Шунидан орзу дорам калом аз лаъли гулфомаш.

Малоҳат бо латофат ҳаминон ҷӯши назокатро,
Ба ғайр аз дилбарӣ набвад варо оғозу анҷомаш.

Забон оҷиз бувад аз мадҳи хубиҳои ҳусни ӯ,
Хирадро кай расад бо васфи он зебанда афҳомаш.

Яқин аз сунъи Ҳақ буда бути симинбадан, бингар,
Барад рашке ба худ Озар ба он маҷмӯи асномаш.

Гувоҳи дарди ишқу ранги зарду оҳи дардолуд,
Зи ашки лолагуну шевани худ карда эъломаш.

Ба тороҷи фано дода дилу ҷон бо ду чиз он маҳ,
Ба сеҳри ғамзаи хунрезу бо он чашми бодомаш.

Ду чашмам кӯр шуд аз ҳаҷри он маҳталъати зебо,
Кунам ман тӯтиёи дида аз хоки дару бомаш.

Ба гулзори рухаш ошиқ чу булбул зор менолад,
Аламро бе висоли ӯ на сабреву на оромаш.

* * *

Шӯрӣ фиканда дар ҷигар он моҳи хубон аз намак,
Захми дили садпораро карда намоён аз намак.

Омад ба сеҳру ҳам фусун он сарвинози хушхиром,
Лаъли лабони пиставаш гардид хандон аз намак.

Дидам малоҳат мечакад аз чеҳраи гулнори ӯ,
Қанду асал, шаҳду шакар гардид арзон аз намак.

Наззора кардам ногаҳон бо қурси хуршеди рухаш,
Ҷӯши араќ шуд мавҷзан даври гулистон аз намак.

Дилро ҷароҳат кардааст ӯ бо нишони ғамзааш,
То карда аз қанди лабаш бо захм дармон аз намак.

Омад ба ишва он санам, бо хуни резон оразаш,
Барги гули рухсори ӯ шуд шабнамистон аз намак.

Дида Алам рақси туро дар маҷлиси дилдодагон,
Сӯзи қиёмат кардаӣ бо қадди ларзон аз намак.

* * *

Хоби ғафлатро гузору як даме бедор бош,
Ҷаҳд кун аз ҷону дил, дар ҳалқаи азкор[1] бош.

Аз сухан гуфтан нашуд ҳосил туро чизе агар,,
Хомуширо вирд созу гарми истиғфор[2] бош.

1. *Азкор* – зикр.
2. *Истиғфор* – бахшиш, омурзиш.

Оҳи дардолуд каш бо иллату узру гуноҳ,
Эмин аз кирдори зишту феъли ноҳамвор бош.

З-ихтилоти даҳр кун парҳез, созӣ огаҳӣ,
Як нафас хилват гузину маҳрами асрор бош.

Аз ниёзи ними шаб оина безангор кун,
Дар тамошогоҳи васлу партави дидор бош.

Медиҳад мӯи сафед аз манзилу маргат нишон,
Дом дар роҳат аҷал бинҳодааст, ҳушёр бош.

Ишқи ӯ бар сина гиру доғи меҳнат бар дилат,
Бо тавофи кӯи ӯ саргашта чун паргор бош.

Аз алоиқ соз ибро, нест дил ҷои даво,
Бо яке хӯ кун, тавонӣ, аз ҳама безор бош.

Эй, Алам, хоҳӣ, ки гардад васли ҷононат қарин,
Ҳар замон дар ёди ӯ бо дидаи хунбор бош.

* * *

Ақл мегӯяд: «Биё дар роҳи дин ҳушёр бош»,
Ишқ гӯяд: «Маст шав, дар кӯчаву бозор бош».

Ақл мегӯяд, ки фикри ному нанги хеш кун,
Ишқ мегӯяд,ки ҳай-ҳай, з-ин сухан безор бош..

Ақл мегӯяд: «Ба масҷид рӯ ба сӯи Каъба ор»,
Ишқ мегӯяд, ки рав дар хонаи хаммор бош.

Ақл гӯяд: «Бош сокит», ишқ мегӯяд: – «Чаро?»,
Дар шакарзори лабаш чун тӯтӣ дар гуфтор бош.

Ақл гӯяд: «Варз тамкин», ишқ мегӯяд ҳамин:
«Ҳамчу булбул дар наво даври гули рухсор бош».

Ақл гӯяд: «Сабр кун, сабр аст мифтоҳи фараҳ»,
Ишқ гӯяд: «Волаи он моҳи пуранвор бош».

Ақл мегӯяд: «Бирав дар гӯшае ором гир»,
Ишқ гӯяд: «Дар тариқи кӯи он дилдор бош».

Ақл мегӯяд, ки хомӯшӣ бикун вирди забон,
Ишқ мегӯяд, ки не, дар нолаҳои зор бош.

Ақл мегӯяд: «Алам, бар ҳар даре беҷо марав»,
Ишқ мегӯяд: «Биё, худ маҳрами асрор бош».

* * *

Умрро дарбохтӣ бо ишваи фонӣ ғалат,
Дар тағофул мондай аз зикри саҷҷонӣ ғалат.

Дар сарири комрониҳо нишаста бо ҳузур,
З-он ки ишрат ҳам бувад бо марди зиндонӣ ғалат.

Гар ба роҳи нафс рафтӣ, мебарӣ оҳу надам[1] ,
Баъди мурдан бар ту бошад он пушаймонӣ ғалат.

Хобу хӯр кам кун, ба ёди ӯ даме бедор бош,
Худ ба роҳат хуфта доим, ин гаронҷонӣ ғалат.

Чун даранда тездандону, тамаъботину ғӯл,
Зоҳират дар кисвату[2] ҳам нақши инсонӣ ғалат.

---

1. *Надам* – афсӯс, пушаймонӣ.
2. *Кисват* – либос.

Илм агар андак бувад, монӣ қадам андар амал,
Аз амал дурӣ ту гар, ҳарчанд мехонӣ, ғалат.

Завқи зикру сӯзи ишқи Ҳақ набошад бар дилат,
Лофи шайхӣ мезанӣ, силсилаҷунбонӣ ғалат.

Кай амал дорӣ, Алам, охир ту бо гуфтори худ,
Барабас созӣ тараннум, ин ғазалхонӣ ғалат.

* * *

Як назар бар шамъи рухсори суманбар кардаам,
Хешро парвонаваш бе болу бе пар кардаам.

Сарв гашта мунфаилу монда ҳайрон по ба гил,
Пеши ӯ васфи қади зебои дилбар кардаам.

Оваридам партави миръоти ҷонон пеши рӯ,
Хонаи дилро ба нури ӯ мунаввар кардаам.

То ба ёди орази он моҳи лайлиҷилваам,
Ҳамчу Маҷнун хешро бепову бесар кардаам.

Парда аз рух баргирифт, шуд чашм бар рухсори ӯ,
Ман гумон аз талъати хуршеди анвар кардаам.

Шарбати лаълаш, ки бахшад ҷисму ҷонро зиндагӣ,
Кай баробар бо зулоли оби Кавсар кардаам.

Бӯи гесӯяш маро чун бар машоми ҷон расид,
Иҷтиноб аз атру мушку уду анбар кардаам.

Гуфт он маҳ: «Чунӣ аз ишқам, бигӯ ҳолат, Алам?»
Гуфтам: «Эй ҷон, бе висолат хок бар сар кардаам».

* * *

Лоларо авсоф кардан бо рухи гулгун ғалат,
Сарвро ташбеҳ намудан бо қади мавзун ғалат.

Аз шамими зулфи анбарбӯ хиҷил мушки Хутан,
Васфи қанди Миср шуд пеши лаби майгун ғалат.

Бӯи гулзори висолаш андалебонро сазад,
Ҳам бувад сайри чаман бо ҳар калоғи дун ғалат.

Ҷаҳд кун, дар хона орӣ сайди мақсудат ба каф,
Дар такопӯи суроғаш гаштани ҳомун ғалат.

Аз навидоти таҷаллӣ оразаш дорад нишон,
Партави Хур пеши нури ҳусни рӯзафзун ғалат.

Он чӣ аз сӯзи ғамаш бар ҷони мискини ман аст,
Пеши шарҳи ишқи ман шуд дафтари Маҷнун ғалат.

Он гуландоме, ки аз оинатинат софтар,
Дар сафои чашми ӯ шуд гавҳари макнун[1] ғалат.

Аз каломи ҷонфазояш орзу дорад Алам,
Бошад аз ҳар нуктааш не лафзу не мазмун ғалат.

* * *

Хуш он рӯзе тамошои рухи дилдор мекардам,
Назар бо қомати он сарви хушрафтор мекардам.

Чу тӯтӣ дар такаллум буд он симинзақан бо ман,
Дилу ҷонро фидо бо лаъли шаккарбор мекардам.

---

1. *Макнун* – ноёб.

Чу булбул вола будам дар баҳористони васли ӯ,
Навое аз таҷаллии гули рухсор мекардам.

Вазида бар димоғи ҷон насими сунбулистонаш,
Нафир аз атру анбар, мушк аз тотор мекардам.

Ба сарвақтам расиду кард пурсиш ҳоли зорамро,
Ки дарди дил ба он зебосанам изҳор мекардам.

Бирафт аз бар, ба гӯши ман садои алвидоъ омад,
Чу аз дарди ҷудоӣ нолаи бисёр мекардам.

Надорам тоқати ҳаҷраш, ба дил ман сад алам дорам,
Сиришки худ равон аз дидаи хунбор мекардам.

* * *

Дидаам шеъри туро, бар фарқ афсар кардаам,
Нуктасанҷӣ аз ҷанобат хуб бовар кардаам.

Ҳам сухансанҷони маънии замонро сарварӣ,
Ҳар заған бо андалебе кай баробар кардаам.

Ман дуои ҷондарозӣ, бо ниёзу дарду сӯз,
Аз сари ихлос бо даргоҳи довар кардаам.

Ин рақам кардам ба хома, нестам имло дуруст,
Не зи маънӣ ман суханро зебу зевар кардаам.

Буд дар парда сухан ҳамчун арӯси хонагӣ,
То ба хуни дил варо берунтар аз дар кардаам.

Чун садаф аз номуродӣ сойирам дар баҳри фикр,
Риштаи гуфторро ман з-оби гавҳар кардаам.

Нуктаи доно маро ақлу равонам тоза кард,
Гӯшро аз ҳарфи нодон доимо кар кардаам.

Сайри гулзори сухан дорам, вале бо сад алам,
Булбулам, аз ҳар гуле гуфтор дигар кардаам.

* * *

Боз аз фикраш хаёли ҳар қарор омад ба дил,
Накҳати хуш аз шамими зулфи ёр омад ба дил.

Соқӣ, аз минои май худ соғарам саршор кун,
Чунки ёди нашъаву завқи хумор омад ба дил.

Чашм во кун, з-ин чаман гул ҳусн печад дар ниқоб,
Булбули ҷон, кун наво, бӯи баҳор омад ба дил.

Аз хаёлаш орзуҳо бурдаам аз ҳад бурун,
Бе висолаш ҳар нафас сад интизор омад ба дил.

Андалебосо бувад ин мурғи ҷонам дар хурӯш,
Ногаҳон аз ғайб бӯи гулъузор омад ба дил.

Аз навидоти фуюзаш[1] ғунчаи мо бишкуфад,
Шуд парешон накҳате вақти нисор омад ба дил.

Ҷону дилро бохт охир, шуд ғариқи баҳри ҳаҷр,
То Аламро гавҳари ишқи нигор омад ба дил.

---

1. *Фуюз* – файз, баракат.

* * *

Ин замон инсофро дар халқ камтар дидаам,
Раҳзани дунҳиматеро шайхи акбар дидаам.

Зоҳиран саҷҷодабардӯшанд, дар ботин ҳама,
Фикр дар дунёву ҳам аз симу аз зар дидаам.

Олимон дар илм доно, лек дуранд аз амал,
Аз паи нафси дағал саргашта музтар дидаам.

Қозиён дар маснади шаръи Набӣ биншастаанд,
Хуни халқон даркашида ҳамчу аждар дидаам.

Муфтии моҷин[1] ба фатво ғарра бошад, муфтхӯр,
Хома бар дасташ, варо дар фикри маҳзар[2] дидаам.

Мӯҳтасиб лоиҳтисобу[3] толиби нафси хабис,
Ҳалқасон бахри тамаъ дар пеши ҳар дар дидаам.

Ҳофизону воизон дар садри хоку хорианд,
Ҷоҳилони камхирадро фавқи минбар дидаам.

Навбати шаҳбозу шоҳин даргузашта ин замон,
Ақъақи[4] камҳавсала болои Кавсар дидаам.

Зери чархи каҷравиш дар зиллатанд аҳли насаб,
Нокасонро бо қабову тоҷу афсар дидаам.

Чанд мегӯӣ, Алам, афсонаи дуру арик[5],
Фозилонро пеши дунон зору аҳқар дидаам.

---

1. *Моҷин* – бешарм, масхарабоз.
2. *Маҳзар* – ҳукмнома.
3. *Лоиҳтисоб* – мӯҳтасиби бесалоҳият, нодон.
4. *Ақъақ* – зоғ.
5. *Арик* – кӯҳна.

* * *

Дида бар рухсори ҷонон во кунам,
Сӯи он гул ман тамошоҳо кунам.

Як нигоҳи марҳамат созад ба ман,
Ҳам ба садри хок ман маъво кунам.

Гар бубинам як табассум аз лабаш,
Ҷони худ қурбони он зебо кунам.

Гар ба ёд ояд ниҳоли қоматаш,
Хуни дил аз чашми худ дарё кунам.

Нестам машғули кори дигаре,
Ҳар замон ёди рухи раъно кунам.

То қиёмат гар биёбам зиндагӣ,
Кай тавонам васфи ӯ иншо кунам.

Аз фироқаш доғҳо дорад Алам,
Дил зи ҳаҷраш вола, ҷон шайдо кунам.

* * *

Аннавид, эй ошиқон, маъшуқи шоён ёфтам,
Дар рухи миръоти дил ман васли ҷонон ёфтам.

Мужда, мужда, андалебони гулистони ҳарам,
Он гули наврута з-ин бӯстон намоён ёфтам.

Нури ӯ бар ҷону дил бошад шароби зиндагӣ,
Чун Хизир дар зулмати тан оби Ҳайвон ёфтам.

Дар саводи даҳр ҳар сӯ дасту пое мезадам,
Ногаҳ аз лутфи азал хуршеди тобон ёфтам.

Мушки тоторӣ хиҷил аз накҳати гесӯи ӯ,
Атрро шарманда з-он зулфи парешон ёфтам.

Ин ҷаҳон зулматсарову ман чу аъмо[1] будаам,
Аз таҷаллӣ нури ӯ бар дил чароғон ёфтам.

Аз адам афтодаам рӯзе ба саҳрои вуҷуд,
Сархуши рафторро бар сар хиромон ёфтам.

Омада аз юмни толеъ меҳрубону ошно,
Аз ҳузури мақдамаш ман нури ирфон ёфтам.

Номи ӯ вирди забону нақш бар дил кардаам,
То ба фарқи худ муборак тоҷи имон ёфтам.

Ҷабҳасо гаштам ба хоки ошёнаш ин замон,
Рифъату ҳам манзалат то фавқи Кайвон ёфтам.

Дар ду олам бо ғарибон ёри ғамхор аст Алам,
Шукри Ҳақро, ки чунин шоҳе пурэҳсон ёфтам.

* * *

Сафҳаи он дӯст бо шӯру ситам сар кардаам,
Ҷавҳари маънош чун тӯмор дар бар кардаам.

Аз саводи ӯ намудам зиннати кӯҳли басар,
Аз баёзаш хонаи дилбар мунаввар кардаам.

---

1. *Аъмо* – нобино, кӯр.

Аз бурудоти[1] ғамузам буд хотир мунҷамид,[2]
Аз баҳороташ димоғи ҷон муаттар кардаам.

Заръи[3] хушкамро зи маънӣ обёрӣ мекунад,
Офарин бар ҳиммати он баҳри ахзар кардаам.

То тавонам, хоки пои нуктасанҷон мешавам,
Илтимосам ин бувад, бар худ муқаррар кардаам.

Булбули хотир зи боғи аввалин мадҳуш буд,
Офарин бо ин гулистони мукаррар[4] кардаам.

Аҳли тадвинро[5] зи ҳарфаш ҷуз сари таслим нест,
Ҷадвали девонашонро аз ҳали зар кардаам.

Боди шуртам аз мақулоти[6] дигар масдуд[7] буд,
Заврақистони хаёли хеш лангар кардаам.

Лоиқи гуфтан надорад шикваи ахлоқи дун,
З-ин сабаб ман ҳаҷви ноҳинҷор камтар кардаам.

Ҳарчӣ аз гардун расад, охир Аламро чора нест,
Ман сари худ фарши таслими муқаддар кардаам.

---

1. *Бурудот* – сардӣ, хунукӣ.
2. *Мунҷамид* – яхбаста.
3. *Заръ* – зироат.
4. *Мукаррар* – такрорёфта.
5. *Тадвин* – тартибдиҳандагони девон.
6. *Мақулот* – гуфтор, сухан, нутқ.
7. *Масдуд* – басташуда, бандшуда.

* * *

Умрест, ки ман моили он рӯи ту бошам,
Вобаста ба доми хами гесӯи ту бошам.

Дил гашта ба абрӯи ҳилоли ту гирифтор,
Овехта бо силсилаи мӯи ту бошам.

Мамнуни зулоли лаби лаъли ту бигардам,
Мафтуни ҳамон наргиси ҷодуи ту бошам.

Гардид димоғи дилам аз бӯи ту мушкин,
Аттор ба он зулфи суманбӯи ту бошам.

Армон ба дилам ҳаст шабе, эй маҳи тобон,
Сар монаму андар сари зонуи ту бошам.

Булбул ба наво, тӯтӣ шуд аз нутқ шакаррез,
Ҳайрон аз он лаъли сухангӯи ту бошам.

Аз ғабғаби ту тавқ ба гардан Аламӣ кард,
Чун қумрӣ ба ёди қади дилҷӯи ту бошам.

* * *

Муддате шуд умри худро сарфи дилбар кардаам,
Кай ба ғайр аз ҷонгудозӣ кори дигар кардаам.

Ҷисму ҷон аз ҳаҷри ҷонон сар ба сар оташ гирифт,
Оташи ҷон анқариб аст, инак, ахгар кардаам.

Ман ба ёди оразаш аз шом то вақти саҳар
Дуди доғи ҳаҷри ӯ чун шамъ бар сар кардаам.

Хок гаштам дар раҳаш, дорад нафир аз гарди ман,
Ҳар қадар худро асири он ситамгар кардаам.

Гулшани рӯяш навидоти таҷаллӣ медиҳад,
Машқи ҳар лавҳи ҷабин з-оёти довар кардаам.

Ман шаҳиди новакам, бо ман аҷалро кор нест,
Ин тани лоғар қатили теғу ханҷар кардаам.

Гар шавам масти маи лаъли лаби майгуни ӯ,
Кай дигар парвои май аз даври соғар кардаам.

Хотами[1] пайдонишонам,ки зи юмни дӯстон,
Бо ҳама нолоиқӣ васфи суманбар кардаам.

Гарчи аз шеърат, Алам, ин хомаро бошад ҳаё,
Узри савдо дораму худро суханвар кардаам.

* * *

Офаридӣ ту маро аз хок, ё ҳайи Қадим,
Баҳри зикру ҳамд гӯиву итоат, ё Карим.

Пургуноҳу рӯсиёҳу бандаи осӣ манам,
Мағфират созӣ гуноҳам, ё Раб, аз лутфи амим

Ҷуз ту ғамхоре надорам, ё Илоҳилоламин,
Раҳм кун бар ҳоли зорам дар қиёмат, ё Раҳим.

Дар дами охир, Худоё, дину имони маро
Дор дар ҳифзи худат аз макри шайтони раҷим.

---

1. *Хотам* – нигин, ангуштарӣ.

Оҳ аз он рӯзе, ки Азроил (?) ба қасди ҷон шавад,
Дарди бедармон дорам, деҳ давое, ё Ҳаким.

Ҳам ба осонӣ ситонӣ ҷони мо бечорагон,
Бо тазаррӯъ ман ба даргоҳат фитодам, ё Ҳалим.

Ҷаннатулаъло бикардӣ маскану маъвои ӯ,
Ҳар кӣ дорад заррае аз зоти покат хавфу бим.

Солу маҳ дорад Алам бар даргаҳат аҷзу ниёз,
Ё Илоҳо, рӯзи маҳшар вораҳонӣ аз ҷаҳим.

* * *

Хаёли рӯи зебои ту дорам,
Ба дил фикру таманнои ту дорам.

Бигаштам фориғ аз бегонаву хеш,
Ба сар ҳам ҷӯши савдои ту дорам.

Ба лавҳи дил набошад нақши дигар,
Хати рӯи дилорои ту дорам.

Кунад васфи дигар ҳар кас ба дафтар,
Чу ман шарҳи муаммои ту дорам.

Надорам ҷуз дари ту рӯ ба ҳар ҷо,
Ҳавои шавқу маъвои ту дорам.

Саводи хонаи дилро чу равшан,
Зи рӯи моҳсимои ту дорам.

Ба сӯи ин Алам ой, ҳамеша
Сари худ бар кафи пои ту дорам.

* * *

Маро ояд ба дил ҳар дам, хаёли рӯи ҷононам,
Зи дарди дил ба гардун мебарояд оҳу афғонам.

Зи авҳоми таъаллуқ он қадар ошуфтагӣ дорам,
На пои рафтане дорам, на роҳи рафтане донам.

Талаф шуд умри ман дар зери ин бозичаи гардун,
Надидам васли он зебо, чӣ созам, зору ҳайронам.

Зи дарди ҳаҷри ӯ ҷонам ба нори ишқ месӯзад,
Умеди ман яқин бошад, зи сӯи ӯст дармонам.

Даруни зулмати зиндонсарои даҳр во мондам,
Зи лутфи Эзидӣ омад ба сар шамъи шабистонам.

Ба рӯи дафтару авроқ номаш гар рақам созам,
Шавад ором ҷону бал бувад ӯ зеби девонам.

Агар гӯянд, адаб набвад Аламро васфи ӯ кардан,
Вале чун зарраи Хуршед бо рӯяш пар афшонам.

* * *

Ба хуни дил чу дафтар менависам,
Зи дарди ишқи дилбар менависам.

Забон то дар даҳонам ҳаст гӯё,
Ки васфи ӯ мукаррар менависам.

Чу номаш зиннати авроқ бошад,
Ба исмаш руқъа хуштар менависам.

Зи шавқи рӯи ӯ гумкардароҳам,
Чу хат бо рӯи мистар менависам.

Хаёлаш нақш баста бар дили ман,
Ҷуз ӯ на мадҳи дигар менависам.

Ба пеши ҳусни ҷони ман хати насх,
Бари хуршеди анвар менависам.

Бувад меҳраш ба ҷони ман баробар,
Бал аз ҷон хубу беҳтар менависам.

Ки шарҳи он маҳи байзоҷабинро
Тавонам, аз ҳали зар менависам.

Ниҳоли қомати он хушхиромам
Беҳ аз сарву санавбар менависам.

Ба шаъни талъату нури ҷамолаш
Саводи моҳу ахтар менависам.

Ҳамеша меҳри номаш, эй Алам, дон,
Ба лавҳи дил саросар менависам.

* * *

Гуфт он симинбадан: «Бар ман нигар»,
гуфтам: «Ба чашм»,
Гуфт: «Ҷони худ бидеҳ, ишқам бихар»,
гуфтам: «Ба чашм»

Гуфт: – «Дар сӯзи муҳаббат қоимӣ»? –
гуфтам: «Наъам»,
Гуфт: – «Ҷуз ман дил мадеҳ ҷои дигар», –
гуфтам: «Ба чашм».

Гуфт: «Чун собитқадам дар ишқ пинҳон нола кун,
Ҷуз ба дил номи маро ҷое мабар», –
гуфтам: «Ба чашм».

Гуфт: «То умрат бувад, бошӣ ба фармонам, биё
Баҳри хидмат пеши ман бандӣ камар», –
гуфтам: «Ба чашм».

Гуфт он дилбар: «Маро рамзе бидон, Лайлӣ манам,
Шав чу Маҷнун дар ғамам бепову сар», –
гуфтам: «Ба чашм».

Гуфт: «Дар шамъи ҷамолам, гар тавонӣ, ҷон бибоз,
Сӯз чун парвона, шав бе болу пар», –
гуфтам: «Ба чашм».

Гуфт: «Дар базми висолам он қадар бо худ маноз,
Дар паи шодӣ ғам аст, шав бохабар », –
гуфтам: «Ба чашм».

Гуфт: «Аз найсони ишқам чун садаф охир бигир
Меҳри манро бо дилат ҳамчун гуҳар», –
гуфтам: «Ба чашм».

Гуфт он маҳ: – «Эй Алам, хоҳӣ, ки ёбӣ мақсадат,
Ҳар шаб аз дил нолаҳо кун то саҳар», –
гуфтам: «Ба чашм».

* * *

Эй дареғо, шуд дар ин даврон муҳаббат бартараф,
Ҳам зи фарзанду бародар меҳру шафқат бартараф.

Зумраи аҳли шақоват[1] сар баровrouting бoз,
Шуд зи байни анҷуман аҳли саодат бартараф.

Не адаб дар тифл дидам, не ҳаё андар занон,
Ҷайби пирон пур зи ғафлат буд, тоат бартараф.

На бародар даст гирад, на писар фармон барад,
Ҳам нисоёнро зи шавҳар шуд итоат бартараф.

Мумсик аз бебаҳрагӣ бар сар занад лофи сахо,
Аз ҷавонмардони олам гашта ҳиммат бартараф.

Бош, Алам, бо ёди Ҳақ, бо халқ кам улфат бисоз,
Баски байни дӯстон шуд хони даъват бартараф.

* * *

Мубталои ишқи он лолаузорем ҳама,
Зи шароби лаби лаълаш ба хуморем ҳама.

Ба хазони ғами ҳиҷрон гули нолон моем,
Орзуманди рухи тозабаҳорем ҳама.

Ба сари сӯхтагон гар гузар орад рӯзе,
Ба фидои қадамаш ҷон бисупорем ҳама.

Ташналаб бар сари роҳаш бинишинем, бале,
Талаб аз бодаи ҷонбахши ӯ (?) дорем ҳама.

---

1. *Шақоват* – бадбахт.

Ба фироқи санами тозарухи маҳрӯе,
Умрҳо шуд, ки зи чашм ашк биборем ҳама.

Ояд он моҳ ба пурсидани ин дилшудагон,
Нақди ҷон бар кафу пешаш бинисорем ҳама.

Мурғи дилҳо шуда дар доми хами зулфаш банд,
Ҳориси донаи холи лаби ёрем ҳама.

Ҳамчу булбул ба ғамаш волаву шайдо шудаем,
Зи фироқи рухи гул ғамзада, зорем ҳама.

* * *

Чанд бояд буд дар авҳому хоби зиндагӣ,
Кист он кас ки насозад иҷтиноби зиндагӣ.

Зоди раҳ ҳосил бисозу рафтанат омода бош,
Шуд илоқа[1] гарданатро печу тоби зиндагӣ.

Лафзи нофиро гузору маънии исбот гир,
Ин бувад ҳосил туро аз иктисоби зиндагӣ.

Донӣ (?) фурсат муғтанам, з-ин ғӯта дар дарёи шавқ,
Эътибороте надорад иҷтиноби[2] зиндагӣ.

Аз алоиқ шав барӣ, парвонаваш аз ҷон гузар,
То ба кай бошӣ варо охир кабоби зиндагӣ.

Ҳаст(ӣ) саргарми ҳавас, ҳам тоҷи мағрурӣ ба сар,
Маст медорад туро доим шароби зиндагӣ.

---

1. *Илоқа* – ресмон.
2. *Иҷтиноб* – парҳезкорӣ, канорачӯӣ.

Корҳо бо ӯ гузору дар таваккул неҳ қадам,
З-аблаҳӣ бошӣ ҳамеша дилхароби зиндагӣ.

Як даме ғофил машав аз ғурраи авҷи камол,
Рӯ ба нуқсон оварад ин моҳтоби зиндагӣ.

Бо дили фориғ чӣ гуна барнишинад ин Алам,
Ҳар дам овози раҳил ояд зи боби зиндагӣ.

* * *

Дӯш омад ба барам, тарзи хироми аҷабе,
Гашта ҳамсӯҳбати ман моҳи тамоми аҷабе.

Он маҳи ваҳшиғизолам зи рақибон рам дошт,
Ба мани сӯхта гардид чи роми аҷабе.

Ҳар ки нӯшид чу аз бодаи ишқаш каму беш,
Ӯ бинӯшонд маро аз майю ҷоми аҷабе.

То ба сарвақти ман овард чу ташрифи қудум,
Пеши ӯ додаам аз аҷз саломи аҷабе.

Гоҳ-гоҳе, ки ба хилват бинишинад он маҳ,
Мефиристад ба ман аз меҳр паёми аҷабе.

Гуфтам: Аз рамзи даҳонат чизе (?) гӯ бо Аламӣ,
Гуфт: Ин пухта ба ишқ аст, ту хоми аҷабе.

* * *

Гули наврустаи нозукбадан аз бӯстон рафта,
Азизон, сарви хушрафторам аз боғи ҷаҳон рафта.

Надонам дарди дилро бо кӣ гӯям, зору ҳайронам,
Ки он ширинмақолотам баногаҳ аз миён рафта.

Хаёли рӯи зебояш маро ҳар дам ба дил ояд,
Фиғону оҳи дардолуди ман бар осмон рафта.

Зи доғи ҳаҷри он маҳрӯ на сабреву на оромам,
Ки сели хун зи чашми ман чу баҳри бекарон рафта.

Расида сар-сари боди аҷал, он гул хазон гардид,
Лаби хушку дили пурдард, ранги заъфарон рафта.

Чу бози рӯҳи ӯ аз назди Ҳақ андар ҷаҳон омад,
Садои «ирҷиӣ[1]» бишнид, сӯи мустаъон рафта.

Гар он гулчеҳра дар кошона рӯзе чанд меҳмон шуд,
Аз ин меҳнатсаро бо равзаи доруламон рафта.

Зи алмоси фироқаш ҷону дил садпора мебошад,
Мусулмонон, маҳи байзорухи ман навҷавон рафта.

Чӣ шабҳо то ба рӯз аз ёди рӯяш нолаҳо дорам,
Маро аз бар хиромонҷилва он сарви равон рафта.

Хуш он соат, ки рӯҳам тоза мебуд аз ҷамоли ӯ,
Хӯрам, во ҳасрато, аз дида он ороми ҷон рафта.

Чу булбул дар ғами гул нола дорам сад алам бар дил,
Ниҳода доғи ҳаҷрашро ба ҷону бӯстон рафта.

---

1. *Ирҷиӣ* – назди ман бозгард!

* * *

Мурғи дил бо қайди зулфи ёр будӣ, кошкӣ,
Ҷон зи дарди ишқи ӯ бемор будӣ, кошкӣ.

Муддате шуд дар ҷаҳон армон ҳамин бошад маро,
Дасти ман бар гардани дилдор будӣ, кошкӣ.

Ҷом бар каф, ёр дар бар, кунҷи хилват ҷойи амн,
Ин бувад аз бар, баъид ағёр будӣ, кошкӣ.

Ҳамдаме ҷуз ӯ надорам дарди дил иншо кунам,
Мӯнисам он маҳрами асрор будӣ, кошкӣ.

Будаам дар зулмати ҳаҷраш ғарибу бенаво,
Ҳам тулӯи моҳи пуранвор будӣ, кошкӣ.

Карда доим андалеби дил навои шавқи ӯ,
Дидаам во бо гули рухсор будӣ, кошкӣ.

Монд аз тоби фироқаш ин Алам ҳам хушклаб,
Ҷуръа аз лаъли шакаргуфтор будӣ, кошкӣ.

* * *

Дареғо! Он ҷигарбандам зи олам рафт, ғамнокам,
Зи шаб то рӯз бо оҳи ҳазину чашми намнокам.

Гули гулзори айшам, ногаҳон рахти сафар барбаст,
Ки доим коми ҷонам талх шуд, монанди тарёкам.

Ҳамон булбул зи боғи зинати ман рафт, сад афсӯс,
Ки бурд аз ман ҳама сабру қарору фаҳму идрокам.

Маро ин оҳу вовайло зи ғабро то ба гардун шуд,
Касе воқиф зи ҳолам не, ба ғайр аз синаи чокам.

* * *

Дорам андар дил аламҳо, аз дили зорам мапурс,
Айшу шодию фараҳ аз ҷони афгорам мапурс.

Зери чархи бемурувват нест осоиш маро,
Дарду ғамро бингару аз чашми хунборам мапурс.

Ҷонканиҳо кардаам беҳуда ман дар умри худ,
Омадам дасти тиҳӣ, сад вой, аз корам мапурс.

Не маро фарзанд, то худ улфате бо ӯ кунам,
Монда ҳайрон, хонавайрон гашта, ночорам, мапурс.

# ТАШРЕҲИ
# ЯК СУРУДИ ИРФОНӢ

Лӯлак лӯлаки хокӣ,
Лӯлак чу бувад одами хокӣ – падари ман,
Масҷуди малоик шуда он тоҷи сари ман.

Дашти булаки боқӣ,
Дунё ба мисоли дашт, боқӣ зи касон аст,
На инсу на ҷин монад, эй гулписари ман.

Аз боло санг омад,
Санг аст ситора, шунав аз ман ту, яқин кун,
Таҳқиқи сухан хуб кун, эй номвари ман.

Як бузаки ланг омад,
Буз буд шаётин, ки бувад рондаи марҷум,
Сангсор шуд аз даргаҳи он додгари ман.

Ин тахта ба он тахта,
Як тахта тани туст, дигар тахтаи қабрат,
Бовар бикунӣ азми ту, нури басари ман.

Шоҳони камарбаста,
Шоҳанд ҳама халқи камар баста ба завқаш,
Дар зери дигар рехта хоке ба сари ман.

Аспора кучо бандем?
Аспи ту чу тобут бувад бар сари қабрат,
Бе банду лачом аст ба болои сари ман.

Ҳар чое чаву гандум,
Гандум зи биҳишт омада, шуд дохили дунё,
Хорич, ки зи баҳраш бишуд он бал ба сари ман.

Лаънат ба зани мардум,
Дунё чу зане, дода талоқаш ҳама мардон,
Лаънат ба зани даҳри пур аз шӯру шари ман.

Деворака кофтем,
Чашми ту чу девор бувад, гӯш кун аз ман,
Фаҳми сухан аз ман бикун, эй бехабари ман.

Ҳасанака ёфтем,
Дар қалби санавбар ҳасанат номи Худо аст,
Чуз дил ту кучо ёбӣ дигар з-ин гуҳари ман.

Кокулоша бофтем,
Ишқи ту зи кокул, ки бувад печ ба пече,
Дил метапад аз печу хами ӯ ба бари ман.

Рӯ – рӯи об партофтем,
Бишнав сухан аз об, ки гӯям ба ту ман хуб,
Яъне ки ба хуни чигару чашми тари ман.

Ин моҳи нав, ин моҳи нав,
Моҳ аст, ки тобад ба чаҳоне, ҳама равшан,
Яъне, ки Расули Ҳақу Хайрулбашари ман.
Бишнав сухани хуби Аламро ба таомул,
Эй шоҳи баландафсару зарринкамари ман.

# МУКОТИБАИ АЛАМӢ БО ШОИР ФАНОӢ

### *Мактуби Аламӣ ба Фаноӣ*

Илоҳо, ҳоҷатат дар ҳар ду олам бораво бошад,
Ки ёбӣ мақсадат, ҳар чӣ ба дил гар муддао бошад.

Ман аз ихлос бо даргоҳи Борӣ[1] инчунин гӯям:
Бузургонат муину[2], ҳофизи ҷонат Худо бошад.

Зи офоти ҳаводис Ҳақ бувад доим нигаҳдорат,
Чиҳилтан дар барат буда, Хизират раҳнамо бошад.

Бигуфтам ин сухан дар вақти ранҷуриву озорӣ,
Ки мазмунаш ба лафзи ҳусн гуфтан кай адо бошад.

Ба вақти тандурустиву хушӣ ҳам табъ меболад,
Ба фасли дай надидам булбуле, к-ӯ дар наво бошад.

Ба назди оқилону нуктасанҷон гардад ин манзур,
Ба гӯши бебасорат ин суханхонӣ садо бошад?

Надорад шеъри ман бо шеъри рангини Шумо лоиқ,
Мусовӣ рустоӣ бо каси шаҳрӣ куҷо бошад?

---

1. *Борӣ* – офаридгор, холиқ.
2. *Муин* – мададгор.

Чу лола ман сияҳдил гашта дар саҳрои пурандӯҳ,
Ба ин ҳолат муҳол аст ин, ки зеҳни кас расо бошад.

Алам гуфт ин суханро бо ҷанобат, кард ирсолаш,
Умедаш ин ки созӣ афв, гар ҳарфе хато бошад.

### *Ҷавоби Фаноӣ*

Сипоси Ҳақ, дуои хотири ёрон ба мо бошад,
Дуои он сафокешон маро оби бақо бошад.

Яқин медонамат, аз дудмони аҳли некони,
Ҳама авқот садри аҳли неконро сафо бошад.

Тарассуд[1] аз дуо дорам, магардонӣ фаромӯшам,
Дуоҳоят маро чун сояи боли ҳумо бошад.

Рақими[2] хайрият тарҷимашонро ҳудҳуди қосид,
Расонидам аз он Билқис, ки дар шаҳри Сабо бошад.

Тамоми ҷавҳараш дар риштаи хотир даровардам,
Надидам ҳеҷ ҳарфе, ки зи мазмун ӯ хато бошад.

Агарчи аҳли маънӣ нестам, лек ин қадар донам,
Низоми он накӯанҷом бечуну чаро бошад.

Ҳама аҳли салаф[3] дигар ба қишри хок пинҳонанд,
Ба ҳар ҳоле, ки бошад, навбати мову Шумо бошад.

Чаро мову Шумо аз гардиши аём менолем,
Ҳамеша модари айёмро ҷабру ҷафо бошад.

---

1. *Тарассуд доштан* – интизорӣ, умед доштан.
2. *Рақим* – мактуб.
3. *Салаф* – гузаштагон, аҷдод, бобоён.

Қабои хок ба сар рафта, к-онро аҳли нофарҷом,
Ҳамон беҳтар аз ин гуфтор: тарки момазо[1] бошад.

Дигар фармудаӣ, булбул ба фасли дай наменолад,
Ҳамеша андалеби аҳли маъниро наво бошад.

Дигар аз рустову аҳли он ҳар дам чи меноли̣,
Маро ҳам фикри он бошад, ки ҷоям русто бошад.

Чаро дар нуктасанҷӣ бандаро роҷеҳ[2] ҳамесозӣ,
Тамоми нуктасанҷонро камина хоки по бошад.

Зи узру ранҷи худ огоҳ кардӣ дардмандонро,
Илоҳо, ҷумла амрозат мубаддал бо шифо бошад.

Дуои субҳу шомам ҳаст, аммо ман гунаҳгорам,
Ки аз арбоби исён кай дуо кардан раво бошад?

Риҷомандам,[3] аз он ҷониб фаромӯшам магардонӣ,
Надорам ҳоҷати дигар, дуоят муддао бошад.

Агар тири дуои некбахтон дар камон бошад,
Зи шасти тирашон сайди иҷобат кай раҳо бошад?

Фаноӣ, то тавонӣ хоки пои некбахтон шав,
К-аз онҳо баҳравар гардиву ҳам зеҳнат расо бошад.

### ***Мактуби Аламӣ ба Фаноӣ***

Сипоси беадад Ҳақро, ки Раббулоламин бошад,
Чунин тӯтии хушгуфтор моро ҳамнишин бошад.

---

1. *Момазо* – гузашт, он чӣ гузашт.
2. *Роҷеҳ* – бартарӣ додан.
3. *Риҷоманд* – умедворӣ.

Яқин донистамат аз зумраи нозукрасон будӣ,
Кудурат дур аз бар ҳамчу мум аз ангубин бошад.

Зи баҳри раҳмати Яздон муяссар бошадат доим,
Шафоатхоҳи рӯзи ҳашр Хайрулмурсалин бошад.

Ба зери чархи пурофат ҳаёти ҷовидон ёбӣ,
Дучандон умр афзояд, само то бо замин бошад.

Бидидам ман зи мазмуни ҳумоюн нек таҳрират,
Ҷавоҳирҳои гуфторат ба дил нақши нигин бошад.

Худо аз офати арзу само бошад нигаҳдорат,
Агар мақбули Ҳақ гардад, дуои ман ҳамин бошад.

Касе к-ӯ дӯстӣ дорад ҷанобатро, бувад хуррам,
Адӯят дар ҷаҳон мағмуму зору ҳам ҳазин бошад.

Дуои хайр созӣ дар ҳақи ин муҷрими осӣ,
Ки «Мӯъмин ахвату мӯъмин»[1] бидон аз рӯи дин бошад.

Зи арбоби гунаҳ гуфтӣ, дуо кардан раво набвад,
Ба ҳар навъе дуои мӯъминон бо ҳақ қарин бошад.

Дигар он ки ба назди Ҳақ бувад доим хушӣ беҳтар,
Ки тасбеҳи муқарраб ҳам аминулмузнибин[2] бошад.

Чӣ донад қадри гулзори суханро зоғи беравнақ,
Машоми андалебонро чу атри анбарин бошад.

Хамӯшӣ, эй Алам, беҳтар, надорад гуфтаат қадре,
Дар ин даврон забони хома гарчӣ шаккарин бошад.

---

1. «*Мӯъмин ахвату мӯъмин*» – мӯъмин бародари мӯъмин аст.
2. *Аминулмузнибин* – нигаҳдори гунаҳгорон.

## *Ҷавоби Фаноӣ*

Сазовори ситоиш ҳазрати Ҳақ-ул-мубин бошад,
Ки коми талхам аз алтофи ёрон шаккарин бошад.

Зи ҷаври модари гетӣ чаро кулфат раво дорад,
Касеро дар муваддат[1] чун ту ёри нозанин бошад?

На ман танҳо ба гулзори баҳорат офарин дорам,
Тамоми нуктасанҷонро ба ҳарфат офарин бошад.

Агар ин аст роҳу расми пурсиш аз муҳибонам,
Сулаймонвор бахту толеам андар нигин бошад.

Зи ирқомат[2] бад-ин сон гар чӣ коҳам, ёд фармоӣ,
Суруди дил бувад, гарчи маро хотир ҳазин бошад.

Нагардад гар малоли хотири Осафмисоли[3] ту,
Зи дунон шиква кам кардам, ки ҳар як як тинин[4] бошад.

Агар қадри дуои осии ҷофӣ[5] ба Ҳақ бошад,
Саманди донишат бо офият дар зери зин бошад.

Дуои хосият иксири арбоби саодатро,
Тилои софу дур аз ғаш чу мум аз ангубин бошад.

Зи хурдон то калонон банда уммеди дуо дорам,
Дуои дудмони[6] нек иҷобатро қарин бошад.

---

1. *Муваддат* – садоқат, самимият.
2. *Ирқом* – мактуб.
3. *Осафмисол* – ба мисли Осаф (писари ҳазрати Довуд, ки бо зиракию доноӣ машҳур буд).
4. *Тинин* – мор, аждаҳо.
5. *Ҷофӣ* – ҷафокор, ҷабркунанда.
6. *Дудмон* – хешу табор, ёру дӯст.

Зи файзи раҳмати ҷовид он авлоди Ёсинро
Сафои ботину толеъ ба симову ҷабин бошад.

Салом аз мо расон, баргӯ Фаноиро дуо созад,
Мусаммо исми поки ӯ Бузурги поки дин бошад.

### *Мактуби Фаноӣ ба Аламӣ*

Вафо андар ниҳодам буд, аз баҳри ҷафо рафтам.
Чи суд ангушти ҳасратро газидан, гар хато рафтам?

Камар бастам чу Хизри зинда, то оби бақо ёбам,
Ба сӯи чоҳи ғафлат ҳамчу кӯри беасо рафтам.

Чӣ мепурсӣ зи мурғи толеи ақъақхисоли ман?
Ба каф н-омад, чу шоҳин гарчи дар авҷи ҳаво рафтам.

Ба дом омад маро сайди мурод, аммо гурезон шуд,
Наёмад бозпас, ҳарчанд баҳри илтиҷо рафтам.

Саёҳатпеша гаштам, то ки Мисри[1] хуррамӣ бинам,
Зи нокомӣ ба ногаҳ балдаи[2] «воҳасрато» рафтам.

Агар ин аст оҳи норасову дарди рӯзафзун,
Шавад ранҷам музоаф, гарчи бо дорушшифо рафтам.

Зи рӯи оҷизӣ ҳар дам маро дил дар шикаст омад,
Нашуд ҳосил, ба ҳар кӯе барои мӯмиё рафтам.

Намебудам агар маҳмилкаши бори ҷаҳон, ҳар дам,
Ба тавфи остони дӯст ҳар шому сабо рафтам.

Ба таҷриди алоиқ гар Фаноӣ чун Алам бошад,
Ба ҳар рӯзу шабе сад бор аз баҳри дуо рафтам.

---

1. *Миср* – яъне, кишвари умеду ормонҳо (ҳамчун идеал).
2. *Балда* – мамлакат, кишвар.

## *Ҷавоби Аламӣ ба Фаноӣ*

Биё бишнав, ки ман як нуктае аз ҳаҷр сар кардам,
Ҷаҳони розу сӯзи доғу ҳиҷрон бохабар кардам.

Агар як шаммае гӯям ман аз дарди фироқ охир,
Зи оҳу шевани худ оламеро гӯш кар кардам.

Бидидам бори ғам бар дӯш, хун аз дидаҳо ҷорӣ,
Дар ин дунёи ғампарвар ба ҳар кас як назар кардам.

Бидонӣ дафтари ғамро ба чандин сӯз бинвиштам,
Қалам, оҳи сиёҳиро, зи хуноби ҷигар кардам.

Касе як лаҳза гар шод аст, чандин лаҳза гирён аст,
Назар бар гардиши рафтори ин даври қамар кардам.

Даме бо ҷамъият чун ғунча омезам, агар як дам,
Шавам дар дам парешонҳол, хокеро ба сар кардам.

Ҳама хубон ба тороҷи фано зад турктози марг,
Аз ин рӯ синаро анбори оҳи пуршарар кардам.

Ба аввал оби ғамро рехта бар хоки Одам ҳам,
Бинобар з-ин сабаб ман кисвати ғамро ба бар кардам.

Ба тифлӣ, кошкӣ, бар хок мерафтам аз ин олам,
На майле бо зану фарзанд, фикри молу зар кардам.

Фалак зад аз ҳаводис сангро бар шишаи айшам,
Нафири дарднокеро чу най аз дил бадар кардам.

Дар ин гулшан сиҳисарве баногаҳ ӯ ҷудо афтод,
Зи ҳаҷраш дафтари ғам шӯҳра андар баҳру бар кардам.

Аз ин дори ду дар[1] «кӯчи раҳил баркаш!»
муқаррар шуд,
Садои «Алвидоъ» бар самъи худ аз бому дар кардам.

Гул аз боди аҷал гардад хазон, булбул ба афғон шуд,
Зи шеърам булбули дилдодаро бе болу пар кардам.

Расида шамси умраш бо заволу дар ғуруб омад,
Ки таърихи варо «ғарби гулу булбул»[2] бадар кардам.

Ман аз марсияи шеъри Фаноӣ об гардидам,
Ки оҳ бар лаб, Алам бар дил,
суханро мухтасар кардам.

---

1. *Дори ду дар* – хонае,ки ду дар дорад, дунё.
2. *Ғарб* – пинҳон шудан, фурӯ рафтан.

# МУХАММАСОТ

## МУХАММАС
## БАР ҒАЗАЛИ МАВЛОИ РУМ

Дарду сӯзи ошиқонро ишқи дилбар шоҳид аст,
Бин, ки Мансури Ҳусайнро(?) дору ханҷар шоҳид аст.
Сӯхтам чун уд[1] ҷонро дон, ки миҷмар[2] шоҳид аст,
Собитам, собитқадам, Аллоҳу Акбар шоҳид аст,
Дар тариқи бандагиям моҳи довар шоҳид аст.

Аз адам мавҷуд карда қодири қудратнамо,
Ин вуҷуди хокиён аз нури он шамъи ҳудо[3].
Ғайри ӯ дигар набошад ҳеҷ моро муддао,
Саҷда меорам ба зоти холиқи арзу само,
Дар яқинам масҷиду меҳробу минбар шоҳид аст.

Ҳар чӣ бошад кулли ашё, аз азал то бо абад,
Гашта мавҷуд ин ҳама аз сунъи Аллоҳусамад.
Он якеро хонд сӯяш, дигареро сохт рад,
Он Худованде, ки рӯзӣ медиҳад бо неку бад,
Оламу одам ба ризқи ӯ, муқаррар, шоҳид аст.

---

1. *Уд* – чӯбест, ки дар оташ гузорӣ, бӯи хуш медиҳад.
2. *Миҷмар* – зарфе, ки дар он сипанд ва удро дуд медиҳанд.
3. *Ҳудо* – ростӣ.

Мезанам миръоти[1] дил сайқал, ки занги мосиво,
Дур гардад то бигӯям ман санои Кибриё.
Бар дилам ҳаст орзуи васфи он бадруддуҷо,
Баъди ҳамди Ҳақ бигӯям наът ман аз Мустафо,
З-он ки дар васфи камолаш Чордафтар шоҳид аст.

Гар бувад умрам, ҳамеша васфи ӯ гӯям ба ҷон,
Мекунам охир фидои ному нангаш хонумон.
Ҳарфи исмаш бишнавам ҷорӣ друде бар забон,
То мақоми қоба-қавсайн рафт соид он замон,
З-ин ҳақиқат аршу курсӣ, ҳафт кишвар шоҳид аст.

Кай бувад лоиқ ба вассофи накӯи ӯ маро,
Лек аз шавқам ба дил дорам садое чун варо.
Нест Кисро ҳам ба қадри рафъаташ чуну чаро,
Сайиди олам – Муҳаммад, хоҷаи ҳар ду саро,
Сураи Тоҳо ба сони ӯ, муқаррар, шоҳид аст.

## МУХАММАСИ АЛАМӢ

Эй санам, хуштар зи қаддат сарв дар гулзор нест,
Ҳамчу зулфи ту муаттар нофаи тотор нест.
Беҳтар аз рухсори хубат лола дар кӯҳсор нест,
Ҳеҷ кас аз дарди ишқат мисли ман бемор нест,
Доруи дарди дилам ҷуз лаъли шаккарбор нест.

То ба кай, эй дилрабо, ҷабру ҷафо созӣ ба ман,
Сӯхта аз оташи ишқи ту ҷонам дар бадан.
Раҳм кун бар ҳоли зорам, эй маҳи гулпираҳан,
Ҳамчу Маҷнун рӯ ба ҳомун кардаам ман аз Ватан,
Ҳамдами дарду ғамам ҷуз нолаҳои зор нест.

---

1. *Миръот* – ойина.

Ҳар шабе, эй маҳ, ба ёдат нола дорам то саҳар,
Доимо андар фироқат мехӯрам хуни ҷигар.
Нест андар ҳаҷри рӯят сабру оромам дигар,
Шарҳи ишқатро бигӯям бо гирифторон агар,
Нест чашме, к-аз ғаму андӯҳи ту хунбор нест.

Гулшани рӯи ту бошад нурбахши ҷовидон,
Дар баҳористони васлат булбулон андар фиғон.
Қомати сарват бувад зеби гулистони ҷаҳон,
Интизорам бо каломат, эй бути ширинзабон,
Ҷуз дили ошиқ дигар ҷо махзани асрор нест.

Нест ғайр аз васли рухсори ту моро муддао,
То зи ҳаҷрат, эй нигоро, ранги ман шуд каҳрабо.
Бо маризони ғамат бахш аз зулоли лаб даво,
Хок гаштам дар раҳат, рафта ғуборам бар ҳаво,
Ман шаҳиди ишқаму бо ман аҷалро кор нест.

Будӣ, эй симинзақан, худ нури чашми ошиқон,
Қоматам аз бори ҳаҷрат хам шуда ҳамчу камон.
Мисли ту пурнур набвад меҳру маҳ бар осмон,
Нозанино, метавонӣ, дур шав аз нокасон,
Ҷони ман, гулдастаи ту зеби ҳар дастор нест.

То ба ёди оразат дилро чароғон кардаам,
Доимо дар арсаи ишқи ту ҷавлон кардаам.
Хуни дил аз роҳи дида қатраборон кардаам,
Оламеро ман зи шеван чашмгирён кардаам,
Чун Алам шайдои ту дар кӯчаю бозор нест.

## МУХАММАСИ АЛАМӢ

Сӯзи ишқат, эй парӣ, бар ҷони зорам карда кор,
Чашми ман гирён зи ҳаҷрат ҳамчу абри навбаҳор.

Лола аз рухсораи аҳмар хиҷил дар кӯҳсор,
Карда хам наргис сараш аз шарми чашми пурхумор,
Шав хиромон сӯи ман, эй маҳ, кунам ҷонро нисор.

Нест ташбеҳ бо рухи моҳат чу дар ҳуру парӣ,
Дар ҷаҳон корат набошад, эй санам, ҷуз дилбарӣ.
Ҳушу ҷони ошиқон бо ҷилваҳоят мебарӣ,
Аз тамоми моҳрӯёни ҷаҳон зеботарӣ.
Зикри ту вирди забонҳояст дар лайлу наҳор.

Мислат, эй маҳрӯ, набошад ҳеҷ дар насли башар,
Навшарора оташи ишқи ту дар ҷону ҷигар.
Сӯхт дар шамъи рухат парвона ҷону болу пар,
Васфи ҳуснатро бигӯям бо гирифторон агар,
Нола аз дил баркашанду гиряҳо созанд зор.

Нури чашми одамӣ будӣ, ту эй симинбадан,
Сӯхта аз оташи ишқи ту ҷонам дар бадан.
Сабру ороме надорам, эй маҳи гулпираҳан,
Ҳамчу Маҷнун рӯ ба ҳомун карда, дурам аз Ватан,
Мекашам шому саҳар дар ҳаҷр оҳи пуршарор.

Қоматат сарви хиромон аст, эй байзоҷабин,
Оразат моҳи фалак ё шамъ дар рӯи замин.
Ҷаъди гесӯят бувад гулдастаи Хулди барин,
Об шуд дар буттаи ҳаҷри ту ин ҷони ҳазин.
Ман шаҳиди ишқаму бо ман аҷалро нест кор.

Дуди оҳам мебарояд ҳар шабе бар осмон,
Қоматам аз бори ҳаҷрат хам шуда ҳамчун камон.
Сабру оромӣ надорам, эй маҳи номеҳрубон,
Бар Алам як марҳамат созӣ, ки ҳастам нотавон,
Гарчи ман бо ошиқон асло набошам дар шумор.

## МУХАММАС
## БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Ман ба дил дорам хаёли сайри бӯстони шумо,
Бар машоми ҷон расад бӯи гулистони шумо.
Зиннати дорайн шуд аз рӯи тобони шумо,
«Эй фурӯғи моҳи ҳусн аз рӯи рахшони шумо,
Обрӯи хубӣ аз чоҳи занахдони шумо».

То кай аз нори фироқат, эй санам,сӯзон шавам,
Аз ҷудоӣ ҳар нафас бо чашми хунафшон шавам.
Даври гулзори рухат чун булбулон нолон шавам,
«Кай диҳад даст ин ғараз, ё Раб, ки ҳамдастон шаванд,
Хотири маҷмӯи мо, зулфи парешони шумо».

Ҳусни оламсӯзи ту аз санъати Раб омада,
З-ин сабаб донистаам ман з-он мусаббаб омада.
З-оташи ишқи ту ҳам бар ҷон муаттаб омада,
«Азми дидори ту дорад ҷони бар лаб омада,
Бозгардад, ё барояд, чист фармони шумо»?

Бо асирони ғамат, эй шӯхи барно, бигзарӣ,
Бо қади ларзону бо он рӯи зебо бигзарӣ.
Сӯи муштоқон ту бо зулфи сумансо бигзарӣ,
«Дур дор аз хоку хун доман чу бар мо бигзарӣ,
К-андар ин раҳ кушта бисёранд, қурбони шумо».

Сӯхт ҷонам, эй парӣ, дар ҷисму ҷонам хорият,
Хуни дил бо роҳи дида рехт аз дилдорият.
Доимо бо худ кашам аз дасти ҳиҷрон хорият,
«Кас ба даври наргисат тарфе набаст аз офият,
Беҳ, ки нафрӯшанд мастурӣ ба мастони шумо».

Бори ҳаҷрат бар сарам гашта,надорам тоқате,
Мекунам оҳу фиғон аз фурқатат ҳар соате.

Раҳм бар ҳоли ман охир, ёри соҳибфитрате,
«Эй шаҳаншоҳи баландахтар, Худоро, ҳиммате,
То бибӯсам ҳамчу гардун хоки айвони шумо».

Бе висолат рафта умрам чун тири (?) барҷастае,
Таҳ ба таҳ гашта дилам дар ишқи ту хун бастае,
Рӯзу шаб чашми ман аз дасти фироқат хастае,
«Бо сабо ҳамроҳ бифрист аз рухат гулдастае,
Бӯ, ки бӯе бишнавем аз хоки бӯстони шумо».

Эй азизон, қиссаи ағёрро кӯтаҳ кунед,
Метавонед, ар ба кӯи он нигорам раҳ кунед.
Арзи ҳоли мустамандон ҷумла бо он маҳ кунед,
«Дил харобӣ мекунад,дилдорро огаҳ кунед,
Зинҳор, эй дӯстон, ҷони ману ҷони шумо».

Бе мазоқи лаъли хубон шуд асал дар ком таъм(?),
Дил наво дорад зи мизроби ғамат чун зеру бам,
Аз шароби лаъли нӯшинат насибам гашта кам,
« Умратон бодо дароз, эй соқиёни базми Ҷам,
Гарчи ҷоми мо нашуд пурмай ба даврони шумо».

То ба ёди рӯи ҷонон гаштаам бе пову сар,
Метапад дил дар барам, хуноб гардида ҷигар.
Як даме ояд ба пешам он маҳи вологуҳар,
«Бахти хоболуди мо бедор хоҳад шуд магар,
З-он ки зад бар дида обе рӯи рахшони шумо».

Эй санам, моҳи фалак монанди ту пурнур нест,
Ташбеҳи рӯи ту бо хулди барин дар ҳур нест.
Ҳеҷ кас дар ишқи ту чун ман вале ранҷур нест,
«Гарчи дурем аз бисоти қурб, ҳиммат дур нест,
Бандаи шоҳи шумоему санохони шумо».

Эй Алам, донӣ,суханро хубтар аз ин бигӯ,
З-он маҳи некӯшамоил мадҳ бо тазйин[1] бигӯ.
Бо муҳибон васфи ӯро аз дилу аз дин бигӯ,
«Мекунад Ҳофиз дуое, бишнаву омин бигӯ,
Рӯзии мо бод лаъли шаккарафшони шумо».

## МУХАММАС
## БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Бодо ба қадди ёрам сарви чаман хамида,
Оҳу ба дашту саҳро аз чашми ӯ рамида.
Ташбеҳи рӯи дилбар кас дар башар надида,
«Доманкашон ҳамешуд дар шурби зар кашида,
Сад моҳрӯ зи рашкаш ҷайби қасаб дарида».

Он ҳусни рӯзафзун, ӯро Илоҳ дода,
Сонеъ зи санъати худ хубӣ бар ӯ ниҳода.
Дар фурқати муҳаббат дилҳои мо фитода,
«Ёқути ҷонфизояш аз оби лутф зода,
Шамшоди хушхиромаш дар ноз парварида».

Он маҳ гузашт (?) ба ҷавлон, ӯро саманди чобук,
Шуд баҳри қайди дилҳо зулфаш каманди чобук.
Дар ҳалқаи муҳаббат ҷон кард банди чобук,
«Лафзе фасеҳи ширин, қадде баланди чобук,
Рӯе латифу дилкаш, чашме хуши кашида».

Аз ҷамъи хубрӯён бошад нигори ман хуб,
Аз лафзи Ҳақ ҳамеша бар оламест маҳбуб.
Гарди қудуми ӯро созам ба дида ҷорӯб,
«Он лаъли дилкашаш бин в-он хандаи дилошӯб,
В-он рафтани хушаш бин в-он гоми орамида».

---

1. *Тазйин* – ороиш, зиннат, суханпардозӣ.

Ҳам оламе надорад, ташбеҳи ҳусну зебат,
Эй шаҳсавори маънӣ, бӯсам зи ҷон рикебат.
Хулқи азим додат, чун кӯҳ бувад шикебат,
«То кай кунӣ итобам з-он чашми дилфиребат,
Рӯзе карашмае кун, эй нури ҳар ду дида».

Ҷон аз ҷудоии ӯ бесабру бе сукун шуд,
Дил аз фироқи ҷонон чун лола ғарқи хун шуд.
Бе васли рӯи дилбар ҳолам басе забун шуд,
«Он оҳуи сияҳчашм аз доми мо бурун шуд,
Ёрон, чӣ чора созам бо ин дили рамида»?

Бошад ба ёдат, эй маҳ, чашмам ҳамеша хунбор,
Ҳаҷрат ҳамерасонад бар ҷони зорам озор,
Эй дилбари ягона, ишқат бувад ситамгор,
«Зинҳор, то тавонӣ, аҳли назар маёзор,
Дунё вафо надорад, эй нури ҳарду дида».

Дорам ба дил ҳамеша шармандагии Хоҷа,
Созам ба худ мубоҳот аз зиндагии Хоҷа.
Ҳастем сарфароз аз фархундагии Хоҷа?
«Сад шукр боз гӯям дар бандагии Хоҷа,
Гар уфтад ба дастам он меваи расида».

Худ,эй ғизоли мушкин, аз назди мо рамидӣ,
Сӯи ҳақири зорат аз марҳамат надидӣ.
Эй ҷон, аз ин дилафгор доман чаро кашидӣ?
«Ҳар бад, ки гуфт душман, дар ҳаққи мо шунидӣ,
Ё Раб, ки муддаъиро бодо забон бурида».

Гашта Алам сухангӯ, то дида шуд зи Ҳофиз,
Абёти дилкашеро варзида шуд зи Ҳофиз.
Якчанд лафзу маънӣ санҷида шуд зи Ҳофиз,
«Гар хотири шарифат ранҷида шуд зи Ҳофиз,
Боз о, ки тавба кардем аз гуфтаву шунида».

# МАСНАВӢ

Ало, эй бародар, ту ҳушёр шав,
Бимолӣ ду дида, хабардор шав.

Агар оқилӣ, гир пандам басе,
Ки дунё надорад вафо бо касе.

Ба умри ду-серӯза ҳаргиз маноз,
Бадар кун зи дил ҷумлагӣ иарсу оз,

Ба ёди Худо бошу хилват нишин,
Масозӣ ҳавас ҳеҷ бо ону ин.

Набошад касе ҷуз Худо ёри ту,
Ба ҳар ду ҷаҳон ҳаст ғамхори ту.

Бикун рӯй бо даргаҳи бениёз,
Ки розат бидонад чу донои роз.

Ба ҷуз ӯ туро маҳрами роз нест,
Яқин дон, варо ҳеҷ анбоз[1] нест.

Бикун хешро аз алоиқ ҷудо,
Шабу рӯз аз ҷону дил гӯ Худо.

---

1. *Анбоз* – шарик, ҳамдам.

Ғанимат шуморӣ ту умрат, яқин,
Бидон ҳар нафасро ту аз вопасин.

Машав ғарра бо умрат, эй нури айн,
Ба мӯҳлат туро мурданат ҳасту ин.

Манозӣ ту, эй хоҷа, бо молу ҷоҳ,
Ки мор аст молат туро ҷойи чоҳ.

Мабандӣ ту дилро ба дунёи дун,
Зи шоҳони олам бирезанд хун.

Куҷо шуд Сулаймони олинишон?
Куҷо рафт Ҷамшеди соҳибқирон?.

Фаридуну Доро намонда, фусӯс,
Куҷояст Искандари Файлақус?

Ки Аврангу ҳам Ганҷавӣ шуд хароб,
Бишуд мунҳадим қасри Афросиёб.

Ба сар, эй бародар, агар дорӣ (?) ҳуш,
Зи ман ин насиҳат бигирӣ ба гӯш.

Агар умр бошад туро сад ҳазор,
Бувад масканат гӯр, пурмӯру мор.

Ба хокат кунад даҳри дун поймол,
Надонанд он ҷо туро чист ҳол.

Бикун кори хуш, бар ту дармон шавад,
Ки тира мағокат гулистон шавад.

Хушо, ҳоли оне ба имдод рафт,
Ки ӯ аз алоиқ чи озод рафт.

Мабанд, эй ахӣ, дил ба ин золи даҳр,
Яқин дон туро хун бирезад ба қаҳр.

Макун, оқило, ҳеҷ гаҳ ихтилот,
Набинӣ ту роҳат ба кӯҳнаработ.

Дар ин дайри пурмеҳнату бемадор,
Наёбӣ ту роҳат, намонӣ қарор.

Ҳамон беҳ, ки пайдо кунӣ родроҳ,
Бувад зод[1] дар ишқи ӯ дарду оҳ.

Сабуктар зи ҷо хез, эй бехабар,
Ки роҳат дароз асту ҳам пурхатар.

Биҷӯ раҳ, намонӣ пас аз ҳамраҳон,
Зи ҳамроҳии корвон ҳаст амон.

Аз ин корвон гар ту пинҳон шавӣ,
Ки филҳол он дам пушаймон шавӣ.

Ки корат зи танҳоӣ гардад сақим[2],
Ба ҳомун туро мерасад хавфу бим.

Ҳаросон зи ғӯли биёбон шавӣ,
Ки тарсон ту аз хавфи дуздон шавӣ.

Лаби хушк монӣ ба ҳомуни ғам,
Забонат ба зорию чашмат ба нам.

---

1. *Зод* – тӯша, хӯрок, тӯшаи роҳ.
2. *Сақим* – хато.

Ки чашмат бувад нозири пешу пас,
Ба ҷуз Ҳақ туро кист фарёдрас.

Бикун рӯй бар даргаҳи Ҳақтаол,
Ба дорайн буд ин туро ҳайр ҳол.

Бикард аз адам ҳаст мавҷуди ту,
Ба ҳар ду ҷаҳон ҳаст маъбуди ту.

Парастори ӯ бош, эй булфузул,
Нишинӣ ба узлат ба хони қабул.

Ки корат барорад ба фаълаш Худо.
Кунад дарди ҷони туро ӯ даво.

Алам, рӯй бар сӯи Аллоҳ кун,
Ту охир мақолот[1] кӯтоҳ кун.

---

1. *Мақолот* – гуфтор, нутқ, сухан.

# СОҚИНОМА

Биё, соқиё, ҷоми аҳмар бидеҳ,
Шавам масту махмуру дигар бидеҳ.

Ба мастӣ бигардад дилам дарднок,
Зи олоиши ҷурм гардам, чу пок.

Биё, соқӣё, май зи минои дил,
Маро бахш, филҳол созам биҳил.

Зи гармӣ сарамро ба ҷӯш оварад,
Дилу ҷони ман дар хурӯш оварад.

Биё, соқиё, май зи ҷоми висол,
Ба ман деҳ, ки бахшад маро кайфи ҳол.

Зи ишқаш диҳад зуд огоҳиям,
Шавад ҷорӣ (?) дарди саҳаргоҳиям.

Биё, соқӣ он бодаи софро,
Бидеҳ, то намояд чу инсофро.

Ба дил то равам рост андар тариқ,
Ки шояд, ки тавфиқ гардад рафиқ.

Биё, соқӣ, (?) деҳ бар ман он ҷоми мул,
Чу булбул шавам дар наво даври гул,

Ба сайри гулистон чи завқ оядам,
Ки ҳам бо дилу дида шавқ оядам.

Биё, соқӣ,(?) ҷоми булурин бидеҳ,
Шифо баҳри ин ҷони ғамгин бидеҳ.

Ки масрур гардад дилам дарзамон,
Зи фисқу зи бидъат биёбам амон.

Бидеҳ, соқиё, бар ман ибриқи май,
Барам то зи мардони ин роҳ пай.

Нишон ёбаму даст (?)дарозӣ кунам,
Ниҳонӣ ба ӯ ишқбозӣ кунам.

Биё, соқӣ, он май ба ту ҳаст аён,
Ба саҳбои дил рез дар як замон.

Зи кайфияти ӯ чу мастӣ кунам,
Шавам бехуду майпарастӣ кунам.

Биё, соқӣ, он бодаи лаългун,
Бидеҳ, то раҳо ёбам аз даҳри дун.

Шавам огаҳ аз ҳолу асрори худ,
Ба ӯ вогузорем мо кори худ.

Биё, соқӣ, он май ба ҷӯш омада,
Зи мастии худ дар хурӯш омада.

Ба ман деҳ, ки дил гардад аз занг соф,
Ки ҳам хӯрдани май ба ман шуд маоф.

Биё, соқӣ, (?) пур кун зи май ҷоми мо,
Бизан сиккаи мастӣ (?) бари номи мо.

Аз ин ҳол гардам ба ҳоли дигар,
Зи кайфияти май шавам бохабар.

Зи май, соқиё, ҷом саршор кун,
Манам ташналаб, ту хабардор кун.

Кашам, то шавад таскин (?) аз дил шарор,
Равад аз сари ман чу ранҷи хумор.

Биё, соқиё, рӯ ба майхона кун,
Пур аз баҳри ман зуд паймона кун.

Ба як дам кашам бодаи ҳавлнок,
Шавам бехуду рӯй молам ба хок.

Биё, соқӣ, (?) бар ман тараҳҳум намо,
Бибахшо маро бодаи дилкушо.

Фараҳманд гардам ман аз ҷоми ту.
Ки миннат барам ҳам зи инъоми ту.

Бидеҳ, соқӣ, он кимиёи мурод
Маро, то бигардад дил аз ғам чу шод.

Нафире барорем бо дарду оҳ,
Ки ҳар шаб бинолем то субҳгоҳ.

Биё, соқӣ, эмин машав аз ҷаҳон,
Бирехт (?) ин аҷуза чӣ хуни касон.

Ҳамон беҳ, ки бар ғам сабурӣ кунем,
Ки як дам зи меҳраш чу дурӣ кунем.

Ҳамон аст ин бешаи пуршарор,
Намонад ба ин ҷо касе пойдор.

Ҳамон аст ин манзили гирдбод,
Ки барбод зад қаср аз Кайқубод.

Ҳамон аст ин дашти бе пову сар,
Димор[1] аз Фаридуну Ҷам зад бадар.

Зи Дорову Искандари номдор,
Зи боди ҳаводис намонда ғубор.

На Хусрав бимонда, на Афросиёб,
Ки аврангу қасри ҳама шуд хароб.

Намонда ба ҷуз ном з-онҳо нишон,
Бирафтанд пурҳасрат аз ин ҷаҳон.

Алам, бош воқиф бар аҳволи худ,
Бихӯр, гар тавонӣ, ғами ҳоли худ.

---

1. *Димор* – ҳалокат, несту нобуд.

# РУБОИЁТ

Абрӯи ту ҳамчун маҳи нав хам зада буд,
Ҳам сабри маро ҳусни ту барҳам зада буд.
Аз ҳастии ту ҳеҷ саре холӣ нест,
Ҳар дил зи ғами ишқи ту мотамзада буд.

Аз ҳаҷри нигорам дили зоре дорам,
Аз бодаи васли ӯ хуморе дорам.
Сад шукр, ки андар паи ин боди хазон
Гулзори хушу тозабаҳоре дорам.

Доим зи ғами ёр чу дар сӯзу гудозам,
Шояд ба ҳақиқат кашад ин фикри маҷозам.
Осуда шабе бошаду хуш соати саъд,
Ҳамсӯҳбати ҷонӣ бувад он маҳрами розам.

Рӯзе, ки маро ба хок бошад гузарам,
Зоде бибарам, вале дароз аст(?) сафарам.
Оҳ аз ману ҳоли ман, надонам чӣ барам,
Он зод кадом? – оҳу надам чашми тарам.

Ҷонона, ба ёди рӯи зебои туам,
Доим ба хаёли қади болои туам.
Ҷуз меҳри ту андар дили ман чизе нест,
Андар ҳаваси лаъли шакархои туам.

Ҷуз фикри туам хаёли дигар набувад,
Чун лаъли лабат зулол Кавсар набувад.
Аз накҳати зулфи ту димоғ атрогин,
Хушбӯтар аз он сунбулаи тар набувад.

Тобанда чу рӯят маҳи анвар набувад,
Бо қадди хушат сарв баробар набувад.
Дил моили он орази зебои ту шуд,
Ташбеҳ ба рухат лолаи аҳмар набувад.

Ман дар талаби он ки ба бозор шавам,
Ҷон бахшаму васли ту харидор шавам.
Майли дилат, эй нигор, бо ман бошад,
Ҷуз васли ту безор зи ағёр шавам.

Ҳар дам ба дилам ғами фироқи ёр аст,
Ҳар лаҳза маро шавқи рухи дилдор аст.
Ҳар шому саҳар, ки дорам уммеди давом,
Дида ба раҳи назораи дидор аст.

Эй дӯст, туро бинам ба як бори дигар,
Хоки кафи пои ту кунам кӯҳли басар.
Аз сӯҳбати ту ҷои гурезам набувад,
Нақше баста меҳри ту бар ҷону ҷигар.

Он маҳ, ки зи бурҷи дилбарӣ рӯй намуд,
Ҳушу дили ушшоқ чу якбора рабуд.
Аз талъати ӯ рехт таҷаллӣ ба ҷаҳон,
Равшан чу рухаш ҳам Маҳу Хуршед набуд.

Гуфтам, ки туро назар ба дидор кунам,
Сирри дили хешро падидор кунам.
Аз бахти забун нишаста дар водии ҳаҷр,
Аз толеъи носози худ озор кунам.

Фарёд, ки субҳи айши моро шом аст,
Афсӯс, ки ин пухтагии мо хом аст.
Хондем зи Афлотуну (?) доно гаштем,
Фаҳмидани илми мо чу ҷаҳле том аст.

Дар бутаи ишқи ёр об аст дилам,
Аз оташи ҳаҷри ӯ кабоб аст дилам,
Чун булбули ҷӯлида зи ғам нолонам,
Аз дарди фироқи ӯ хароб аст дилам.

Эй дӯст, туро ба хоб бинам ҳар шаб,
Дилро зи ғамат хароб бинам ҳар шаб.
Бедор шавам, набинамат дар бари хеш,
Ин дидаи худ пуроб бинам ҳар шаб.

Ҳар дил, ки зи сӯзи ишқ савдо дорад,
Пайваста ба кори хеш ғавғо дорад.
Ӯ донаду ишқу ҷилваҳои маъшуқ,
Ҳар бехабар аз ишқ чӣ парво дорад.

Ман бандаи онам, ки зи ишқ огоҳ аст,
Дар дини Муҳаммади Расулуллоҳ аст.
Аз сидқ яқини ӯ ба ҳар шому саҳар,
Гӯяндаи ло–илоҳа Иллаллоҳ аст.

Ё Раб, ба дарат ҷумла паноҳ оварда,
Ҳам тӯҳфа ба назди подшоҳ оварда.
Ҳам аҷзу ниёзу зора, ҳам оҳу надам,
Мискин Аламӣ нома сиёҳ оварда.

## ҚАТРА

Моҳи фалак анвор шуд аз нури ҷамолат,
Қавси қузаҳе бастаи абрӯи ҳилолат.
Ҷон майли зулоли лаби хандони ту дорад,
Аз даст бирафта дил – асири хату холат.

## СОЛИ ХАТМИ КИТОБ

Ин нусха ба оқилон чу аҳбоб омад,
Бо бехирадон фасонаву хоб омад.
Ҳар кас, ки зи қисматаш бипурсад, баргӯ:
«Донӣ ту яқин, ки таи ғарқоб омад».

## РӮЗИ ХАТМИ КИТОБ

Ба авни[1] Ҳақ камар бастам ба ҳиммат,
Ки донистам нафасро ман ғанимат.
Рақам кардам ба дафтар ҷумла абёт,
Ба душанбе навиштам тои таммат[2].

Ҳар кас ки назар маро ба абёт кунад,
Аз меҳру вафо ба Ҳақ муноҷот кунад.
Гар дар ҳақи ман фотеҳа хонад, Ихлос,
Ҳақ дар ду ҷаҳон дафъи балоёт[3] кунад.

---

1. *Авн* – ёрӣ, мададгорӣ.
2. *Таммат* – анҷом, охир.
3. *Балоёт* – балоҳо, офатҳо.

МУНДАРИҶА

Сарсухан .......... 3
Ғазалиёт .......... 22
Ташреҳи як суруди ирфонӣ дар таснифи Аламӣ .. 193
Мукотибаи Аламӣ бо шоир Фаноӣ .......... 195
Мухаммасот .......... 203
Маснавӣ .......... 211
Соқинома .......... 215
Рубоиёт .......... 219
Қатра .......... 222
Соли хатми китоб .......... 222
Рӯзи хатми китоб .......... 222

**АЛАМ**

**МУНТАХАБОТ**

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Ҳуруфчини компутерӣ *Ҳ.Ҷӯраева*

Ба матбаа 7.07.2008 супурда шуд. Ба чопаш 10.07.2008 иҷозат шуд. Коғази офсетии № 1, чопи офсетӣ. Андозаи 84x108 1/32 Ҷузъи чопӣ 7. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,19. Адади нашр 700 нусха. Супориши №. 50. Нархаш шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218.